DCAF POLICE PROGRAMMES
БАРНОМАҲОИ НДҚМ БАРОИ ПУЛИС

# Тавсиянома

The Geneva Centre for the Democratic Control of Armed Forces

**ШӮРОИ АВРУПО**
**КУМИТАИ ВАЗИРОН**

# Тавсиянома (2001) 10
# 9-сентябри соли 2001 аз ҷониби Кумитаи Вазирони Шӯрои Аврупо қабул гардидааст бо шарҳу эзоҳ Директорати генералии I – оид ба масоили ҳуқуқӣ

*Тавсияи Rec (2001)10 Кумитаи вазирон*

*Ба давлатҳои узви Шӯрои Аврупо аз 19 сентябри соли 2001 аз рӯи Кодекси аврупоии этикаи полис*

*(19 сентябри соли 2001 аз ҷониби Кумитаи Вазирон дар ҷаласаи 765-уми ҷонишинони вазирон қабул шудааст)*

# Муқаддима

Кумитаи Вазирон, мувофиқи муқаррарти Моддаи 15.b Оинномаи Шӯрои Аврупо,

Ёдрас менамояд, ки ҳадафи Шӯрои Аврупо фароҳамории иттиҳоди зичтар байни аъзоёни вай мебошад;

Дар мадди назар дорад, ки ҳадафи Шӯрои Аврупо инчунин мусоидат ба волоияти қонун мебошад, ки он барои ҳар як низоми дар ҳақиқат демократӣ чун асос хизмат менамояд;

Меҳисобад, ки низоми адлияи ҷиноӣ дар ҳимояи волоияти қонун нақши асосӣ дошта, полис, дар навбати худ дар низоми номбурда нақши муҳимтаринро дорад;

Бо дарк намудани он, ки ҳамаи давлатҳои узвиятдошта, мубориза самаранок бо ҷиноятқорӣ чӣ дар миқёси миллӣ ва чӣ байналхалқиро зарур мешуморанд;

Меҳисобад, ки амалҳои полис бояд ба андозаи зиёд дар робитаи зич бо аҳолӣ амалӣ гашта, самаранокии он аз дастгирии аҳолиӣ вобаста мебошад;

Бо эътирофи он, ки аксарияти хадамоти полиси Аврупо – бо баробари таъмин намудани риояи қонун – нақши иҷтимоиро низ иҷро намуда, ба ҷомеа хизмат мерасонад;

Эътимоди комил дорад, ки боварии аҳолӣ ба полис бо мавқеъ ва рафтори полис нисбати ҳамин аҳолӣ зич алоқаманд мебошад, бахусус дар он намуде, ки дар Эъломия аврупоӣ дар бораи ҳимояи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои бунёдӣ муқаррар шудаанд, аз ҷониби полис риоя шудани шаъну шараф ва ҳуқуқу озодиҳои бунёдии инсон* (European Convention for the Protection of Human Rights and Fundamental Freedoms);

Принсипҳои дар Кодекси рафтори Созмони Миллали Муттаҳид барои шахсони ба истифодаи қонунҳо ва қарордодҳои Ассамблеяи Парлумонии Шӯрои Аврупо оид ба Эъломия дар бораи полис масъул буда, баёншударо ба назар гирифта;

Принсип ва қоидаҳои дар ҳуҷҷатҳои бо полис алоқаманд баёнгашта, (аз нуқтаи назари ҳуқуқҳои ҷиноӣ, граҷданӣ ва авомӣ, инчунин қонунгузорӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон), ки Кумитаи вазирон тасдиқ намудааст, қарору фармонҳои Суди аврупоӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва дар бораи принсипҳои Кумита оид ба пешгирии шиканҷа ва муносибат ва ҷазои ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъни шарафи инсонро пастзананда (European Committee for the Prevention of the

Torture and Inhuman or Degrading Treatment or Punishment – CRT, минбаъд КПШ) тасдиқнамударо дар хотир дошта;

Мухталифияти сохтори полис, инчунин ташкили фаъолияти полисро дар Аврупо эътироф намуда;

Зарурати муқаррар намудани принсип ва меъёрҳои ягонаи аврупоӣ, ки имкони муайян намудани ҳадафҳои стратегии полис, усулҳои фаъолияти вай ва таъмин намудани ҳисоботдиҳиро ба ҷомеа фароҳам оварда, инчунин амният ва риоя намудани ҳуқуқҳои инсонро дар давлати демократӣ, ки он ҷо волоияти қонун кафолат дода мешавад;

Ба ҳукуматҳои давлатҳои узв тавсия медиҳад, ки бо мақсади батадриҷ ба амалия ҷоринамоӣ ва эҳтимоли густариши фарохи он, дар доираи санадҳои қонунгузории дохилии худ ва кодекси рафтори полис, принсипҳои дар «Кодекси аврупоии этикаи полис» дарҷгаштаи ба Тавсияномаи мазкур замимашуда амал намоянд.

Замима ба Тавсияномаи Rec (2001)10

Муайян намудани доираи татбиқ

Кодекси мазкур нисбати воҳидҳои сохтории маъмулӣ ва хадамоти полиси давлатӣ ё аз ҷониби дигар мақомоти ҳокимияти умумӣ иҷозатшуда ва/ё назоратшаванда, ки мақсади асосии онҳо таъмин намудани риояи қонун ва тартибот дар ҷомеаи шаҳрвандӣ буда, ба онҳо давлат барои муваффақ шудан ба ҳадафҳои мазкур истифода намудани қувва ва/ё ваколатҳои махсусро иҷозат медиҳад, мавриди истифода қарор мегирад.

## I. Ҳадафҳои полис

1. Ҳадафҳои асосии полис дар ҷомеаи демократӣ, ки аз ҷониби принсипҳои волоияти қонун ба танзим оварда мешаванд, инҳоянд:

–таъмин намудани осудагии ҷамъият, риояи қонун ва тартибот дар ҷомеа;

–ҳимоя ва риоя намудани ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон дар он намуде, ки онҳо муқаррар шудаанд, аз ҷумла дар КАҲИ;

–тадбирҳои пешгирии ҷинояткорӣ ва мубориза алайҳи онҳо;

–ошкор ва тафтишоти ҷиноятҳо;

–кӯмак ва хизматрасонӣ ба аҳолӣ;

## II. Асосҳои ҳуқуқии кори полис ҳангоми риоя намудани принсипҳои волоияти қонун

2. Полис мақомоти давлатӣ мебошад, ки бояд дар асоси қонун таъсис дода шавад.

3. Амалиёти полис бояд ҳамеша тибқи қонунгузории миллии давлат ва меъёрҳои байналхалқии давлати мазкур қабулнамуда гузаронида шавад.

4. Қонунгузории полисро батанзиморанда бояд барои шаҳрвандон дастрас ва ба таври кофӣ саҳеҳу дақиқ бошад; дар сурати зарурат вай бояд бо дигар санадҳои меъёрии барои шаҳрвандон фаҳмо пурра карда шавад.

5. Кормандони полис таҳти амали ҳамон қонунҳое, ки нисбати шаҳрвандони оддӣ истифода мешаванд, қарор мегиранд; истисно аз принсипи мазкур танҳо вакте ки онҳо ба таъмин намудани фаъолияти дурусти полис дар ҷомеаи демократӣ нигаронида шудаанд, асоснок ҳисобида мешаванд.

## III. Полис ва низоми адлияи ҷиноӣ

6. Байни нақши полис ва дигар ниҳодҳои адлияи ҷиноӣ, прокуратура, суд, низоми пенитенсиарӣ (корҳои ҷазодиҳӣ-ислоҳӣ) бояд тафовути аниқе гузошт; полис набояд аз болои мақомотҳои мазкур ягон ваколати назораткунанда дошта бошад.

7. Полис бояд ба таври қатъӣ принсипи мустақилият ва беғаразии судяҳоро риоя намояд; аз ҷумла, полис набояд муқобили қарорҳои ба таври қонунӣ баровардашуда ё қарори суд эътироз намояд ва на барои иҷроиши он монеа бунёд намояд.

8. Полис, маъмулан, набояд вазифаҳои судиро иҷро намояд. Ҳама гуна додани ваколати судӣ ба полис бояд маҳдуд ва бо қонун пешбинӣ шуда бошад. Ҳама вақт бояд нисбати ҳама гуна амал, қарор ё беамалии полис, ки ба ҳуқуқҳои шаҳрвандон дахл доранд, имкони эътирознамоӣ дар суд мавҷуд бошад.

9. Ҳамкории самаранок ва ба таври бояду шояд ба роҳ мондаи полис ва прокуратура лозим аст. Дар он давлатҳое, ки полис ба прокуратура ё судяҳои тафтишотӣ тобеъ мебошад, вай дар бораи афзалият дар соҳаи тафтишоти ҷиноӣ ва гузаронидани чунин тафтишот бобати ҳар як ҳодисаҳои аниқ бояд дастуроти дақиқ гирад. Полис уҳдадор аст ба судяҳои тафтишотӣ ё прокуратура оид ба чӣ тавр иҷро

шудани дастуроти онҳо иттилоъ диҳад, аз ҷумла бояд мунтазам дар бораи рафти тафтишоти парвандаҳои ҷиноӣ ҳисобот диҳад.

10. Полис бояд ба накши ҳимоячӣ дар мурофиаи судии ҷиноӣ бо эҳтиром муносибат намояд; инчунин, ҳангоми зарурат – ба амалигашти воқеии ёрии ҳуқуқӣ нисбати ҳуқуқҳои шахсони аз озодӣ маҳрумшуда мусоидат намояд..

11. Полис набояд бо худ кормандони муассисаҳои петенсиариро иваз намояд, ба истиснои ҳолатҳои фавкулодда.

## IV. Сохтори ташкилии полис

*А. Муқаррарот умумӣ*

12. Полис бояд чунон ташкил шуда бошад, ки аҳолӣ ба кормандони вай нисбати иҷроиши касбии талаботи қонун ва хизматрасонӣ ба ҷомеа ҳисси эҳтиром дошта бошанд.

13. Ташкилотҳои полис, ки вазифаҳои худро дар шароити ҷомеаи шаҳрвандӣ иҷро менамоянд, бояд ба ҳокимияти шаҳрвандӣ тобеъ бошанд.

14. Полис ва кормандони ҳамаи хадамоти он, ки либоси расмӣ дар бар доранд, бояд зуд шинохташаванда бошанд.

15. Полис бояд ҳангоми иҷро намудани вазифаҳои ба зиммааш гузошташуда, ки нисбати онҳо масъулияти пурра дорад, аз дигар мақомоти давлатӣ мустақилияти фаврии кофӣ дошта бошад.

16. Кормандони ҳамаи сатҳҳои хизматии полис бояд барои амал, беамалӣ ё фармонҳои ба тобеъон додаи худ шахсан ҷавоб диҳанд.

17. Дар ташкилоти полис бояд мартаботи муайяншудаи мушаххас мавҷуд бошад. Ҳама вакт бояд имкони муайян намудани сардор, шахси бевосита барои амал ё беамалии кормандони полис масъулбуда, мавҷуд бошад.

18. Кори полис бояд тавре ташкил шуда бошад, ки боиси рушди муносибати мӯътадил бо аҳолӣ гашта, ҳангоми зарурат – бо дигар идора, мақомоти идоракунии маҳаллӣ, ташкилоти ғайридавлатӣ ва дигар намояндагони аҳолӣ, аз ҷумла аққалияти этникӣ ҳамкории воқеиро амалӣ намояд.

19. Хадамоти полис бояд, бе ошкор сохтани маълумоти махфӣ, барои ба аҳолӣ пешниҳод намудани иттилооти пурра дар бораи фаъолияти худ, омода бошад. Бояд нисбати тамос бо воситаҳои ахбори омма дастуроти касбӣ таҳия карда шаванд.

20. Ташкилоти хадамоти полис оид ба ростқавлии кормандони полис ва рафтори муносиб ҳангоми иҷро намудани вазифаи хидматии худ, бахусус нисбати риоя намудани ҳуқуқ ва озодиҳои бунёдии шаҳрвандон, ки дар КАҲИ тазаккур гаштааст, бояд чораҳои самаранок андешанд.

21. Дар ҳамаи сатҳҳои ташкилоти полис бояд чораҳои самаранок ҷиҳати пешгирии фасоди полис ва мубориза бар зидди он амал намоянд.

Б. Тахассус, интихобнамоӣ ва пешгирии аз кор рафтани кадрҳои ҳайати кормандони полис

22. Кормандони полисро, новобаста аз вазифае, ки ба он қабул кара мешаванд, бояд дар асоси салоҳиятнокӣ ва таҷрибаи ба вазифаҳои кори полис мувофиқи онҳо, ба кор қабул намоянд.

23. Кормандони полис бояд дурандешӣ, ошкорбаёнӣ, пухтакорӣ, ҳисси адолат, қобилияти зуд робитаёбӣ, ва дар сурати зарурат – сифатҳои ташкилотчигӣ ва роҳбарикунандаи худро зоҳир намуда тавонанд. Илова бар он, онҳо бояд мушкилоти иҷтимоиву маданӣ ва ҳамчунин муносибати дутарафаи байни мардумро ба хубӣ дарк намоянд.

24. Шахсони дар содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳои вазнин айбдоршуда наметавонанд вазифаи полисро иҷро намоянд.

25. Тартиби ба кор қабулнамоӣ бояд дар маҳакҳои воқеӣ ва бе табъиз будан асос ёбанд (пас аз ба таври бояду шояд гузаронидани санҷиши номзадҳо). Илова бар он, бояд сиёсати қабулнамоии занҳову мардҳо аз табақаҳои гуногуни ҷомеа, аз ҷумла аз шумори намояндагони аққалияти этникӣ чунин ба кор бурда шавад, то ин ки полис инъикосгари ҷомеаи ба он хизматрасонанда бошад.

*В. Омода намудани кормандони полис*

26. Низоми омодакунии кормандони полис, ки дар арзишҳои бунёдии демократӣ, волоияти қонун ва ҳифзи ҳуқуқҳои инсон асос ёфтаанд, бояд мутобиқи ҳадафҳои полис таҳия карда шаванд.

27. Раванди тайёрии умумии кормандон бояд ҳаддалимкон барои ҷомеа кушод бошад.

28. Хуб мешуд, ки пас аз омодакунии умуми аввалӣ, давраҳои мунтазами такмили ихтисос ва дар сурати зарурат – омӯзиши махсуси ҳайати роҳбарият гузаронида шавад.

29. Дастуроти амалиявӣ нисбати ҳолатҳои талабкунандаи истифодаи қувва ва ҳудудҳои истифодаи он, бо назардошти зарурати риоя намудани принсипҳои дар соҳаи ҳуқуқи инсон маъмулбуда, чунончи дар КАҲИ ва амалияи ҳуқуқии татбиқшавандаи дахлдор дарҷгардида, бояд ҷузъи ҷудонопазири омодагии касбии ҳамаи сатҳҳои полис бошад.

30. Ба омодагии касбии полис бояд омӯзиши ҳаматарафаи малакаи муқовимат ба наҷодпарастӣ ва тарсу ваҳм ва бадбинӣ нисбат ба ашхоси қавму наҷоди бегона (ксенофобия) низ дохил карда шавад.

*Г. Ҳуқуқҳои кормандони полис*

31. Маъмулан, кормандони полис бояд аз ҳамон ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсие, ки нисбати дигар шаҳрвандон ба кор бурда мешаванд, истифода намоянд. Маҳдудияти ҳуқуқҳои мазкур танҳо дар он ҳолат имконпазир аст, ки онҳо тибқи қонун ва бо назардошти талаботи КАҲИ барои амалигашти вазифаи полис дар ҷомеаи демократӣ зарур мебошанд.

32. Кормандони полис ҳамчун хизматчиёни давлатӣ бояд аз маҷмӯи фарохи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ истифода намоянд. Чунончи, онҳо ҳуқуқ доранд дар ташкилотҳои манфиатҳои касбии онҳоро муаррификунанда иштирок намояд, ё чунин ташкилотҳоро таъсис диҳанд, ҳуқуқ ба гирифтани мукофоти муносиб, ҳуқуқ ба ҳимояи иҷтимоӣ ва, бо назардошти хусусиятҳои кори полис, чораҳои махсус оид ба ҳифзи саломатӣ ва амният.

33. Ҳама гуна чораи интизомӣ нисбати корманди полис ба назорат аз ҷониби мақомоти мустақил ё суд оид мебошад.

34. Мақомоти ҳукуматӣ дар сурати нисбати кормандони полис пеш овардани айбдоркунии беасос бояд онҳоро дастгирӣ намоянд.

## V. Принсипҳои роҳбарикунанда/мудохилаи полис

*А. Принсипҳои роҳбарикунанда/мудохилаи полис: принсипҳои умумӣ*

35. Ҳангоми гузаронидани ҳамаи амалиётҳои худ, полис бояд ҳуқуқи инсонро ба ҳаёт эҳтиром намояд.

36. Дар ягон ҳолат полис набояд ягон зуҳуроти шиканча ва дигар намудҳои муомила ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф истифода барад, роҳ надиҳад ё ҳавасманд нанамояд.

37. Полис танҳо дар сурати зарурати ҳатмӣ ва танҳо барои ноил гаштан ба мақсадҳои қонунӣ метавонад қувваро истифода барад.

38. Полис бояд ҳамеша қонунӣ будани амалиёти банақшагирифташударо санҷад.

39. Кормандони полис бояд фармонҳои аз рӯи қонун амрнамудаи сардорони худро иҷро намуда, ҳамзамон аз иҷроиши фармонҳои ғайриқонунӣ худдорӣ карда, аз эҳтимолияти ягон намуди муҷозот наҳаросида бояд дар бораи он имкони гузоришдиҳӣ дошта бошанд.

40. Полис бояд вазифаҳои худро одилона, дар асоси ростқавлӣ, принсипҳои беғаразона ва муносибати бетабъизӣ иҷро намояд.

41. Полис танҳо дар ҳолати барои ноилшавӣ ба ҳадафҳои қонунӣ зарурияти мутлақдошта метавонад ба ҳаёти шахсӣ мудохила намояд.

42. Ҷамъоврӣ, нигоҳдорӣ ва истифодаи маълумоти шахсӣ аз ҷониби полис бояд тибқи принсипҳои байналхалқии ҳифзи маълумоти шахсӣ гузаронида шавад, ва аз ҷумла, бо ҳудуди барои ноилшавӣ ба мақсадҳои аниқи қонунӣ ва одилона лозимбуда маҳдуд гардад.

43. Ҳангоми иҷро намудани вазифаҳои худ полис бояд ҳуқуқҳои бунёдии ҳар як инсон, ба монанди, озодии афкор, виҷдон, мазҳаб, ҷамъомадҳои осоишта ва ҳуқуқ ба моликиятро дар хотир дошта бошад.

44. Кормандони полис уҳдадоранд нисбати аҳолӣ, бахусус дар сурати ҳамкорӣ намудан бо намояндагони гурӯҳҳои бештар осебпазир, боэҳтиром ва ростқавлона амал намоянд.

45. Кормандони полис, ҳангоми гузаронидани амалиётҳои худ, бояд ба полис мансуб будан ва мақоми касбии хешро тасдиқ намоянд.

46. Кормандони полис бояд бо ҳама гуна падидаҳои фасод дар полис муқовимат намоянд. Онҳо бояд дар бораи ҳама гуна ҳодисаи фасод дар полис ба сардорони болоӣ ва мақомоти салоҳиятнок иттилоъ диҳанд.

*Б. Принсипҳои роҳбарикунанда/мудохилаи полис: вазъиятҳои махсус*

1. <u>Тафтишоти полис</u>

47. Тафтишоти полис бояд ақаллан дар шубҳаи асоснок оид ба ҳуқуқвайронкунии амалигашта ё эҳтимолӣ асос ёфта бошад.

48. Полис бояд мувофиқи принсипе, ки тибқи он ҳар як шахси дар ҳуқуқвайронкунии ҷиноӣ айбдоршуда, то аз ҷониби суд гунаҳкор эътироф шудани вай, бояд бегуноҳ ҳисобида шуда соҳиби ҳуқуқҳои муайян бошад (аз ҷумла, ҳуқуқ дорад дар муҳлати кӯтоҳтарин дар бораи айби ба он маҳкумшуда бохабар намоянд), инчунин ҳуқуқ ба ҳимоя, бо интихоби худ, чӣ шахсан ва ҳамчунин бо кӯмаки ҳимоятгар.

49. Тафтишоти полис бояд воқеъбинона ва одилона буда, бо назардошти эҳтиёҷоти махсуси одам, ба амсоли кӯдакон, наврасон, занҳо, аққалият, аз ҷумла аққалияти этникӣ ва намояндагони гурӯҳҳои осебпазир гузаронида шаванд.

*50. Бо назардошти моддаи 48-ум бояд қоидаҳои асосии муносиб ва беғаразонаи гузаронидани бозпурсӣ дар полис муқаррар карда шаванд. Бахусус полис бояд риоя шудани ҳуқуқҳои шахси бозпурсишавандаро таъмин намояд, то ин ки бозпурсиҳо дар асоси адолат гузаронида шуда, шахсони бозпурсишаванда аз сабабҳои бозпурсӣ бохабар ва дигар иттилооти барои онҳо муҳимбударо гирифта тавонанд.*

51. Полис бояд талаботи махсуси шоҳидонро дарк намуда, дар рафти тафтишот, хусусан агар хавфи тарсонидани шоҳидон вуҷуд дошта бошад, қоидаҳои ба ҳимоя ва кӯмак ба шоҳидон нисбатдоштаро риоя намояд.

52. Полис бояд бе ягон намуди табъиз шахсони дар натиҷаи ҷиноят ҷабрдидаро бо дастгирии зарурӣ, мусоидат ва иттилоот таъмин намояд.

53. Дар сурати зарурат, полис бояд дар рафти тафтишот тарҷумаи шифоҳӣ ё хаттиро таъмин намояд.

**2. Ҳабс/дастгиркунӣ аз ҷониби полис**

54. Аз озодӣ маҳрумнамоӣ бояд то ҳадди ақал маҳдуд буда, ҳамзамон бояд зарурати эҳтиром намудани шаъну шарафи инсон, мутааллиқ будан ба гурӯҳҳои иҷтимоии осебпазир ва талаботи шахсии ҳар як шахси аз озодӣ маҳрумшаванда ба мадди назар гирифта шаванд.

55. Полис бояд дар муддати кӯтоҳтарини пешбининамудаи қонунгузории миллӣ ба ин ё он шахси аз озодӣ маҳрумшаванда дар бораи сабабҳои дастгиршавӣ ва оиди ҳама гуна айбдоркуниҳои нисбати вай пешоранда иттилоъ диҳад; инчунин полис бояд фавран ба шахси дастгиршуда дар бораи ҳуқуқҳои вай ва амалҳои мурофиавии нисбати вай гузаронидашаванда иттилоъ диҳад.

56. Полис бояд амнияти шахсони баҳабсгирифтаро кафолат дода, саломатии онҳоро таҳти назорат гирифта, бо шароитҳои қаноатбахши гигиенӣ ва хуроки дуруст таъмин намояд. Дар полис мавқуфгоҳҳои барои таҳти ҳабс нигоҳдорӣ бояд андозаи муносиб дошта, дорои рӯшноӣ ва вентилятсияи дуруст буда, чунон муҷаҳҳаз гардонида шуда бошанд, ки барои истироҳат имконият фароҳам оранд.

57. Шахсони полис дастгирнамуда мувофиқи интихобашон оид ба дастгиршавашон огоҳ намудани шахси сеюм, барои дастрасӣ ба ҳимоячӣ ва муоинаи тиббӣ – аз рӯи имкон, пизишки интихобнаммудаи онҳо, бояд ҳуқуқ дошта бошанд.

58. Полис аз рӯи имкон бояд шахсони бо гумони содир намудани ҳуқуқвайронкунии ҷиноӣ дастгиршударо аз касони бо дигар сабабҳо дастгиршуда ҷудо нигоҳ дорад. Бояд занҳоро аз мардон ва шахсони ноболиғро аз болиғон алоҳида нигоҳ дошт.

59. Назорати давлат аз болои полис бояд байни шохаҳои ҳокимияти қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ тақсим карда шавад.

60. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ бояд тартиботи самаранок ва беғаразонаи шикоят аз болои амалҳои полисро таҳия намоянд.

61. Механизмҳои таъминоти ҳисоботдиҳӣ, ки дар робита ва ҳусни тафоҳум бо ҷомеа асос меёбанд, бояд тақвият дода шаванд.

62. Кодекси этикаи полис, ки дар принсипҳои дар Тавсияномаи мазкур баёнгашта асос ёфтааст, бояд аз ҷониби давлатҳои узв қабул гардида, мақомоти дахлдор аз раванди риоя шудани онҳо назорат намоянд.

**VII. Таҳқиқот ва ҳамкорӣ дар сатҳи байналхалқӣ**

64. Давлатҳои узвиятдошта бояд ба таҳқиқоти фаъолияти полис, ҳам аз ҷониби худи полис ва ҳам аз ҷониби дигар муассисаҳо гузаронидашаванда мусоидат намоянд.

65. Бояд ҳамкории байналхалқиро ҷиҳати масоили этикаи полис ва аз ҷониби полис риоя шудани ҳуқуқҳои инсон густариш дод.

66. Воситаҳои рушди принсипҳои дар Тавсияномаи мазкур баёнгашта ва истифодаи он бояд таҳти диққати дақиқ ва ҳамешагии Шӯрои Аврупо қарор гирад.

**VI. Масъулияти полис ва назорат аз болои фаъолияти вай**

64. Полис бояд ба давлат, шаҳрвандон ва намояндагони онҳо ҳисобот диҳад. Вай бояд объекти назорати самараноки беруна бошад (ҳам аз ҷониби дигар шохаҳои ҳокимият ва ҳам аз ҷониби шаҳрвандон).

**Шарҳу эзоҳи бо Тавсияномаи Rec (2001)10-и Кумитаи Вазирони давлатҳои узв оид ба Кодекси аврупоии этикаи полис мунсибатдошта**

## Шарҳу эзоҳот

## Муқаддима

### 1.1. Кодексҳои этикаи полис

Қисми зиёди навиштаҳо дар бораи полис аз тасвири муносибати вай ба ҳолатҳои мухталиф иборат мебошад. Тамоюли мавриди баррасӣ қарор надодани он, ки дар ин ё он вазъияти мушаххас полис чӣ тавр бояд амал намояд ҷой дорад, аз ин рӯ намунаи возеҳи арзишҳо ва меъёрҳои дар ҷомеаи муосири демократӣ мақбул вуҷуд надоранд, ки ба он пайравӣ намудани полисро тақозо намояд, магар ки намунаи ибратбахш, ки ба он пайравӣ намудан мувофиқи мақсад аст. Муқаррароти «Кодекси аврупоии этикаи полис» айнан ба чунин чаҳорчӯбаи амалҳо бунёд мегузорад ва ҳуҷҷати мазкур ниҳоят саривақтӣ ва муҳим мебошад. Аксари давлатҳои аврупоӣ бо мақсади рушд ва устувор намудани арзишҳои демократӣ дар низоми полиси худ ислоҳот ворид менамоянд. Инчунин онҳо барои таъмин намудани меъёрҳои ягонаи амалҳо барои полис, ки сарфи назар аз марзҳои миллӣ мавриди истифода қарор гирифта, ҳам барои дар амал татбиқ намудани чашмдоштҳои аврупоиён, ки ҳарчӣ бештар тағйири маҳалмекунанд ва бинобар он ба муомилаи одилонаи якхела ва пешгӯишавандаи полис чашми умед мебанданд, ҳамчунин барои афзун намудани неруи ҳамкорӣ, ва инчунин барои мубориза самаранок алайҳи ҷинояткории байналхалқӣ кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Муқаррароти Кодекс ҳамчунин барои муваффақшавӣ ба ҳадафҳои Шӯрои Аврупо гузошта – ягонагии бештар байни аъзоёни вай, нигаронида шудааст.

Як лаҳза оиди нақши полис дар давлати демократӣ андешидан кофист, ки кас барои айни матлаб будани таҳияи кодекси этика барои полис итминон пайдо намояд. Шаҳрвандони давлатҳои демократӣ, бо мақсади бо риояи қонун ба худ кафолат додани озодии ҳарчӣ бештар, давлатҳои хешро бунёд намудаанд. Ба ҳамин минвол, бо мақсади таъмин намудани озодӣ ва амнияти шаҳрвандон низоми адлияи ҷиноӣ низ рушд менамуд. Дар ҷомеаи демократии ҳуқуқбунёд, полис вазифаҳои анъанавиро иҷро менамояд: пешгирӣ, ошкорсозии ҷиноят ва убориза алайҳи он, пойдории суботи ҷамъият, таъмиин намудани риоянамоии қонун ва тартиботи омма ва ҳимояи ҳуқуқҳои бунёдии

шаҳрвандон. Илова бар он, дар ин ҷомеаҳо полис хизматгузории мухталифи хусусияти иҷтимоидоштаро таъмин менамояд, ки онҳо дигар амалҳои вайро тақвият мебахшад. Барои иҷро намудани чунин вазифаҳо вай дорои имкониятҳои фарохи нишон додани ташаббус мебошад. Дар давлатҳои демократӣ полис барои нигоҳ доштани арзишҳои демократӣ мусоидат намуда, худ пайрави чунин ҳадафҳо мебошад. Умуман, ҷомеа аз ҷониби полис амалӣ шудани салоҳиятҳои қонунии вайро то замони ба ҳисоб рафтани он ки полис барои устувор намудани арзишҳои демократӣ вазифаҳои худро бо усулҳои аз нуқтаи назари этикӣ қобили қабул иҷро менамояд, онро эътироф менамояд ва мақбул медонад. Полисе, ки ба шартҳои мазкур ҷавобгӯ аст, комилан ҳуқуқ дорад, ки дар иҷроиши вазифаҳои мазкур ба эътимод ва дастгирии ҷомеа умед бандад. Маҳз дар чунин фарзияи дар давлатҳои демократӣ аз ҷониби полис иҷро шудани вазифаҳои худ, диди мушкилоти мазкур аз ҷониби Шӯрои Аврупо асос ёфтааст.

Гарчанд қабул намудани кодекси этикаи полис ин марҳилаи аввалини раванди бунёди меъёрҳои ягона дар соҳаи полис нигаронидашуда мебошад, ва дар сурати мавҷуд набудани кодекси мазкур имкони ба муваффақият ноил шудани чунин раванд хеле ночиз менамояд.

Кодекси этикаи полис ба асоси меъёрҳои этикӣ бунёд гузошта, имкон дорад муайян намудани мушкилоти этикиро осон карда, даркнамоии дуруст ва таҳлили амиқи онро дода, қабул намудани қарорҳоро сабук созад. Илова бар он, вай маҷбур месозад, ки дар бораи арзишҳои полис ҳимоякунанда ва истифодаи дурусти он андешаронӣ намоянд. Мафҳумҳои «ростқавлӣ», «беғаразӣ», «хоксорӣ» ва «маҳорати касбӣ», ки таҳкурсии ахлоқи ходимони полис мебошанду онҳо фаровон тазаккур меёбанд, ифодагари мафҳумҳои ягона гардида, бинобар он дар ҳама ҷо ба маънои ягона истифода мешавад, ҳама ҷо онро як хел мефаҳманд ва қабул намудани чунин кодекс ба он мусоидат мекунад. Илова бар он, кодекс барои гузоштани замина ба бархе аз меъёрҳои инфиродии рафтор, ки дар ҳисси ифтихор аз хизматчии полис будан асос ёфтааст, метавонад кӯмак расонад. Ҷанбаи мазкур, асосан барои кормандони ҷавони нав ба кор қабулгашта, ки бояд дарҳол бо арзишҳои асосии кори онҳоро муайян ва батанзиморанда шинос гарданд, ниҳоят муҳим аст. Ёдрас намудан дар бораи кормандони нав ба кор қабулгашта водор месозад, ки аҳамияти кодексро барои омодагии касбии полис ба хотир орем. Мавҷуд набудани истиноди воқеӣ ба меъёр ва арзишҳо,

вазифаи шахсони амаликунандаи чунин омодагии касбиро дучандон мушкил месозад. Манбаъ ва нуфузи меъёрҳо бояд тафсир ва асоснок карда шуда, ҳамзамон истисно нест, ки онҳо ҳамчун як чизи дохилӣ ё аз омӯзгор бармеомада қабул карда шаванд. Илова менамоем, ки қабул намудани кодекси этикаи полис ба ҳамаи сатҳҳои омодагии касбӣ таъсири мусбат мерасонад.

Чӣ тавре ки дар боло ёдрас гардид, агар хадамоти полис аз дастгирии ҷомеа бархурдор буда бо он ҳамкории зич дошта бошад, фаъолияти онҳо самараноктар мегардад. Барои ҷомеа ниҳоят муҳим аст, ки полис барои амалигашти вазифаҳои ба зиммааш гузошташуда, ваколат ва ҳуқуқи ташаббуси ба ӯ додашуда, бо тамоми масъулиятшиносӣ муносибат намояд, ва он ба полис, барои татбиқи ҳуқуқи ба таври маҷбурсозӣ ҷорӣ намудани қонуният монополия фароҳам меорад. Маҳз аз ҳамин сабаб ба аҳли ҷомеа кафолат лозим аст. Қабул намудани кодекси этикаи полис, ки онро таблиғоти фарох ҳамроҳӣ менамояд, ба туфайли аниқ муайян намудани меъёрҳо, мақсадҳои ниҳоӣ ва он арзишҳое, ки ба полис оид мебошанд, ба пурқувват шудани эътимоди ҷомеа ва устувор гардидани муносибат ва ҳамкории вай бо полис мусоидат карда метавонад. Ҳамин меъёрҳо ҳаҷм ва доираи истифодаи хизматгузори полис расонандаро аниқ ҷудо намуда, барои онро аз эродҳои носаҳеҳ, хурдагирӣ, шиквакорӣ ҳимоя кардан кӯмак расонида, ва аз ҳама муҳим – имкони дар кори хадамот ба хатогиҳо роҳдиҳиро маҳдуд менамояд.

Кодекси этикӣ ҳамчунин метавонад воситаи батанзимдорандаи сохтори дохилии полис бошад. Ин яке аз хусусиятҳои хоси «Кодекси аврупоии этикаи полис» мебошад. Меъёр, арзиш ва ҳадди аққали чаҳорчӯбаи этникиро муайян намуда, вай вазифаи батанзимориро ақалан бо чаҳор усул амалӣ менамояд: назорати доимӣ аз болои сатҳи сифати кормандони полис (аз ҷумла граҷданӣ)»; осон намудани фармондиҳӣ, идоракунӣ ва назорат; афзун намудани масъулияти ҳайати роҳбарикунандаи ҳамаи ташкилот; муқаррар намудани меъёрҳо барои батанзимории ихтилофоти дохилии хусусияти нозук дошта.

Дар робита ба масоили марбут ба имконияти таъсир ба фаъолияти амалии полис дахлдошта, кодекси этикаи полис тавсияҳои мушаххас оид ба усулҳои намунавии таъмини тартибот дорад ва мувофиқи назари солим, таҷассумгари меъёри рафтори рӯзмарра мебошад. Лекин истилоҳи «этика» метавонад ифодаҳои мухталиф дошта бошад; ҳамзамон ифодаи аз ҳама маъмултарини он, ифодаи муқаррарнамудаи

Арасту ба ҳисоб меравад: мавзӯи этика рафтотри рӯзмарра ва ақоиди этикӣ мебошад. Аммо дар номи ҳуҷҷати «Кодекси аврупоии этикаи полис» воҷаи «этика» на ба маънои мазкур истифода шудааст. Ҷомеаҳои муосир ва хадамоти полис мувофиқи принсипи тақсимоти меҳнат ва ҳам ҳамкорӣ ташкил карда мешаванд. Мардум бо намудҳои махсусгардонидашудаи зиёди фаъолият машғул мебошанд. Гарчанд ҳаёти рӯзмарраи онҳо дар як зумра қоидаҳои умумии рафтор асос ёфтаанд, ҳангоми амалигашти фаъолияти касбӣ ба онҳо донишҳои бештари махсус ва дастурҳо лозим аст. Инро чунин шарҳ додан мумкин аст, фаъолияти кормандон касбӣ бо ҷанбаҳои махсуси рафтор, ки мушкилоти этикии мунтазам такроршавандаи алоқаманд мебошад, ки онҳо бояд тибқи хусусиятҳои хоси касби худ ин мушкилотро ҳаллу фасл намоянд. Ин аз ҷумла ба касоне, ки дар соҳаи хизматгузорӣ кор мекунанду, аҳолӣ ба кормандони касбӣ некуаҳволии худро бовар менамояд, дахл дорад. Дар чунин қарина истилоҳи «этика» ба он маҷмӯи арзишҳо, принсип ва талабот, ки имкони батанзим овардани амалигашти фаъолияти касбиро фароҳам меорад, мувофиқат мекунад. Бояд тазаккур дод, ки дар чунин маъно истилоҳи «этика» ифодагари кӯшиши нисбати талаботи касбӣ ва мушкилоти ташкилоти давлатии ба ҷомеа хизматрасонанда истифода бурдани этикаи рафтор мебошад. Дар «Кодекси аврупоии этикаи полис» истилоҳи «этика» маҳз бо ҳамин маъно мавриди истифода қарор гирифтааст.

Мавзӯи фаъолияти полис – ин риоя ва нигоҳдории принсипи волоияти қонун аст, ки он ду ӯҳдадории мухталифи бо ҳам алоқамандро пешбинӣ менамояд: ба иҷро расонидани санадҳои меъёрии давлат қабулнамуда, аз ҷумла, таъмин намудани суботи ҷомеа ва ӯҳдадории қатъиян риоя намудани ваколатҳои ба полис додашуда, худдорӣ намудан аз ҳама гуна зуҳуроти истибдод ва риоя кардани ҳуқуқҳои шахсӣ ва озодии шаҳрвандон.

Волоияти қонун на танҳо ҷалби диққат ба ҷиҳати иҷрошавӣ, инчунин чӣ тавр иҷро шудани онро низ дар назар дорад. Ҳангоми амалигашти вазифаҳои худ, полис бояд ҳуқуқҳои шахсии шаҳрвандон, аз ҷумла ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро риоя намуда, худсарона ва ғайриҳуқуқӣ амал нанамояд. Ва ин барои давлати соҳибҳуқуқ, инчунин, барои фаъолияти полис ва аҳамияти он дар шароити демократия дастуроти бунёдӣ мебошад.

Волоияти қонун, пеш аз ҳама, пешбинӣ менамояд, ки касони қонунҳоро таҳия, шарҳ ва истифода баранда, бояд худ ба он итоат

намоянд. Ё ба таври дигар гӯем, полис бояд ба қонунҳо, ки ба кор бурдани онро худ таъмин менамояд, итоат намояд. Дар давлатҳои демократии ҳақиқӣ маҳз аз рӯи аломатҳои зерин полисро шинохтан мумкин аст: вай ба он қонунҳое, ки худ ҳимоя мекунад, итоат менамояд. Нақши полис дар ҳимоя ва нигоҳдории волояти қонун чунон муҳим аст, ки рафтори полисро дар давлати демократӣ мушоҳида намуда, дар бораи сатҳи демократия дар он давлат хулоса баровардан мумкин аст.

Кодекси аврупоии этикаи полис барои таҳия намудани маҷмӯи принсип ва дастурот, ки ба муайян намудани ҳадафҳои стратегии полис, намудҳои фаъолияти вай ва усулҳои назоратнамоии вай дар ҷомеаи демократии қонун волоиятдошта имкон медиҳанд, таъин шудааст. Он бештар таҳти таъсири КАҲИ ташакккул ёфтааст. Дар кодекс тавсияҳои аниқ баён гашта, талаботи полис ва чораҳои дахлдори барои ба вай фароҳам овардани имкони бомуваффақият аз ӯҳдаи вазифаи мураккаб ва нозуки худ – пешгирӣ ва ошкор намудани ҷиноят ва нигоҳдории қонун ва тартибот дар ҷомеаи шаҳрвандии демократӣ баромадан, муқаррар карда шудаанд. Сарфи назар аз он, ки тавсиянома дар навбати аввал ба ҳукуматҳо нигаронида шудааст, принсипҳои роҳбарикунанда чунон баён гаштаанд, ки аз онҳо шахсони бо масоили полис дар сатҳи аниқ сарукордошта метавонанд истифода баранд.

**1.2. Таърихи пайдоиши «Кодекси аврупоии этикаи полис»**

Шӯрои Аврупо дер боз ба мушкилоти полис мароқ зоҳир намуда буд. Дар ҳақиқат, полис дар ҳимояи арзишҳои асосии Шӯрои Аврупо (демократияи плюаристӣ, давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон) чунон нақши муҳимро мебозад, ки Шӯрои Аврупо комилан ба таври воқеӣ ба арсаи барои муҳокимаи нақши полис дар ҷомеаи демократӣ бештар мусоидбуда табдил меёбад.

Суди аврупоӣ оид ба ҳуқуқи инсон дар соҳаи мазкур таҷрибаи ғаниеро касб намудааст. Илова бар он, Кумитаи аврупоӣ оид ба пешгирии шиканҷа, муомила ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф (минбаъд дар матн -КПШ) принсипҳои роҳбарикунандаи соҳаи кори полисро таҳия намудааст. Хартияи иҷтимоии Аврупо ва амалияи истифодаи он муқарраротӣ муҳими ба ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии кормандони полис дахлдорро дар бар гирифтааст. Комиссияи аврупоӣ муқобили наҷодпарастӣ ва тоқатнопазирӣ (The European Commission against Racism and Intoleranse - ECRI) низ дар доираи салоҳияти худ принсипҳои барои полис

таъиншударо тартиб додааст. Илова бар он, Комиссияи аврупоӣ барои демократия тавассути қонун (The European Commission for Democracy througnt Law – Venice Comission – Комиссияи Венетсия) оиди ҷанбаҳои конститутсионии полис ҳуҷҷатҳо қабулҳ намудааст. Ба гурӯҳи давлатҳои муқобили фасод (The Group of States against Corruption - GRECO) аз нуқтаи назари фасод арзёбӣ намудани муассисаҳои маъмурии давлатҳо, азҷумла полис, супориш дода шудааст.

Инчунин полис бояд ба чашмдошти мақомоти маҳаллӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла вобаста ба таъмин намудани амният дар шаҳрҳо, ҷавобгӯ бошад. Боз як ҷанбаи қобили таваҷҷӯҳ – полис ва муносибатҳои байниэтникӣ мебошад. Илова бар он, Шӯрои Аврупо бобати ба полис фаҳмонда додани ҷанбаҳои кори вай оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон, ки он ба ходимони полис, мутахассисони соҳаи ҳуқуқи инсон, намояндагони давлатӣ ва ташкилотҳо ғайридавлатӣ имкон дод якҷоя мушкилоти ҳуқуқи инсонро дар фаъолияти касбии полис дарк намоянд, кӯшиш ба харҷ дода буд. Яке аз натиҷаҳои аниқи кори мазкур, такмили омодагии касбии кормандони полис дар соҳаи риоянамоии ҳуқуқҳои инсон ва ба вуҷуд омадани як қатор ҳуҷҷатҳо, чунончи, китобҳои дарсӣ оиди ҳамаи мавзӯъҳои ба полис ва ҳуқуқи инсон дахлдоштаро метавон номбар намуд. Чорабиниҳои мазкур имкон фароҳам оварданд, ки зарурати дарки амиқи ҳуқуқи инсон дар ҳамаи сатҳҳои полис беҳтар фаҳмида шаванд.

«Эъломия дар бораи полис», ки соли 1979 аз ҷониби Ассамблея Парлумонии Шӯрои Аврупо қабул шуда, ба кӯшиши аввалини муқаррар кардани меъёрҳои этикиро барои полис далолат карда буд. Дар аксари давлатҳои узвиятдошта ҳангоми ҷустуҷӯи посух ба суоли интихоби ин ё он сиёсати соҳаи мазкур ҳуҷҷати дастурӣ гаштааст. Ба нуқтаи назари Ассамблея оиди зарурати дар ҷомеаи демократӣ истифода бурдани меъёрҳои этики махсусан ҷиддӣ барои полис ҳамфикр гашта, Кумитаи Вазирон Эъломияи мазкурро фаъолона дастгирӣ накард, ва он воситаи махсуси ҳуқуқии Шӯрои Аврупо нашуд.

Фаъолияти меъёрии байналхалқии анъанавии Шӯрои Аврупо, ки таҳти роҳбарии Кумитаи Вазирон гузаронида мешавад, ба ҷанбаҳои зерини полис тамаркуз шудааст: сиёсат дар соҳаи адлияи ҷиноӣ, ҳуқуқи ҷиноӣ ва криминология (мурофиаи ҷиноӣ, пешгирии ҷинояткорӣ, ҳимояи ҷабрдида ва шоҳидон, ҷинояткорӣ байни ноболиғон, аз ҷониби поис дастгир шудани шаҳрвандон, ҷинояткории муташаккилона, фасод, прокуратура ва ғ.), инчунин дар соҳаи ҳуқуқҳои авомӣ (дахлнопазирии

шахсият ва ҳимояи маълумоти шахсӣ ва ғ.). Дар чаҳорчӯбаи мазкур воситаҳои ҳуқуқӣ (созишнома ва тавсияҳо) бо фаъолияти полис алоқаманд таҳия карда шуданд.

Дигаргуниҳое, ки аз соли 1989 сар карда дар Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ оғоз шуданд, Шӯрои Аврупоро водор намуд то ин ки амалҳои худро нисбати полис фаъол намояд. Дар чаҳорчӯбаи барномаҳои дастгирии ислоҳоти ҳуқуқӣ, инчунин барои ислоҳоти маъмурияти давлатӣ ва полис пешбинишуда, теъдоди зиёди семинар, тренинг ва дигар чорабиниҳо оид ба паҳнкунии дониши ҳуқуқӣ бобати мавзӯъҳои «Нақши полис дар ҷомеа демократӣ», «этикаи полис» ва «полис ва волоияти қонун» гузаронида шуда буданд.

Маҳз дар ҳамин қаринаи ислоҳоти полис аз саринав масъалаи зарурати бунёди чаҳорчӯбаи умумиаврупоии меъёрҳо барои полис ба миён омад. Вобаста ба ин, Кумитаи Вазирон таҳти роҳбарии *Кумитаи аврупоӣ оид ба масоили ҷиноӣ (The European Committee on Crime Problems - CDPC), Кумитаи коршиносӣ оид ба этикаи полис ва мушкилоти бо амалигашти вазифаи полис алоқамандро (The Committee for Experts on Police Ethics and Problems of Policing*) таъсис дод.

Соли 1998 дар ҷаласаи умумии 47-уми Кумита оид ба масоили ҷинояткорӣ (CDPC) доираи ваколати Кумитаи коршиносиро (PC-PO) қабул намуд. Кумитаи Вазирон доираи салоҳиятҳоро моҳи сентябри соли 1998 дар ҷаласаи 64-уми намояндагони ваколатдори худ тасдиқ намуд.

Доираи ваколатҳо ба таври зерин баён шудаанд:

*Дар низоми адлияи ҷиноӣ полис нақши муҳим дорад. Дар муқоиса бо дигар иттиҳодияҳои касбии бо низоми мазкур нисбатдошта, ба полис камтар шартномаҳои байналхалқӣ истифода мешаванд. Айни замон аксари* давлатҳ*ои Аврупо сохтори полисро таҷдид менамоянд, дар баробари ин чунин таҷдиди сохтор қисми муҳими раванди рушд ва мустаҳкам кардани ғояҳои демократӣ ва арзишҳо дар ҷомеа мебошанд. Ҳамин тавр, этикаи полис дар давлатҳои узви мухталифи Шӯрои Аврупо ба масъалаи мубраме табдил ёфт.*

*Ба Кумитаи коршиносон (PC-PO) лозим меояд, ки бо назардошти суолҳои зерин оид ба этикаи полис, ба маънои томи истилоҳи мазкур таҳқиқот гузаронад:*

*–нақши полис дар ҷомеаи демократӣ ва мақоми вай дар низоми адлияи ҷиноӣ;*

*–вазифаҳои полис тибқи волоияти қонун – пешгирии ҷинояткорӣ, ошкор сохтани ҳуқуқвайронкуниҳо ва ғ.;*

*–назорат аз болои полис.*

*Кумитаи коршиносон (PC-PO) бояд инчунин ҷанбаҳои этикаи полис, ки ба вазъиятҳои мушаххасе, ки ҳар рӯз дар фаъолияти кории полис сар мезананд омӯзад (масалан, дар сурати истифода бурдани қувва, ҳангоми истифодаи ваколатҳои дискретсионии полис, ҳангоми бозпурсии гумонбаршуда ва ҳангоми дигар амалҳои тафтишотӣ дар доираи мурофиаи судии ҷиноӣ ва ғ.). Инчунин бояд ҷанбаҳои этики фаъолияти идоракунӣ, умуман дар полис ва ба барномаи омодакунии касбӣ ворид намудани он баррасӣ карда шуд. Дар ин ҳолат бояд тафовути байни кодексҳои деонтологӣ, кодекси ахлоқи касбӣ ва кодекси интизомии (оинномаҳо) мавҷудбударо ба назар гирифт. Ҳангоми амалигашти вазифаи мазкур Кумита бояд дар асоси Созишномаи Аврупоии ҳуқуқҳои инсон (САҲИ) ва Созишномаи аврупоӣ оид ба пешгирии шиканҷа ва ва дигар намудҳои муомила ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф, инчунин Қарордоди 690-и (1979) Ассамблеяи Парлумонии ба Изҳорот дар бораи полис нисбатдоштаро ҳамчун дастур истифода намояд. Инчунин, Кумита бояд кори Кумитаи коршиносиро оид ба ҳамкорӣ дар пешгирии ҷиноят (The Committee of Experts on Partnership in Crime Prevention – PC-PA) ва дигар мақомоти Шӯрои Аврупоро ба назар гирад.*

*Кори мазкур бояд ба тартиб додани маърӯза ва/ё тавсия оид ба этикаи полис оварда расонад, ки он метавонад барои* давлатҳои *узвиятдоштаи дар полис ислоҳот гузаронанда ҳамчун маҷмӯи намунаҳо ё барои таҳияи кодекси миллии этикаи полис хизмат намояд.*

Кумитаи коршиносон аз коршиносони давлатҳои зерин иборат буд: Австрия, Белгия, Хорватия, Кипр,Ҷумҳурии Чех, Дания, Фаронса, Юнон, Италиё, Литва, Молдова, Лаҳистон, Португалия, Руминия, Словения, Испания, Македония, Туркиё ва Британияи Кабир. Коршиносони мазкур аз вазорати корҳои дохила, вазорати адлия, поркуратура ва аз ҳокимияти судӣ буданд. Ноиб-директори полиси Дания, ҷаноби Карстен Петерсен раиси Кумита таъин гашта буд. Барои кӯмак ба Кумита ду коршиноси илмӣ таъин карда шуда буданд: ҷ. Амадеу Река-зенс-и-Брюне (Директори Мактаби полиси Каталония ва профессори донишгоҳи Барселона, Испания) ва ҷ. Нил Ричарде (директори барномаи такмили ихтисоси сардорони полис, Брамсхилл,

Британияи Кабир). Вазифаи котибӣ ба зиммаи Директорати генералииШӯрои Аврупо оид ба масоили ҳуқуқӣ вогузор шуда буд.

Комиссияи аврупоӣ, Интерпол, Ассотсиатсияи коллеҷҳои аврупоии полис (the Association of European Police Colleges - AEPC) ва Маркази байналхалқии таҳқиқот ва омӯзиши масоили иҷтимоӣ, ҷиноӣ ва пенитенсиарӣ (the InternationalCenter of Sociological Penal and Penitentiary Research fnd studies - Intercenter) назоратчиёни назди Кумита буданд. Ассотсиатсия оид ба пешгирии шиканҷа (the Association for the Prevention of Torture - APT), Шӯрои аврупоии иттифоқи касабаи полис (the European Council of Police Trade Unions - CESP), Иттиҳоди аврупоии полисзанҳо (The European Network of Police Women - ENP), Федератсияи аврупоии хизматчиёни давлатӣ (The European Federation of Employees in Public Services - EUROFEDOP), Федератсияи байналхалқии афсарони олии полис (The International Federation of Senior Police Officers - FIFSP), Ассотсиатсияи байналхалқии полис (The International Police Association - IPA), ва Иттиҳоди байналхалқии иттифоқи касабаи полис (The International Union of Police Federation) дар рафти марҳилаи ниҳоии кор машваратҳо додаанд.

Кумитаи коршиносӣ (PC-PO) дар кори худ асоси ҳуҷҷатҳои ҳуқуқшиносӣ (конвенсия ва тавсияҳои Шӯрои Аврупо ва дигар ташкилотҳои байналхалқӣ), инчунин принсипҳои Суди аврупоӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва дигар мақомоти дар боло номбурдашудаи Шӯрои Аврупоро ҳамчун дастур истифода намудааст. Кумита бо намояндагони КПШ ва Кумитаи аврупоӣ оид ба ҳуқуқҳои иҷтимоӣ баррасиҳо гузаронидааст. Илова бар он, Кумита доимо аз лоиҳа ва чорабиниҳои ба полис нисбатдоштаи Директорати генералии Шӯрои Аврупо гузаронанда бохабар буд. Натиҷаҳои кори Кумита дар Машварати 12-ум оид ба криминология, ки Шӯрои Аврупо моҳи ноябри соли 1999 дар мавзӯи “Ваколат ва масъулияти полис дар ҷомеаи демократӣ” ташкил карда буд ва инчунин моҳи июни соли 2000 дар Конфронси вазирони корҳои дохилии давлатҳои Аврупо пешниҳод ва тасдиқ карда шуданд.

Дар давраи аз декабри соли 1998 то моҳи марти соли 2001 Кумитаи коршиносӣ шаш ҷаласаи умумӣ ва се ҷаласаи гурӯҳи кориро гзаронид. Бо дархости Ассамблеяи Парлумонӣ, Кумитаи Вазирон розигии худро дод, ки лоиҳаи пешакии тавсияномa барои баррасӣ ба вай интиқол карда шавад. Кумита фикру мулоҳизоти ассамблеяро дар ҷаласаи шашуми худ ба назар гирифт.

Шакли ниҳоии матни лоиҳаи тавсияҳо ба "Кодекси аврупоии этикаи полис" ва маърӯзаи шарҳдиҳандаи ба он замимашаванда моҳи марти соли 2001 дар ҷаласаи шашуми Кумита қабул шуда, барои тасдиқнамоӣ ва моҳи июни соли 2001 барои тасдиқ ва минбаъд аз ҷониби Кумитаи Вазирон ба ҷаласаи 50-уми умумии Кумитаи аврупоӣ оид ба масоили ҷиноятқорӣ(CDPC) интиқол намудани он, пешкаш карда шуда буд. Кумитаи Вазирон Тавсияномаро тасдиқ намуда, дар рафти ҷаласаи намояндагони ваколатдори худ дар соли 2001 барои интишори шарҳу эзоҳ ба он иҷозат дод.

**II. Муқаддимаи тавсиянома**

*Кумитаи Вазирон, тибқи моддаи 15.b Оинномаи Шӯрои Аврупо*

*Хотиррасон менамояд, ки ҳадафи Шӯрои Аврупо ба вуҷуд овардани иттифоқи зичтар байни аъзоёни вай мебошад;*

*Дар хотир дорад, ки ҳадафи Шӯрои Аврупо инчунин, мусоидат ба волоияти қонун, ки он барои дилхоҳ низоми ҳақиқатан демократӣ асос мебошад;*

*Меҳисобад, ки низоми адлияи ҷиноӣ барои ҳимояи волоияти қонун нақши асосиро дошта, полис низ, дар навбати худ, дар ин низом нақши муҳим дорад.*

*Барои ҳамаи давлатҳои узв зарурати мубориза самаранок алайҳи ҷиноятқорӣ, ҳам дар миқёси миллӣ ва ҳам байналхалқиро дарк менамояд;*

*Меҳисобад, ки амалҳои полис бояд аксар вақт дар робитаи зич бо аҳолӣ гузаронида шуда, самаранокии онҳо аз дастгирии аҳолӣ вобаста мебошад;*

*Эътироф менамояд, ки аксари хадамоти полиси Аврупо – бо баробари таъмин намудани риояи қонун – нақши иҷтимоиро иҷро менамояд ва ба ҷомеа хизмат мерасонад;*

*Боварии комил дорад, ки эътимоди аҳолӣ ба полис бо мавқеъ ва рафтори полис нисбати ҳамин аҳолӣ, ва бахусус аз ҷониби полис риоя шудани шаъну шарафи инсон ва ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон дар ҳамон намуде, ки дар Конвенсияи аврупоӣ оид ба ҳуқуқи инсон муқаррар гаштааст, зич алоқаманд мебошад;*

*Принсипҳои дар Кодекси рафтори Созмни Миллали Муттаҳид барои шахсони ба истифодаи қонунҳо масъулбуда, ва қарордоди Ассамблеяи Парлумонии Шӯрои Аврупо дар бораи Изҳорот оид ба полисро ба эътибор мегирад;*

*Принсип ва қоидаҳои дар ҳуҷҷатҳои бо полис алоқаманд баёнгашта (аз нуқтаи назари ҳуқуқҳои ҷиноӣ, граҷданӣ ва авомӣ, инчунин қонунгузорӣ дар соҳаи ҳуқуқҳои инсон), ки Кумитаи Вазирон тасдиқ намудааст, қарор ва фармонҳом Суди аврупоӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва принсипҳои Кумита оид ба пешгирии шиканҷа, муомила ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф тасдиқнамударо дар хотир нигоҳ дорад;*

*Гуногунияти сохтори полис ва ташкили фаъолияти полисро дар Аврупо эътироф менамояд;*

*Заруратии муқаррар намудани принсип ва меъёрҳои ягонаи аврупоӣ, ки барои муайян намудани ҳадафҳои стратегии полис, усулҳои фаъолияти вай ва таъмин намудани бисоботдиҳӣ ба аҳолӣ имкон диҳандаро ба эътибор гирифта, инчунин амният ва риояи ҳуқуқҳои инсонро дар ҷомеаи демократии ҳуқуқбунёд кафолат медиҳад;*

*Ба ҳукуматҳои давлатҳои узвиятдошта тавсия медиҳад, ки дар чаҳорчӯбаи санадҳои қонунгузории дохилӣ ва кодекси рафтор барои полис, принсипҳои дар «Кодекси аврупоии этикаи полис» баёнгаштаро, ки бо мақсади мунтазам ба амалия ҷоринамоӣ ва эҳтимоли густариши фарохи онҳо ба тавсияномаи мазкур замима гардидааст, ҳамчун дастурамал истифода намоянд.*

**III. Шарҳу эзоҳи муқаддима**

Аз лаҳзаи таъсисёбии худ, Шӯрои Аврупо аз болои муқаррар ва паҳн намудани принсипҳои умумӣ дар қонунгузорӣ, амалия ва низомҳои ҳукуматии ҳамаи давлатҳои узв кор мебарад. Низоми адлияи ҷиноӣ, бо назардошти он ки мубориза бо ҷинояткорӣ истифодаи мустақим ва аниқи принсипҳоро, ки дар он мавҷудияти Шӯрои Аврупо асос ёфтааст ва онҳоро вай бояд ҳимоя намояд, бахусус- волоияти қонун, демократия ва ҳуқуқи инсонро тақозо менамояд.

Илова бар он, самаранокии чораҳо оид ба мубориза алайҳи ҷинояткорӣ ба андозаи назаррас дар доираи сиёсати ягонаи аврупоии ҳамоҳангкардашуда, мураттаб ба мувофиқа овардашуда вобаста мебошад. Вобаста ба мавҷудияти зуҳурот аз қабили ҷинояткории муташаккилона ва фасод, ки аксаран миқёси байналхалқиро касб кардаанд ва дар назди онҳо низомҳои миллӣ нокифоя буда метавонанд, шарти мазкур ҳарчи бештар зарурат пайдо мекунад.

Маъмулан, ба таҳияи меъёрҳои умумии нисбати мақомоти ҷазоӣ ба монанди полис истифодашаванда, нисбат ба ҷанбаҳои адлияи ҷиноӣ ё соҳаи истифодаи ҷазо, камтар диққат дода мешуд. Бо вуҷуди ин, Тавсияномаи Rec (2000) 19 ба наздики қабулшудаи Шӯрои Аврупо дар бораи нақши прокуратура дар низоми адлия, ва ҳамчунин тавсияномаи мазкур дар ин соҳа падид омадани тамоюли навро инъикос менамоянд. Илова бар он, яке аз ҷузъҳои таркибии низоми адлияи ҷиноӣ эътироф намудани полис (ки наздикшавии мутақобилаи адлия ва соҳаи корҳои дохилиро ифода менамояд) барои тезонидани ҳамоҳангшавии меъёрҳои нисбати полис истифодашаванда, асоси мустаҳкам шуда метавонад.

Дар Аврупои муосир, ки сарҳадҳо байни давлатҳо маҳв шуда истодаанд, дар дурнамои байналхалқӣ баррасӣ накардани полис ва ваколатҳои вай номумкин аст. Мушкилот дар он аст, ки дар мубориза бо зуҳуроти ҷинояткорӣ, ки ҳарчи бештар аз сарҳадҳои давлатӣ мегузаранд (чунончи, ҷинояти муташаккилона ва фасод), полис то чӣ андоза самаранок кор мебарад. Аммо танҳо бо дурнамои мазкур мушкилот анҷом намеёбанд. Дар ҷомеаи демократӣ ваколати полис, бо андешаи имконпазирии ин ё он амалҳо аз нуқтаи назари ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон дар намуде, ки дар КАҲИ баён гаштааст, маҳдуд мебошанд. Бинобар он мувозинати зарури байни ин манфиатҳоро бояд дарёфт намуд, ва маҳз дар ин ҷо этикаи полис нақши муҳимро мебозад.

Дар дилхоҳ ҷомеаи демократӣ полис на танҳо дар назди давлат, инчунин дар назди аҳолӣ низ масъулият бар дӯш дорад, ва самаранокии вай, дар андозаи назаррас аз дастгирии аҳолӣ вобаста мебошад. Аз ин нуқтаи назар иҷроиши вазифаи иҷтимоии полис ва рисолати хизмати давлатии он, барои амалигашти вазифаи ҷазодиҳии вай муҳим мебошад.

КАҲИ ва таҷрибаи амалисозии қонунгузорӣ барои таҳияи Тавсияномаи мазкур, ки дар он принсипҳои КПШ ба назар гирифта шудаанд, ҳамчун пойгоҳ ва асос хизмат намудаант. Ба кори мазкур, ба қисматҳои дахлдори он, ғояҳои умумӣ ва принсипҳои КПШ, инчунин Хартияи иҷтимоии аврупоӣ ва амалияи дахлдори ҳуқуқи истифода дошта таъсири худро расонидаанд. Дигар ҳуҷҷатҳои байналхалқӣ, бахусус он ҳуҷҷатҳое, ки ба полис нисбат доранд (чунончи, Кодекси рафтори Созмони Миллали Муттаҳид барои шахсони ба истифодаи қонунҳо масъулбуда, Қарордоди 690 (1979) Ассамблеяи Парлумонии ба

Изҳорот дар бораи полис), на фақат ба таври дақиқ омӯхта мешуданд, балки ҳангоми таҳияи Тавсияномаи мазкур манбаи арзишноке шуданд.

Ҳуҷҷатҳои зерини Шӯрои Аврупо, ки самтҳои фаъолиятро дар бархе соҳаҳои ба Тавсиянома нисбатдошта муқаррар менамоянд, бодиққат омӯхта шуданд:

–Созишномаи барномавӣ оид ба ҳимояи аққалияти миллӣ (European Treaty Series № 157);

–Қарордоди (78) 62 оид ба ҷинояткории ноболиғон ва ислоҳот дар соҳаи иҷтимоӣ;

–Тавсияномаи (80) 11 оид ба нигоҳдории шахсони таҳти тафтишбуда дар ҷойҳои аз озодӣ маҳрумкунанда;

–Тавсияномаи (83) 7 оид ба иштироки ҷомеа дар мубориза алайҳи ҷинояткорӣ;

–Тавсияномаи (85) 4 оид ба зӯроварӣ дар оила;

–Тавсияномаи (85) 11 оид ба мақоми ҷабрдида дар доираи ҳуқуқи ҷиноӣ ва мурофиаи ҷиноятӣ;

–Тавсияномаи (87)15 оид ба батартибандозии истифодаи маълумоти шахсӣ дар фаъолияти полис;

–Тавсияномаи (87) 19 оид ба ташкил намудани пешгирии ҷинояткорӣ;

–Тавсияномаи (88) оид ба таассури иҷтимоӣ ба рафтори ғайриҳуқуқии ҷавонон аз оилаи муҳоҷирон;

–Тавсияномаи (96) 8 ба мубориза алайҳи ҷинояткорӣ дар Аврупои навин;

–Тавсияномаи (97) 13 ба таҳдиди шоҳидон ва ҳуқуқҳои ҳимоя нисбатдошта;

–Тавсияномаи (97) 24 оид ба бисту чор принсипҳои дастурӣ дар бораи мубориза бо фасод;

–Тавсияномаи (99) 19 ба миёнаравӣ дар корҳои бо таъқиботи ҷиноӣ алоқаманд нисбатдошта;

–Тавсияномаи (2000) 10 оид ба кодекси рафтор барои хизматчиёни давлатӣ;

–Тавсияномаи (2000) 19 оид ба нақши прокуратура дар низоми адлияи ҷиноӣ;

–Тавсияномаи (2000) 20 оид ба нақши мудохилаи бармаҳали равонӣ-иҷтимоӣ дар пешгирии ҷинояткорӣ;

–Тавсияномаи (2000) 21 оид ба озодии амалигашти фаъолияти адвокатӣ;

–Тавсияномаҳои умумии Комиссияи аврупоӣ муқобили нажодпарастӣ ва тоқатнопазирӣ;

Бояд тазаккур дод, ки бархе дигар матнҳои (воситаҳои таълимӣ, маълумотномаҳо ва ғ.) дар Шӯрои Аврупо таҳиягашта ва ба мавзӯи полис нисбатдошта ба эътибор гирифта шуда буданд, аз ҷумла: полис ва ҳуқуқи инсон, этикаи полис, ВАО, наҷодпарастӣ ва тоқатнопазирӣ, баробарӣ ва мушкилоти аққалият.

Ҳангоми таҳияи Тавсияномаи мазкур мавҷуд будани фарқияти зиёди усулҳои дар давлатҳои гуногун аз ҷониби полис иҷро шудани вазифаҳои вай ба назар гирифта шуданд. Ин бахусус дар муқоисаи оинномаҳо ва низоми ташкили қувва/хадамот, инчунин усулҳои фаъолияти онҳо хело назаррас мебошад. Дар баробари ин хусусиятҳои ҳаммонанд низ дида мешаванд – аз ҷумла, нисбати ҳадафҳои полис ва он мушкилоте, ки вай дар доираи фаъолияти ҳаррӯзаи худ дучор мешавад. Тавсиянома принсипҳои роҳбарикунандаи дар давлатҳои демократии босубот ҳам барои таъмин намудани самаранокии полис ва ҳам барои муваффақшавӣ ба ҳамдигарфаҳмӣ бо ҷомеа ҳаётан муҳим баҳисобравандаро инъикос менамояд.

Тартиб додани стандартҳои умумӣ – масъалаи хело мубрам мебошад. Дар тамоми Аврупо ислоҳоти полис гузаронида мешавад, ва дар ҳама ҷо, бахусус дар далвтҳои нави демократӣ ислоҳоти мазкур ба раванди умумӣ, ки ҳадафи асосии он устувор намудани принсипҳои демократия, ба монанди волоияти қонун ва ҳимояи ҳуқуқи инсон дар ҳамкории мутақобила бо маъмурият мебошад, илова мешаванд.

Принсипҳои роҳбарикунандаи дар боло номбаршуда барои ислоҳоти низоми полис метавонанд намуна шаванд. Аммо маълум аст, ки ба давлати узв, бахусус бо назардошти тафовути онҳо дар гузашта ва дараҷаи тараққии онҳо, бояд озодии муайяни интихоб дода шавад. Тавсияномаи мазкур барои такмили минбаъдаи кори полис асос гузошт, Шӯрои Аврупо бошад масъалаи мазкурро ба қатори вазифҳаои аввалиндараҷаи худ ворид намуд.

**Муайян намудани доираи истифодабарӣ**

*Кодекси мазкур ба воҳидҳои сохтории анъанавӣ ва хадамоти давлатии полис ё ба дигар мақомоти аз ҷониби ҳокимияти давлатӣ иҷозат додашуда ва/ё назоратшаванда, ки мақсади асосии онҳо таъмин намудани ҳукми қонун ва тартибот дар ҷомеаи шаҳрвандӣ*

*буда, ва давлат ба онҳо барои ноилшавӣ ба мақсадҳои худ истифода бурдани қувва/ё ваколатҳои махсусро иҷозат медиҳад, ба кор бурда мешавад.*

**Шарҳу эзоҳ**

Дар авали Тавсиянома муайян намудани соҳаи амали Кодекс барои муқаррар намудани чаҳорчӯбаи истифодабарии он кӯмак мекунад. Муқарраroти пешниҳодшаванда, барои он ки Кодексро ҳарчӣ бештар хадамоти гуногуни полис истифода баранд, бо назардошти гуногунияти калони низоми полиси дар Аврупо мавҷудбуда, бахусус бинобар тавофут дар сатҳи рушд ва сохторҳои ташкилӣ фарохи онҳо. Муқаррароти барои банди мазкур интихобнамуда имкон медиҳад, ки Кодекс нисбати воҳидҳои сохтории «анъанавӣ» ё хадамоти полис дар ҳама давлатҳои узв ба кор бурда шавад (бояд қайд намуд, ки муқаррароти мазкурро бо ҳадафҳои тавсияшудаи полис, ки дар моддаи 1-и Кодекс оварда шудааст, набояд омехта намуд).

Бо андешаҳои дар боло гуфташуда, ҳангоми муайян намудани доираи истифодабарии Кодекс танҳо вазифаҳои асосии ба зиммаи мақомоти полиси дар Аврупо мавҷудбуда вогузоршаванда ва барои таъмин намудани тартиботи ҷамъиятӣ, амният ва фаъолияти ҷомеаи шаҳрвандӣ аз салоҳияти полис оиди ба кор бурдани қувва сарчашмагиранда, ба назар гирифта шудаанд. Ин, одатан, тахмини тартибот, пешгирӣ ва ошкор сохтани ҷиноятkорӣ мебошад. Агар мо ба мувофиқа омадем, ки хусусиятҳои асосии мазкур истифода шудани Кодексро нисбати ҳамаи ташкилоти полис муайян менамояд, он гоҳ барои муфассал қайд намудани ҳамаи вазифаҳои эҳтимолии полис зарурат нест. Ҳамин тавр, Кодекси мазкур ба ҳамаи мақомоти барои дар ҷомеаи шаҳрвандӣ иҷро намудани ин вазифаҳо ӯҳдадорбуда истифода бурда мешавад. Кодекс, новобаста аз чӣ тавр ташкил ёфтани полис – марказонидашуда ё дар сатҳи ҳокимияти маҳаллӣ амадкунанда, ба сохтори ҳарбӣ ё граҷданӣ такякунанда, қувва ё хадамот номбаршаванда, дар назди ҳокимияти марказӣ, минтақавӣ ё маҳаллӣ, ё дар назди доираи фарохи шахсон масъулбуда, ба истифода оид мебошад.

Гарчанде таҳиягарон мақсади то ҳадди ниҳоӣ густариш додани соҳаи истифодаи Кодексро доштанд, баъзе намудҳои хадамоти полис аз тобеияти вай берун карда мешаванд. Истинод ба полиси *анъанавӣ* бояд ҳамчун муқоисанамоии он бо намудҳои «махсус»-и полис, ки назар ба нигоҳ доштани тартиботи ҷомеаи шаҳрвандӣ дигар ҳадафҳоро таъқиб

менамоянд, қабул карда шавад. Аз ҷумлаи он намудҳои полис, ки аз доираи истифодаи Кодекси мазкур хориҷ карда мешаванд, полиси ҳарбӣ (ҳангоми иҷро кардани вазифаҳои ҳарбии худ) ва хадамоти махсус, инчунин полиси пенитенсиарӣ, ки дар давлатҳое, ки вуҷуд дорад, вазифаҳои худро танҳо дар муассисаҳои пенитенсиарӣ адо менамояд, ном бурдан мумкин аст.

Қайд кардан муҳим аст, ки Тавсиянома нисбати хадамоти амниятии хусусӣ ба кор бурда намешавад.

**I. Ҳадафҳои полис**

1. Ҳадафҳои асоси полис дар ҷомеаи демократии аз ҷониби принсипи волоияти қонун батанзиморанда инҳоянд:

–таъмин намудани суботи ҷамъиятӣ, риояи қонун ва тартибот дар ҷомеа;

–ҳимоя ва риояи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон дар он намуде, ки онҳо муқаррар карда шудаанд, аз ҷумла дар КАҲИ;

–пешгирии ҷинояткорӣ ва мубориза алайҳи он;

–ошкорнамоӣ ва тафтишоти ҷиноятҳо;

–расонидани кӯмак ва хизматгузорӣ ба аҳолӣ.

**Шарҳу эзоҳ**

Дар моддаи мазкур ҳадафҳои муҳимтарини полтс дар ҷомеаи демократии аз ҷониби принсипи волоияти қонун батанзиморанда баён карда шудаанд.

Таъмин намудани нигоҳдории субот дар ҷомеа ва риояи қонун, маъмулан ҳадафҳои умумии полис буда, масъулияти асосии вай, аксар «ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ» номида мешава. Ин мафҳуми ниҳоят фарох як қатор чорабиниҳои аз ҷониби полис гузаронидашаванда, ки дар байни онҳо ҳимоя ва таъмини амнияти шахс (воқеӣ ва ҳуқуқӣ) ва моликият (ҳам шахсӣ ва ҳам ҷамъиятӣ) ва таъмин намудани меъёрҳои ҳуқуқӣ дар муносибат байни давлат ва шахсият, инчунин байни шахсиятҳоро ном бурдан мумкин аст, дар бар гирифтааст.

Вазифаи риоя намудани ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон дар ҳамон намуде, ки онҳо дар КАҲИ муқаррар карда шудаанд, эҳтимол

хусусияти фарқкунандаи асосии полиси дар хизмати ҷомеаи дар он қонун волоиятдошта бошад. Вазифаи мазкур натанҳо ухдадории ҷудогона оид ба ҳимояи ин ҳуқуқҳо, инчунин ҳангоми иҷроиши дигар вазифаҳо низ мавҷуд будани ҳудудҳои амали полисро дар назар дорад.

Тасвияти «аз ҷумла дар КАҲИ» барои додани истиноди аниқ ба воситаи махсуси ҳуқуқӣ интихоб карда шуд, ва ҳамзамон аҳамияти дигар ҳуҷҷатҳои ба ҳуқуқи инсон дахлдоштаро инкор намесозад.

Вазифаи пешгирии ҷиноятқорӣ дар давлатҳои узви мухталиф ба таври гуногун баррасӣ мегардад, аммо дар аксар ҳолатҳо вай ба масъулияти умумии давлатҳо нисбатдошта ҳисобида мешавад. Пешгирии ҷиноятқорӣ аксаран ба пешгирии иҷтимоӣ ва вазъиятӣ ҷудо мешаванд, ва дар баробари он ҳар дуи шаклҳо дар ихтиёри полис қарор доранд.

Чӣ тавре, ки аз Тавсияномаи (87) 7 Шӯрои Аврупо дар бораи иштироки ҷамъият дар мубориза бо ҷиноятқорӣ ва Тавсияномаи (87) 19 дар бораи ташкили пешгирии ҷиноятқорӣ бармеояд, барои самаранок шудани пешгирии ҷиноятқорӣ, иштироки умумии ҷомеа дархост карда мешавад. Солҳои ахир вақте сухан дар бораи пешгирии ҷиноятқорӣ меравад, аксар истилоҳи «шарикӣ» истифода мешавад; ин нишон медиҳад ки на танҳо полис бояд бо мушкилоти мазкур машғул бошад. Дар ҳамоҳангсозии ҷидду ҷаҳди полис ва дигар мақомот ва инчунин аҳолӣ бояд фаъолит нишон дод. Гарчанд дар аксар давлатҳои узв масъулият барои сиёсати соҳаи пешгирии ҷиноятқорӣ мустақиман ба зиммаи полис вогузор намешавад, бо вуҷуди он ҳол полис яке аз ниҳодҳои асосии барои он масъулбуда мемонад. Дар ҷомеаи қонун волоиятдошта, он аз дилхоҳ сӯиистифода нисбати шаҳрвандони алоҳида кафолатҳои муайянро талаб менамояд.

*Тафтишоти ҷиноятқорӣ* дар ҳама давлатҳо яке аз вазифаҳои асосӣ ва классикии полис маҳсуб меёбад. Гарчанд тафтишоти ҷиноятқорӣ як бахши хурдакаки маҷмӯи вазифаҳои полисро ташкил мекунад – он яке яз муҳимтарин ҷанбаҳои кори он мебошад. Дар ин ҷода, мардум аз полис умеди калон дорад. Тафтишоти самараноки ҷиноятҳо худ як моҳияти пешигирии ҷиноятро таҷассум намуда эътимоди мардумро нисбати адлияи ҷиноӣ тақвият мебахшад.

Тафтишоти ҷиноятқорӣ дар давлатҳои мухталиф ба таври гуногун ба роҳ монда шудааст. Дар бархе аз давлатҳо ин – умуман масъулияти полис, дар дигар давлатҳо вазифаи мазкур ба зиммаи қувваҳои махсуси полис, ба монанди полиси криминалӣ ё полиси судӣ вогузор мегардад.

Мустақилият ва новобастагии полис аз мақомоти полис низ дар ҳар кучо ба роҳҳои гуногун таъмин шудааст. Бо вуҷуди он, мушкилоте, ки бо он полис дар рафти фаъолияти худ ҷиҳати тафтиши ҷиноятҳо дучор мегардад, дар тамоми Аврупо якхела мебошад. Дар Кодекси мазкур аз байни дигар вазифаҳои полис, бе шубҳа мубориза бо ҷиноятркорӣ нақши марказӣ дорад, аммо зарурати тавъам намудани полис бо риоянамоии ҳуқуқҳои бунёдии шахсият тақозо менамояд, ки он дар кори мубориза бо ҷиноятркорӣ вазифаи махсусан мушкил мегардад. Принсипи «эҳтимолияти бегуноҳӣ» ва кафолатҳои бо он алоқаманд, бешубҳа барои шахсони дар содиркунии ҷиноят гумонбаршуда аҳамияти зиёд пайдо менамояд. Илова бар он, ҳангоми тафтиши ҷиноят риоя намудани ҳуқуқҳои шахсии шаҳрвандон ҳамчунин ба ҳуқуқҳои дигар шахсони манфиатдор – ҷабдидагон, шоҳидон, ки дар назди онҳо полис масъулиятнок мебошад, паҳн мегардад. Кафолат дар соҳаи тафтиши ҷиноятҳо дар поён баррасӣ шудаанд (Боби V.2.).

*Кӯмак ба аҳолӣ* инчунин яке аз ҷанбаҳои фаъолияти аксари мақомоти полис аст, аммо вазифаи мазкур дар давлатҳои гуногун ба андозаи кам ё беш рушднамуда мебошад.

Ба зиммаи полис вогузоштани вазифаи «хизматгузорӣ» андаке нақши вайро тағйир медиҳад; вай дигар натанҳо «қуввае» маҳсуб меёбад, ки ба манфиати ҷомеа истифо мешавад, балки инчунин вазифаи хадамоти ба ҷамъият «хизматгузорро» касб менамояд. Якчанд сол инҷониб дар Аврупо тамоюли возеҳи бо ҷомеаи шаҳрвандӣ тавъам намудани полис ва ба ҳамин минвол ба аҳолӣ наздик намудани он пайгирӣ мешавад. Ҳадафи мазкур дар як қатор давлатҳо тавассути рушди «полис аз рӯи макони зист» ба даст оварда мешавад. Яке аз воситаҳои асосии ноилшавӣ ба ҳадафи мазкур на фақат мақомоти барои истифодаи қонун масъул будани полис, балки ба вай додани мақоми ниҳоде, ки ба ҷамъият хизмат мерасонад мебошад. Барои дар танҳо дар рӯи коғаз намонидани тағйироти мазкур, вазифаҳои хизматгузорӣ бояд ба номгӯи вазифаҳои полиси демократии муосир ворид карда шаванд. Маъмулан, кӯмаки полис мерасонида, ба рӯйдоди мушаххас, чунончӣ расонидани кӯмаки бевосита ба дилхоҳ шахси дар ваъзияти хатарнок қарордошта, ё расонидани кӯмак ҷиҳати дар тамосшавӣ бо дигар хадамоти давлатӣ ё иҷтимоӣ, ки вай бояд мудохила намояд, дахл дорад. Ҳамзамон вазифаи хизматгузорӣ дар фаъолияти полис норавшан монда, муайян кардани мушаххасоти он мушкилӣ пеш меорад. Вазифаи мазкурро набояд бо вазифаҳои маъмурии ба зиммаи полис

гузошташаванда (додани шиноснома ва ғ.) омехта намуд. Одатан, вазифаи хизматгузории полис бо нақши мақомоти вай, ки ба он аҳолӣ метавонанд мурочиат намоянд, вобаста мебошад. Ҳол он ки аз ин ҷиҳат дастрас будани полис яке аз ҷузъиёти муҳимтарин мебошад. Вазифаи хизматгузории полис назар бар замми вазифаҳои маъмулӣ ба вазифаҳои фарохтар салоҳиятнок намудани полис, ба андозаи зиёд аз муносибати полис ба аҳолӣ вобаста аст. Маълум аст, ки полис оид ба хизматгузорӣ ба аҳолӣ масъулияти зиёдеро ба зима гирифта наметавонад. Бинобар ин давлатҳои узв бояд ҳудудҳои возеҳи фаъолият ва ӯҳдадориҳои полисро дар ин ҷанба муқаррар намоянд.

## II. Асосҳои ҳуқуқии кори полис дар сурати риоя шудани принсипҳои волоияти қонун

*2. Полис мақомоти давлатие мебошад, ки бояд дар асоси қонун таъсис ёбад.*

*3. Амалиётҳои полис бояд ҳамеша тибқи қонунгузории миллии* давлат *ва меъёрҳои байналхалқии давлати мазкур эътирофнамуда, гузаронида шавад.*

*4. Қонунгузории полисро батанзиморанда бояд барои ҳар як шаҳрванд дастрас ва ба таври кофӣ возеҳу дақиқ бошад.*

*5. Кормандони полис таҳти таъсири ҳамон қонунҳо, ки нисбати шаҳрвандон истифода мешаванд, қарор мегиранд. Истисно аз принсипи мазкур танҳо вакте, ки онҳо ба таъмин намудани фаъолияти дурусти полис дар ҷомеаи демократӣ нигаронида шудаанд, асоснок ҳисобида мешаванд.*

**Шарҳу эзоҳ**

Боби мазкур барои полис (ҳам барои ниҳод ва инчунин барои соҳаҳои фаъолияти вай) чаҳорчӯбаҳои ҳуқуқии ба принсипи волоияти қонун мувофиқаткунандаро муқаррар менамояд. Инчунин он баъзе меъёрҳои ҳуқуқии асосгузори аз КАҲИ ва аз амалияи истифодаи меъёрҳои ҳуқуқӣ гирифташударо дар бар мегирад. Дар моддаҳои 2-5 баъзе принсипҳои дар асоси мафҳуми волоияти қонун аксёфтаи нисбати полис истифодашаванда, дубора ҷамъбаст карда мешаванд.

Дар моддаи 2 таъкид карда мешавад, ки полис ҳамчун ниҳод мақомоти ҳокимияти давлатӣ мебошад. Ин маънои онро дорад, ки мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва дар мақоми ахирон, худи давлат барои амалҳои полис аз масъулият худро канор гирифта наметавонад, ва худи

полис бошад ҳамчун ниҳод ба мақомоти хусусӣ табдил дода шуда наметавонад.

Илова бар он, дар моддаи 2 гуфта шудааст, мақомоти полис бояд тибқи қонун таъсис дода шаванд. Шарти мазкур ифодагари он аст, ки фаъолияти полис дар Сарқонун ва/ё қонунгузории оддӣ асос ёфтааст; аммо он дар ҳуҷҷатҳои хусусияти меъёридошта (чунончӣ, дар фармонҳои ҳукуматӣ, ба шарте, ки ин фармон ё дастурот дар асоси намояндагии салоҳият тибқи Сарқонун/қонун қабул карда шудаанд), мавҷудияти дастуроти муфассалли барои полис таъиншударо истисно наменамояд.

Дар моддаи 3 принсипҳое, ки ҳангоми гузаронидани амалиёти полис бояд ҳама вақт онҳо дастури амал бошанд, баён карда шудаанд; амалиётҳои мазкур бояд ҳам ба қонунгузории дохилӣ ва ҳам ба санадҳои байналхалқии амалкунанда мутобиқат намояд. Дар байни меъёрҳои байналхалқӣ КАҲИ ва воситаҳоии ҳуқуқии бо вай ҳамшафат мавқеи аҳамиятнок доранд.

Дар моддаи 4 ду принсипҳои умумии иловагии бо «консепсияи волоияти қонун» алоқаманд, ки Суди аврупоӣ оид ба ҳуқуқи инсон дар як қатор қарорҳои худ ба он истинод оварда буд, муқаррар карда шудаанд. Барои он ки шаҳрванд ҳангоми аз ҳудуди салоҳияти худ баромадани полис имкони ҳимоя намудани ҳуқуқҳои худро дошта бошад, вай бояд бо меъёрҳои ҳуқуқии бо ҳолати мазкур ба кор бурдашаванда шинос гардад. Шарти мазкур аввалан, ба аҳли ҷомеа дастрас будани санадҳои меъёрӣ, ва дуввум – ба таври кофӣ сареҳ баён шудани қонун ё санади зерқонуниро дар назар дорад. Ин ду шарти зарурӣ барои оқибати истифодаи санади меъёрии мазкурро пешбинӣ карда тавонистани шаҳрванд лозим мебошанд. Албатта, ҳеҷ вақт оқибати корҳоро бо дақиқии мутлақ пешбинӣ карда намешавад; зиёда аз он, дар сурати тағйир ёфтани вазъият қонун ва санадҳои меъёрӣ бояд таҷдид карда шаванд. Маҳз барои ҳамин Тавсиянома аз тасвияи Суди аврупоӣ оид ба ҳуқуқи инсон дур нарафта, ибораи «ба таври кофӣ сареҳ»-ро истифода мебарад. Агар сухан дар бораи сохтори ё фаъолияти полис равад, бояд байни аниқӣ ва мусоидӣ (имконияти тафсири импровизатсионии қонунҳои фаъолияти полисро батанзиморанда) мувозинати оқилона вуҷуд дошта бошад. Дар ҷанбаи истифодаи маҷбурсозии давлатӣ нисбати шаҳрвандон, аҳамиятнокии принсипҳои мазкурро дуруст ба эътибор нагирифтан нашояд. Маҳз барои ҳамин онҳо бояд дар Тавсиянома баён карда шаванд.

Яке аз принсипҳои асосии волоияти қонун, ки дар моддаи 5 тазаккур гардидааст, изҳор менамояд, қонун ба ҳамаи шаҳрвандон, аз ҷумла кормандони полис, ки худ онҳоро истифода мебаранд, як мебошад. Танҳо дар ҳолати барои аз ҷониби полис ба таври бояду шояд иҷро шудани уҳдадориҳои вай, истисно аз принсипҳои мазкур имконпазир аст.

Моддаи мазкур нишон медиҳад, ки ба истиснои баъзе ҳолатҳои махсус, кормандони полис, одатан, таҳти меъёрҳои ҳуқуқҳои оммавӣ ва тартиӣ муҷозоти маъмулии ҳуқуқӣ қарор мегиранд. Дар чаҳорчӯбаи моддаи мазкур муҷозоти дохилии хусусияти интизомӣ дошта пешбинӣ нашудаанд. Суди аврупоӣ оид ба ҳуқуқи инсон нисбати тафовути масоили интизомӣ ва ҷиноӣ амалияи истифодаи ҳуқуқии худро бунёд намудааст. Хулоса, давлат набояд ба дараҷаи масоили интизомӣ масъалаҳое, ки тибқи ҳуқуқҳои байналхалқӣ ба масоили ҷиноӣ бояд нисбат дода шаванд, нисбат диҳад ва бо ҳамин тарз ба кафолатҳои мурофиавии моддаи 6-и КАҲИ пешбининамуда аҳамият надиҳад.

**III. Полис ва низоми адлияи ҷиноӣ**

*6. Байни нақши полис ва дигар ниҳодҳои адлияи ҷиноӣ, прокуратура, суд, низоми пенитенсиарӣ (корҳои ҷазодиҳӣ-ислоҳӣ) бояд тафовути аниқе гузошт; полис набояд аз болои мақомотҳои мазкур ягон ваколати назораткунанда дошта бошад.*

**Шарҳу эзоҳ**

Чӣ тавре ки дар муқаддима тазаккур гардидааст, полис яке аз чор қисматҳои низоми адлияи ҷиноӣ мебошад: полис, прокуратура, суд ва низоми пенитенсиарӣ. Азбаски аз рӯи тамсилаи зикргардидаи адлияи ҷиноӣ ҳар як қисмат мустақил ҳисобида шуда, дорои механизми «худдорӣ ва мувозина» будани низом бояд эътироф карда шавад ва бояд тамоми низом ва ҳар як ҷузъиёти он самаранок ва тибқи қонун фаъолият барад. Ҳамзамон, тамсилаи мазкури низоми адлия ҷараёни мурофиаи ҷиноиро, ки дар он ҳар як кор аз як ҷузъи низом ба дигараш интиқол карда мешавад таъмин намуда, то дараҷаи муайян мустақил ва аз якдигар новобаста будани ҷузъҳои мазкурро талаб менамояд. Чунин низом шахсони аз ин низом гузарандаро зудтар бо кафолат таъмин менамояд.

Моддаи мазкур аҳамиятнокӣии аз дигар ҷузъҳои низоми адлияи ҷиноӣ ҷудо намудани накши полисро таъкид менамояд. Полис, ки «ҳалқаи аввали занҷир» аст, нисбати дигар мақомоти низоми мазкур ягон гуна ваколатҳои назораткунанда надорад.

*7. Полис бояд ба таври қатъӣ принсипи мустақилият ва беғаразии судяҳоро риоя намояд; аз ҷумла, полис набояд муқобили қарорҳои ба таври қонунӣ баровардашуда ё қарори суд эътироз намояд ва на барои иҷроиши он монеа бунёд намояд.*

**Шарҳу эзоҳ**

Моддаи мазкур ба мукаммалияти низоми адлияи ҷиноӣ мудохила менамояд. Мустақил ва беғаразона будани ҳокимияти судӣ яке аз асосҳои ҷомеа, ки дар он принсипи волоияти қонун ҳукмронӣ дорад, ифода менамояд. Полис, ҳамчун як қисми низоми ҷиноӣ, ҳатман бо ҳокимияти судӣ алоқамандӣ дорад ва ҳеҷ вақт набояд чунон амал намояд, ки ба ҳокимияти беғаразонаи судӣ зарар расонад ё таассуроти зарарразонӣ падид ояд. Аз дигар тараф бошад, ҳокимияти судӣ низ бояд нисбати полис, ҳамчун ба мақомоти ҷудогонаи касбӣ эҳтиром зоҳир намуда, ба фаъолияти касбии вай даxолат нанамояд.

Полис ба ҳокимияти судӣ ҷиҳати ҳукмҳои судии асоси қонунидошта, аксаран бо дар амал татбиқ намудани онҳо даxлдор, ки вай бояд қатъиян риоя намояд, итоат мекунад. Қонунияти онҳоро қонунгузории миллӣ, инчунин меъёрҳои байналхалқии соҳаи ҳуқуқи инсон муайян менамояд (ниг. ба моддаи 3).

Қисми дуюми моддаи мазкур, умуман, дар назар дорад, ки полис бояд ҳамаи қарор ва ҳукмҳои судиро риоя намуда ва ҳатто барои пурра иҷро гардидани онҳо тамоми корҳои заруриро анҷом диҳад. Аммо таҳрири моддаи мазкур барои полис имкон медиҳад, дар ҳолатҳое, ки аз қолабҳои адлияи ҷомеаи демократии қонун волоиятдошта сарфи назар карда мешаванд, нақши «иҷрокунандаи норавшан»-ро иҷро насозанд. Аз моддаҳои 3 ва 37 бармеояд, ки полис бояд ҳамеша қонунӣ будани амалҳои худро санҷад.

Моддаи мазкур ба ҳуқуқ ва озодиҳои кормандони полис чун шаҳрвандон зарар намерасонад.

*8. Полис, маъмулан, набояд вазифаҳои судиро иҷро намояд. Ҳама гуна додани ваколати судӣ ба полис бояд маҳдуд ва бо қонун пешбинӣ шуда бошад. Ҳама вақт бояд нисбати ҳама гуна амал, қарор ё беамалии полис, ки ба ҳуқуқҳои шаҳрвандон даxл доранд, имкони эътирознамоӣ дар суд мавҷуд бошад.*

**Шарҳу эзоҳ**

Дар баъзе ҳолатҳо, ба таври истисно аз қоидаи асосӣ дар бораи ҷудонамоии қатъии ваколатҳо байни ҳокимияти судӣ ва иҷроия, ба зиммаи полис ваколатҳои судӣ низ вогузор кардан мумкин аст. Дар

Тавсиянома таъкид карда мешавад, ки танҳо дар ҳаҷми маҳдуд, одатан, дар ҳолати ҳуқуқвайронкуниҳои камаҳамият, вақте ки далелҳо оддӣ ва ҳуқуқвайронкунанда ба кардаи худ иқрор мегардад, аммо муҷозот маҳдуд ва аксаран қолабӣ мебошанд, полис имкон дорад ваколатҳои судиро амалӣ намояд. Ниҳоят муҳим аст, ки дар сурати аз ҷониби полис намояндагӣ шудани ваколатҳои судӣ, нисбати қарорҳои қабулнамудаи вай аризаи эътирозӣ пешниҳод карда шавад ва шахси ҳуқуқвайронкунанда аз он бохабар бошад. Дар моддаи мазкур имконияти дар суд баррасӣ намудани ҳама гуна қарори полис пешбинӣ шудааст.

9. *Ҳамкории самаранок ва ба таври бояду шояд ба роҳ мондаи полис ва прокуратура лозим аст. Дар он давлатҳое, ки полис ба прокуратура ё судяҳои тафтишотӣ тобеъ мебошад, вай дар бораи афзалият дар соҳаи тафтишоти ҷиноӣ ва гузаронидани чунин тафтишот бобати ҳар як ҳодисаҳои аниқ бояд дастуроти дақиқ гирад. Полис уҳдадор аст ба судяҳои тафтишотӣ ё прокуратура оид ба чӣ тавр иҷро шудани дастуроти онҳо иттилоъ диҳад, аз ҷумла бояд мунтазам дар бораи рафти тафтишоти парвандаҳои ҷиноӣ ҳисобот диҳад.*

**Шарҳу эзоҳ**

Моддаи мазкур принсипҳоро оид ба нақши прокуратура дар низоми адлияи ҷиноӣ, ки дар Тавсияномаи Rec (2000) 19 Шӯрои Аврупо дарҷ гардидааст, ва дар он сухан бобати муносибат байни прокуратура ва полис меравад, инъикос менамояд. Бо назардошти дар давлатҳои Аврупо истифода шудани низомҳои гуногун, Тавсияномаи мазкур байни он давлатҳои узв, ки дар он полис аз прокуратура вобаста нест ва онҳое, ки полис ба прокуратура тобеъ мебошад, тафовут мегузорад. Агар низоми амалкунандаро фикран истисно намоем, Тавсияномаи мазкур ба зиммаи прокуратура, нисбати полис, вазифаи дукаратаи хусусияти умумидоштаро мегузорад: санҷидани қонунӣ будани тафтишоти полис гузаронида ва пайгирии риояи ҳуқуқҳои инсон. Илова бар он, дар моддаи мазкур зарурати ҳамкории самаранок ва ба таври бояду шояд ба роҳ мондашудаи полис ва прокуратура таъкид карда мешавад.

Дар давлатҳои ба прокуратура ҳисоботдиҳанда будаи полис, параграфи 22-и Тавсияномаи мазкур тасдиқ менамояд, ки «Давлат чораҳои самаранок меандешад то прокуратура тавонад:

а) бо назардошти аввалият дар соҳаи сиёсати ҷиноӣ ба полис дастур дода тавонад ва маҳз: муайян намудани вазифаҳои аввалиндараҷа, усулҳои ба даст овардани далелҳо, интихоби мувофиқи ҳайати кормандон, мӯҳлатҳои гузаронидани тафтишот, интихоби маълумот барои прокуратура ва ғ.;

б) дар сурати мавҷуд будани якчанд хадамот – супоридани тафтишот ба он хадамоти полис, ки нисбати он салоҳиятнок диниста мешавад;

в) вазифаҳои назоратиро дар ҳаҷми барои пайгирии иҷроиши дастуроти прокуратура ва талаботи қонун лозима амалӣ намояд;

г) дар сурати зарурат ба вайронкуниҳои эҳтимолӣ муҷозот таъин намояд ё барои таъин намудани муҷозот мусоидат намояд».

Дар моддаи 9-и Тавсияномаи мазкур қоидаҳои дар боло зикргардидаи муносибати полис ва прокуратура инъикос гардидаанд. Давлат бояд аз болои мавҷуд будани ҳамкории самаранок ва ба таври бояду шояд ба роҳ мондашудаи полис ва прокуратура назорат намуда, инчунин нуқтаи назари полисро ба эътибор гирад. Азҷумла, барои аз прокуратура дастуроти аниқу возеҳ гирифтани полис, бояд чораҳои зарурӣ андешида шаванд. Чораҳои мазкур метавонанд дар шакли дастуроти аз рӯи қонун қабулшуда ё санадҳои ҳокимияти иҷроия буда, ва инчунин бо омӯзонидани ҳамкории касбии полису прокутатура тақвият дода шаванд. Аз тарафи дигар, полис бояд дар бораи натиҷаҳои бадастоварда, аз ҷумла оид ба пешравӣ аз рӯи ҳар як кори худ, ба мақомоти болоӣ иттилоъ диҳад. Тобеият ба прокуратура/судяҳои тафтишотӣ бояд ҳаддалимкон муфассалтар ба тартиб андохта шавад; барои амалигашти шартҳои мазкур гузаронидани тренингҳо низ талаб карда мешаванд.

*10. Полис бояд ба нақши ҳимоячӣ дар мурофиаи судии ҷиноӣ бо эҳтиром муносибат намояд; инчунин, ҳангоми зарурат – ба амалигашти воқеии ёрии ҳуқуқӣ нисбати ҳуқуқҳои шахсони аз озодӣ маҳрумшуда мусоидат намояд.*

**Шарҳу эзоҳ**

Яке аз принсипҳои асосӣ дар ҷомеаи қонун волоиятдошта ба ҳамагон таъмин намудани дастрасии баробар ба ҳуқуқ ва адлия мебошад. Одатан ин ба ҳама гуна шахсе, ки ҳуқуқу озодиҳои вай таҳти таҳдид қарор гирифтаанд, кафолати расонидани кӯмаки ҳуқуқии воқеиро дар назар дорад (ниг. Ба Тавсияномаи (2000) 21 дар бораи

озодии амалигашти фаъолияти ҳимоячӣ). Илова бар он, дар моддаи 6-и КАҲИ махсусан тазаккур гардидааст, ки ҳама гуна шахси ба содиркунии ҷиноят айбдоршуда, ҳуқуқ дорад худро шахсан ё бо кӯмаки ҳимоячии худаш интихобнамуда ҳимоя намояд (ниг. Ба моддаи 47-и Тавсияномаи мазкур).

Дар моддаи 10. таъкид мегардад, ки полис бояд дар мурофиаи судӣ нисбати нақши ҳимоячӣ эҳтиром зоҳир намояд. Бар замми гуфтаҳои боло, полис набояд беасос ба корҳои ҳимоячиён мудохила намояд ё онҳоро гирифтори ягон намуди таҳдид ё таъқиб намояд. Зиёда аз он, полис набояд ҳимоячиёнро бо мизоҷони онҳо фикран монанд созад. Бахусус дар сурати аз ҷониби худи полис дастгир шудани ҳуқуқвайронкунандагон, полис бояд барои бо кӯмаки ҳимоячӣ таъмин шудани онҳо мусоидат намояд.

*11. Полис набояд бо худ кормандони муассисаҳои петенсиариро иваз намояд, ба истисної ҳолатҳои фавқулодда.*

**Шарҳу эзоҳ**

Моддаи мазкур моддаи 6-ро пурра намуда, барои таъкид намудани тафовут байни вазифаҳои полис, ки дар мурофиаҳои суди ҷиноӣ амалҳои мурофиавии тосудиро иҷро менамояд ва вазифаҳои бо муносибат бо маҳкумшудагони ҷазояшонро адонамудаистода вобастабуда, ворд карда шудааст. Мувофиқи қолабҳои соҳаи идоракунии пенитенсиарӣ ва муассисаҳои пробатсионии Шӯрои Аврупо, ба монанди қоидаҳои пенитенсиарии Аврупо (Rec (87)3) ва Тавсиянома оид ба ҳайати кормандон, ки барои истифодаи муҷозот ва чораҳо масъул мебошад (Rec (97) 12) маълум аст, ки вазифаҳои кормандони хадамоти пробатсия ва ҳайати кормандони муассисаҳои пенитенсиарӣ анҷомдиҳанда, аз ҷумла нисбати тафтишоти ҷиноятҳо, аз вазифаҳои полис куллан тавофут доранд. Бинобар он, тахассус, тартиби ба кор қабулнамоӣ ва омодагии касбии кормандони соҳаҳои мазкур аз ҳамдигар фарқи зиёд доранд. Дар моддаи мазкур принсипи муҳими то ва пас аз баровардани ҳукм дар дохили низоми адлияи ҷиноӣ тақсим намудани ваколатҳо муайян карда мешавад. Бо вуҷуди он, дар ҳолатҳои фавқулодда ба полис муроҷиат намуҷан имконпазир аст.

Дар баъзе давлатҳо ҳайати кормандони муассисаҳои пенитенсиарӣ «полиси пенитенсиарӣ» ном бурда мешаванд. Чи тавре ки дар шарҳу эзоҳи «Муайян намудани соҳаи истифодаи Кодекс» тазаккур гардид, Тавсиянома нисбати чунин кормандон ба кор бурда намешавад.

**IV. Ташкили сохтори полис**

**А. Муқаррарроти умумӣ**

*12. Полис бояд чунон ташкил шуда бошад, ки аҳолӣ ба кормандони вай нисбати иҷроиши касбии талаботи қонун ва хизматрасонӣ ба ҷомеа ҳисси эҳтиром дошта бошанд.*

**Шарҳу эзоҳ**

Моддаи мазкур принсипи барои муайян намудани нақши ташкилоти полис дар ҷомеаи демократии қонун волоиятдошта муҳим бударо ба таври ҳуқуқӣ мустаҳкам менамояд. Дар чунин намуди ҷомеа маъқул донистани аҳолӣ, эҳтироми шаҳрвандон кафолати беҳтарини фаъолияти бомуваффақияти полис мебошад. Бинобар он барои полис мустаҳкам намудани ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкорӣ бо аҳолӣ ниҳоят муҳим мебошад. Шартҳои мазкур ба аксар вазифаҳои аз ҷониби полис иҷрошаванда нисбат дорад.

Ташкили хизматгузориро бояд чунон ба роҳ монд, ки эътимоди байни полис ва аҳолӣ рушд намояд. Ба дараҷаҳои баланди касбӣ ноил шудани кормандони полис ва ба ташкилоти кушоди ба аҳолӣ хизматрасонанда табдил додани ниҳоди мазкур, ҷузъиёти муҳимтарин мебошанд. Ҳамин тариқ, аҳолӣ метавонад полисро на чун сохтори қувватии ба вай маҷбуран боршаванда, балки ҳамчун хадамоти дар ихтиёри вай буда баррасӣ намояд.

*13. Ташкилотҳои полис, ки вазифаҳои худро дар шароити ҷомеаи шаҳрвандӣ иҷро менамоянд, бояд ба ҳокимияти шаҳрвандӣ тобеъ бошанд.*

**Шарҳу эзоҳ**

Бояд ёдрас намуд, ки ба доираи истифодаи кодекси мазкур танҳо фаъолияти дар ҷомеаи шаҳрвандӣ амалишавандаи полис дохил мегардад. Ваколатҳои судии полис (он як қисмати низоми адлияи ҷиноӣ мебошад), ваколатҳои вай оид ба нигоҳдории тартиботи омма, инчунин пешниҳод намудани хизматгузориҳои ҷамъиятӣ ва якҷояшавӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҷузъҳое мебошанд, ки ӯҳдадориҳои полисро аз фаъолият ва вазифаҳои ҳарбӣ ҷудо месозад. Зиёда аз он, асоси ҳуқуқии полис ва ваколатҳои вай, ки дар онҳо қонун волоият дошта, ҳама ба эҳтироми ҳуқуқҳои граҷданӣ ва сиёсии шаҳрвандон тамаркуз гардидаанд, ҳамчунин аз асосҳои ҳуқуқии сохтори ҳарбӣ фарқ менамояд. Дар байни вазифа ва фаъолияти полис ва қувваҳои мусаллаҳ хусусиятҳои умумиро дарёфт намудан мумкин, лекин дар давлати ҳуқуқбунёд хусусиятҳои дар боло тазаккургардидаи полис ба андозае

муҳим мебошанд, ки онҳоро ҳамаҷиҳата дастгирӣ намудан лозим аст. Эҳтироми ҳуқуқҳои шаҳрвандон, ба андозае аз ҳисоботдиҳандагии полис ба ҷомеа таъмин карда мешавад. Хадамоти полиси дар назди ҷомеа масъулият ба зимма дошта, қобилияти зудтар ҷорӣ намудани маҳорати касбии ба талаботи ҷомеа ҷавобгӯбударо дорад.

Сохтори ташкилии полис – чӣ шаҳрвандӣ ва чӣ ҳарбӣ – дар давлатҳои гуногуни Аврупо тафовути зиёде доранд. Дар Аврупои Щарбӣ ва Шимолӣ полис, асосан, дорои сохтори шаҳрвандӣ мебошад. Дар як қатор давлатҳои Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ полис дорои сохтори ҳарбӣ буда, дар ҷануби Аврупо, баъзан дар ҳамон як давлат, ҳар ду намуд вуҷуд доранд.

Дар як қатор давлатҳои узв тамоюли ба хизматгузории ҷомеа нигаронидани полис падид омадааст. Раванди мазкур аксар вақт аз ҷузъҳои ислоҳоти ташкилӣ иборат мебошад. Дар Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ дигаргуниҳои мазкур ба раванди умумии гузариш ба низоми демократӣ дар давлати ҳуқуқбунёд илова шудаанд. Бо вуҷуди ин, тамоюли мазкур дар баъзе қисматҳои анъанаҳои устувори демократӣ доштаи Аврупо низ ба назар мерасад.

Дар вазъияти мазкур, инчунин бо зоҳир намудани ҳисси эҳтиром нисбати таърих ва анъанаҳои давлатҳои узви ҷудогона, моддаи мазкур бо изҳорот, ки дар ҷомеаи шаҳрвандӣ амалигашти вазифаҳои полис (ҳам шаҳрвандӣ ва ҳам ба таври ҳарбӣ бунёдгашта) бояд дар ихтиёри ҳокимияти шаҳрвандӣ бошад, маҳдуд мегардад.

*14. Полис ва кормандони ҳамаи хадамоти он, ки либоси расмӣ дар бар доранд, бояд зуд шинохташаванда бошанд*

**Шарҳу эзоҳ**

Моддаи мазкур аз принсипи барои полиси анъанавӣ дар ҷомеаи демократии қонун волоиятдошта аҳамияти асосӣ дошта иборат мебошад: мардум бояд қитъаи полис ва кормандони либоси расмидоштаи онро ба осонӣ шиносанд. Инчунин талаботи мазкур ба таҷҳизоти истифодашавандаи онҳо (автомобил ва ғ.) дахл дорад. Моддаи мазкур ишора менамояд, ки ба истисноИ махсуси аз рӯи зарурати иҷроиши вазифаҳои полис бавуқӯъомада, кормандони полис бояд ба осонӣ шинохта шаванд. Шарти мазкур қисми таркибии талаботи умумии нисбати кушод ва шаффофии полис буда, инчунин барои дар ҳолатҳои фавқулодда осон шудани дастрасӣ ба хадамоти полис хизмат мекунад (ниг. ба моддаи 44).

*15. Полис бояд ҳангоми иҷро намудани вазифаҳои ба зиммааш гузоштишуда, ки нисбати онҳо масъулияти пурра дорад, аз дигар мақомоти давлатӣ мустақилияти фаврии кофӣ дошта бошад*

**Шарҳу эзоҳ**

Полис ба ҳокимияти иҷроия ҳисоботдиҳанда мебошад. Полис аз ҳокимияти иҷроия дастури амалҳоро гирифта, пурра мустақил буда наметавонад. Бо вуҷуди он, ҳангоми амалигашти вазифаҳои ба зиммааш вогузоршуда, полис бояд қонунҳоро риоя намуда, илова бар он, барои ташаббускорӣ ҳуқуқ дорад. Ҳангоми иҷроиши ваколатҳои мазкур, полис набояд ягон намуди дастуроти хусусияти сиёсидошта гирад. Бояд тамоми ташкилот аз амалияи мустақил истифода намояд. Чунин мустақилият ҷанбаи муҳими волояти қонун мебошад, зеро вай барои тибқи қонун гузаронида шудани амалиёти полис нигаронида шудааст. Дар сурати падид омадани зарурати шарҳ додани қонун, он бояд касбӣ ва беғаразона бошад. Мувофиқи талаботи амалияи фаврӣ, полис бояд барои амал/беамалии худ пурра ҷавобгар бошад.

*16. Кормандони ҳамаи сатҳҳои хизматии полис бояд барои амал, беамалӣ ё фармонҳои ба тобеъон додаи худ шахсан ҷавоб диҳанд*

**Шарҳу эзоҳ**

Дар ҷомеаи қонун волоият дошта ҳамаи шаҳрвандон дар назди қонун баробаранд. Агар ба таври возеҳтар гӯем, кормандони полис бояд барои амалҳои худ дар асоси баробарӣ бо дигар шаҳрвандон шахсан ҷавобгар бошанд. Бар замми ин, сардорон бояд барои фармонҳои дар асоси ваколатҳои хизматии худ ба тобеон додашаванда пурра ҷавобгар бошанд.

*17. Дар ташкилоти полис бояд мартаботи муайяншудаи мушаххас мавҷуд бошад. Ҳама вақт бояд имкони муайян намудани сардор, шахси бевосита барои амал ё беамалии кормандони полис масъулбуда, мавҷуд бошад.*

**Шарҳу эзоҳ**

Моддаи мазкур моддаи 16-ро пурра намуда, он ҷиҳати ҷавобгарӣ ба фармонҳои дар дохили сохтори полис додашаванда дахолат дорад. Барои амалҳои худ шахсан ҷавобгар будани кормандони полис амри воқеъ аст, аммо он масъулияти сардоронро барои ин ё он фармонҳои додаи онҳо кам наменамояд. Сардор дар алоҳидагӣ ё якҷоягӣ бо «иҷрокунанда» ҷавобгар ҳисобида мешавад, агар номбурда фармонро «софдилона» иҷро карда бошад (ниг. ба моддаи 38). Мартабот имкон

медиҳад, ки шахси дар дараҷоти охир барои ин ё он амали полис масъулиятдошта зуд муайян карда шавад.

*18. Кори полис бояд тавре ташкил шуда бошад, ки боиси рушди муносибати мӯътадил бо аҳолӣ гашта, ҳангоми зарурат – бо дигар идора, мақомоти идоракунии маҳаллӣ, ташкилоти ғайридавлатӣ ва дигар намояндагони аҳолӣ, аз ҷумла аққалияти этникӣ ҳамкории воқеиро амалӣ намояд.*

**Шарҳу эзоҳ**

Моддаи мазкур ба давлатҳо тавсия медиҳад, ки ҳангоми ташкил намудани кори полиси худ хадамоти номбурдаро ҳамчун як ҷузъи ҷудонопазири ҷомеа баррасӣ намоянд. Самаранокии кори полис аз дар сатҳҳои гуногун барқарор намудани робитаҳои мустаҳкам бо дигар мақомоти давлатӣ, ва бахусус бо ҷомеа, ки аксар вақт ба таври гурӯҳҳо ё ташкилоти бахши ғайридавлатӣ намояндагӣ мекунанд, бурд менамояд.

Дар Тавсиянома масъалаи истифодаи аниқи принсипи мазкур кушода мемонад. Дар Аврупо якчанд намунаи ҳамкории полис бо дигар ташкилотҳо ва барқароркунии равобити зичи полис бо аҳолӣ вуҷуд доранд. Одатан барои муваффақшавӣ ба ҳадафҳои мазкур ғайримарказӣ намудани ташкилоти полис воситаи муҳим ҳисобида мешаванд. Аммо аксар вақт мушкилот бо сатҳи рушди демократия дар ин ё он давлат вобастагии зич дорад. Щояи дар Британияи Кабир тавлидёфта – «Полис мувофиқи ҷои зист» (commuty policing) – роҳи барои пешгирии ҷинояткорӣ ва тафтишоти он ҷалб намудани тамоми ҷомеа мебошад. Аксари давлатҳои Аврупо намуди нормбурдаро пайравӣ менамоянд.

Ҷинояткорӣ дар шаҳрҳои калонтарини Аврупо намунаи падидаи бисёртарафае мебошад (аксар бо мушкилоти қашшоқӣ, наҷодпарастӣ ва ҷинояткории ноболиғон алоқаманбуда), ки муқобили онҳо танҳо бо воситаҳои полис самаранок мубориза бурдан имконнопазир мебошад; падидаи мазкур низ иштироки умумии ҷомеаро талаб менамояд.

*19. Хадамоти полис бояд, бе ошкор сохтани маълумоти махфӣ, барои ба аҳолӣ пешниҳод намудани иттилооти пурра дар бораи фаъолияти худ, омода бошад. Бояд нисбати тамос бо воситаҳои ахбори омма дастуроти касбӣ таҳия карда шаванд.*

**Шарҳу эзоҳ**

Полис бояд барои ҷомеа то ҳадди ниҳои шаффоф бошад. Барои ба даст овардани боварӣ ва эътимоди аҳолӣ ба пешниҳод намудани иттилоот оид ба фаъолияти худ омода будани полис ниҳоят муҳим аст.

Ҳамзамон, бинобар як қатор андешаҳо полис бояд маҳрамиятро риоя намояд: дахлнопазирии шахсият, тафтишоти ҷиноӣ, принсипи фарзияи бегуноҳӣ, андешаи амният ва ғ. Гарчанд дар аксар давлатҳо чунин вазъият ба таври кофӣ ба тартиб оварда шудааст, маълум, ки полис барои муваффақшавӣ ба мувозинати ин ду принсип ҳамеша ҳуқуқи муайяни интихоби озодро дорад. Илова бар он, робитаи полис бо ВАО метавонанд мураккаб шаванд, ва полис на ҳама вақт барои ин ҳолат омода аст. Бинобар он ба полис таҳия намудани қоидаҳо дар бораи ҳамкорӣ бо ВАО тавсия дода мешавад. Бояд тазаккур дод, ки дар баъзе давлатҳои узв муносибат бо ВАО ба хадамоти махсуси ба он масъулбуда вогузор мешаванд. Ин ҷо воқеъбинӣ принсипи асосӣ мебошад.

*20. Ташкилоти хадамоти полис оид ба ростқавлии кормандони полис ва рафтори муносиб ҳангоми иҷро намудани вазифаи хидматии худ, бахусус нисбати риоя намудани ҳуқуқ ва озодиҳои бунёдии шаҳрвандон, ки дар КАҲИ тазаккур гаштааст, бояд чораҳои самаранок андешанд.*

**Шарҳу эзоҳ**

Моддаи мазкур барои рушди маданияти рафтори кормандони полис, ки барои ҳимоя намудани ҳуқуқ ва озодиҳои асосии шаҳрванд масъул будани худро дарк намудан имкон медиҳад, ва нигоҳ доштани сатҳи лозимии касбӣ тавассути андешидани чораҳо ҷиҳати афзун намудани масъулият дар дохили худи ташкилот, нигаронида шудааст. Воситаҳои мухталифи муваффақшавӣ ба шартҳои номбурда вуҷуд доранд. Дар бунёди фазои маънавӣ, ки ҳимояи ҳуқуқи шахсият ва вуҷуд надоштани табъизро ҳам дар дохили ташкилот ва ҳам дар муносибат бо ҷомеа таъмин менамояд, бешубҳа, услуби роҳбарият ва идораи полис нақши муҳимеро дорад. Воситаҳои дигари он роҳҳои кушоди робитаи байни кормандон (уфуқӣ ва амудӣ), таҳияи қолабҳои муомила (кодексҳои ахлоқи касбӣ) ва мониторинг мебошанд. Маълум аст, ки интихобнамоӣ ба полис ва тренинг аз ин ҷиҳат нақши муҳиме доранд (масъалаи масъулияти берун аз чаҳорчӯбаи ташкилот дар бобби VI баррасӣ гардидааст).

*21. Дар ҳамаи сатҳҳои ташкилоти полис бояд чораҳои самаранок ҷиҳати пешгирии фасоди полис ва мубориза бар зидди он амал намоянд.*

**Шарҳу эзоҳ**

Муайянкунандаи ягонаи байналхалқии фасод вуҷуд надорад. Муайян намудани мафҳуми мазкур дар давлатҳои гуногун мухталиф мебошанд. Созишномаи Шӯрои Аврупо дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноӣ дар бораи мубориза бо фасод онро ба таври возеҳ муайян накардааст, лекин ба ҳуқуқвайронкуниҳои ба дараҷаҳои он нисбатдошта, ба монанди ришвадиҳӣ (фаъол ва ғайрифаъол), кӯшиши таҳия намудани меъёрҳои умумиро кардааст.

Истилоҳи «фасод дар полис» фаъолиятҳои гуногун, чунончӣ ришвадиҳӣ, қалбакикунӣ ё маҳв намудани далелҳо, шахспарастӣ ё хешутабориро дар бар мегирад. Мафҳуми умумии фасод дар полис сӯиистеъмол аз ваколатҳои бо вазифаҳои полис алоқаманд мебошад,. Илова бар он, ба таври фарох эътироф гардидааст, ки фасод бояд ҳамчун таҳдиди ҳамешагӣ ба нуфузи полис ва фаъолияти мӯътадили вай дар шароити волоияти қонун дар ҳамаи давлатҳои узв, баррасӣ гардад.

Моддаи мазкур диққати давлатони узвро ба зарурати қабули чораҳои самараноки дохилӣ оид ба мубориза бо фасод дар полис ҷалб менамояд. Чунин чораҳо метавонанд аз муқаррароти аниқи фасод, омӯзиши сабабҳои фасод дар дохили полис ва таъсиси сохторҳои ташкилӣ ва механизмҳои назоратӣ барои мубориза бо падидаи мазкур иборат бошанд.

Бояд тазаккур дод, ки танҳо солҳои охир мубориза бо фасод аз ҷиҳати байналхалқӣ яке аз самтҳои афзалиятнок гардидааст. Давлатҳои узв эътироф менамоянд, ки фасод ба демократия, волоияти қонун ва ҳимояи ҳуқуқи инсон таҳдид менамояд. Бинобар он Шӯрои Аврупо, ки ниҳоди асосии аврупоии ҳимоякунандаи ин ҳуқуқҳо мебошад, як қатор воситаҳои мубориза бо фасодро таҳия намуд: Қарордоди (97) 24 оид ба 20 принсипҳои асосии мубориза бо фасод ва Тавсияномаҳо оид ба мақоми шахсони соҳибмансаб дар Аврупо (2000) 6 ва кодекси рафтор барои хидматчиёни давлатӣ (2000) 10 (онҳо нисбати полис низ ба кор бурда мешаванд), инчунин Созишнома дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноӣ дар бораи мубориза бо фасод (ETS №173) ва Созишнома дар бораи масъулияти шаҳрвандӣ ҳуқуқӣ барои фасод (ETS №174), ки соли 1999 қабул шуда буд. Илова бар он, соли 1998 барои пайгирии фасод дар давлатҳои узв, Гурӯҳи давлатҳо оид ба мубориза бо фасод (GRECO) таъсис дода шуд. Инчунин Шӯрои Аврупо дигар барномаҳои мақсади ягонаи мубориза бо фасод доштаро амалӣ менамояд, аз ҷумла дар полис, ки он ҷо давлатҳои узв метавонанд иштирок намоянд.

**Б. Тахассус, интихобнамоӣ ва пешгирии аз кор рафтани кадрҳои ҳайати кормандони полис**

*22. Кормандони полисро, новобаста аз вазифае, ки ба он қабул кара мешаванд, бояд дар асоси салоҳиятнокӣ ва таҷрибаи ба вазифаҳои кори полис мувофиқи онҳо, ба кор қабул намоянд.*

Раванди интихобнамоии номзадон ба вазифаҳои полис бояд танҳо дар маҳакҳои воқеӣ асос ёбанд. Ин ҷо сухан дар бораи тахассуси шахсӣ меравад, ки онро ба ду дараҷа ҷудо намудан мумкин аст – салоҳиятнокӣ ва таҷриба. Ба дараҷаи аввал маҳорату малакаи шахсӣ ва қобилиятҳои номзад тааллуқ доранд (баъзе аз онҳо дар моддаи 23 тавсиф шудаанд). Дараҷаи дуюм – таҷрибаи шахсӣ – дар якҷоягӣ маълумот ва таҷрибаи рӯзгор, азҷумла малакаи касбии бадастомадаро фаро мегирад. Хусусиятҳои шахсии мазкур бояд ба ҳадафҳои полис мувофиқат намоянд (ниг. ба моддаи 1). Гарчанд салоҳиятҳои талабшаванда метавонанд мухталиф бошанд, принсипҳои асосӣ бояд ба ҳамаи унвонҳо ба кор бурда шаванд. Набояд барои ҳадафҳои сиёсӣ таъин намудани кормандони полис роҳ дода шавад, хусусан агар сухан дар бораи вазифаҳои амалиётӣ равад.

*23. Кормандони полис бояд дурандешӣ, кушодагӣ, пухтакорӣ, ҳисси адолат, қобилияти зуд робитапайдонамоии худро зоҳир намуда тавониста, дар сурати зарурат – сифатҳои ташкилӣ ва роҳбарикунанда дошта бошанд. Илова бар он, онҳо бояд ба мушкилоти иҷтимоиву маданӣ ва инчунин ба муносибати байни мардум хуб сарфаҳм раванд.*

**Шарҳу эзоҳ**

Намунаҳои номбаршудаи салоҳиятнокӣ барои кормандони фаврии полис дар ҷомеаи демократӣ муҳим мебошанд. Феҳристи салоҳиятҳои мазкур мукаммал нест. Ҳадафи ниҳоӣ – соҳиб шудан ба кормандони полисе, ки ҷомеаи ба он хизматрасонандаро хуб дониста, рафтори онҳо ба вазифаҳои полис мутобиқат менамояд.

*24. Шахсони дар содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳои вазнин айбдоршуда наметавонанд вазифаи полисро иҷро намоянд.*

**Шарҳу эзоҳ**

Моддаи мазкур стандартҳои ҳадди ақалро нисбати кормандони ба кор қабулшаванда ё нав қабулшудаи полис муайян менамояд. Аммо давлатҳои узв метавонанд мустақилона «сатҳи тоқатпазирӣ»-ро, ки бояд дар муносибат бо ҳуқуқвайронкуниҳои ба дараҷаи «вазнин» ворид нашаванда истифода шаванд, муқаррар намоянд. Илова бар он,

талаботи ҳукми судӣ бояд меъёри ҳадди ақал ҳисобида шавад, ки агар нисбати кормандони нав ба кор қабулшуда гумонбарии қавии аз ҷониби вай содир шудани амалҳои ҳуқуқвайронкунанда вуҷуд дошта бошад, онҳо наметавонанд вазифаи полис ё вазифаҳои ба он монандро иҷро кунанд.

*25. Тартиби ба кор қабулнамоӣ бояд дар маҳакҳои воқеӣ ва бе табъиз будан асос ёбанд (пас аз ба таври бояду шояд гузаронидани санҷиши номзадҳо). Илова бар он, бояд сиёсати қабулнамоии занҳову мардҳо аз табақаҳои гуногуни ҷомеа, аз ҷумла аз шумори намояндагони аққалияти этникӣ чунин ба кор бурда шавад, то ин ки полис инъикосгари ҷомеаи ба он хизматрасонанда бошад.*

**Шарҳу эзоҳ**

Барои ба полис ҳарчӣ бештар пурсамар гаштани тартиби ба кор қабулнамоӣ, онҳо бояд дар асоси воқеъбинӣ ва бе табъиз гузаонида шаванд. Дар моддаи 22 ва шарҳу эзоҳи он як зумра воситаҳои ба ноилшавӣ ба талаботи мазкур тавсиф карда шудаанд. Принсипи муносибати бетабъиз ҳангоми ба кор қабулнамоӣ дар КАҲИ ва Пайнавишти №12-и он ва инчунин аз ҷониби хартияи иҷтимоии Аврупо қайд карда шудаанд. Тибқи ин ду ҳуҷҷати байналхалқӣ, амалияи истифодаи ҳуқуқҳо дар мавқеъҳои зерини роҳ надодан ба табъиз асос ёфтаанд: ҷинс, ақидаҳои сиёсӣ, мазҳаб, наҷод, баромади миллӣ ё этникӣ.

Ҳангоми муайян намудани гузаштаи номзадон, ба қатори вазифаҳои хизматии кормандони бо интихоби кадрҳои полис машғулбуда, «ҷустуҷӯи фаъолона» низ ворид мешавад, ки он «санҷиши лозима»-и номзадонро ифода менамояд. Риоя намудани талаботи мазкур дар давлатҳои маъмурияташ, аз ҷумла низоми адлияи ҷиноӣ ба таври кофӣ рушд наёфта ва/ ё дар давлатҳои аз садама ё ҷангҳо зарардида, ки феҳристи давлатӣ (чунончӣ, картотекаҳои судӣ) мунтазам таҷдид шуда, осон дастрасшаванда мебошад, мушкил аст.

Маълум аст, ки на дар ҳамаи давлатҳои узв шумораи кофии занҳо дар полис фаъолият доранд, ва ба андозаи боло шудани вазифа ва рутба ин падида ба назар намоёнтар мегардад. Дар ҳамаи давлатҳои узв чунин ҳолатро нисбати намояндагони ақаллият, чунончӣ ақаллияти этникӣ низ мушоҳида намудан мумкин аст.

Дар назар дошта мешавад, ки агар ҳайати кормандони полис инъикоскунандаи гуногунияти ҷомеа бошанд, муносибати ҷомеа ва полис беҳтар мегардад. Ин падида метавонад самаранокии полисро

афзун намуда, дастгирии онҳоро аз ҷониби аҳолӣ пурзӯр гардонад. Бинобар он барои беҳтар намудани самти мазкур бояд кӯшиш ба харҷ дод.

Муқаррароти дуюми модда таъкид менамояд, ки сиёсати ба кор интихобнамоӣ бояд ба муваффақшавӣ ба намояндагии кофии ҷомеа дар полис нигаронида шавад. Сиёсати мазкур бояд ба ҷомеа фаҳмонида дода шуда, принсипҳои дар моддаи 22 тазаккургардидаро риоя намуда, барои иҷроиши он бояд амалҳои саривақтии оқилонаро анҷом диҳад.

**В. Омода намудани кормандони полис**

**Шарҳу эзоҳ**

*26. Низоми омодакунии кормандони полис, ки дар арзишҳои бунёдии демократӣ, волоияти қонун ва ҳифзи ҳуқуқҳои инсон асос ёфтаанд, бояд мутобиқи ҳадафҳои полис таҳия карда шаванд.*

Полис дар ҳимояи ҷомеае, ки барои хизматрасонӣ ба он гузошта шудааст, нақши муҳим бозида, ӯҳдадор аст ба ҳамаи арзишҳои асосии давлати демократӣ қабулнамуда ҳамфикр бошад. Бинобар он дар полис таблиғ намудани арзишҳои демократӣ бисёр муҳим буда, омодагии касбӣ яке аз воситаҳои муҳимтарини ба кормандон таолқин намудани арзишҳои мазкур мебошанд. Дар моддаи мазкур ҷорӣ намудани арзишҳои бунёдии барои ҳамаи авлатҳои узви Шӯрои Аврупо умумибуда ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири омодагии касбии полис баррасӣ мегардад.

Ҷанбаҳои кори полис, ки ба масоили этика ва ҳуқуқи инсон дахл доранд, бояд бо мушкилоти возеҳи бо кори рӯзмарра алоқаманбуда нишон дода шаванд. Давлатҳои узв ба омодагии касбӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон диққати зиёд медиҳанд, аммо нисбати коркарди усулҳо ва таҳияи маводи таълимӣ корҳои зиёдеро бояд анҷом дод. Дар самти мазкур Шӯрои Аврупо фаъолона кор бурда истодааст ва аллакай коршиносон як қатор дастурамалҳои дар омодагии касбии полис нишондиҳандаҳои амалиявии оид ба ҳуқуқи инсон доштаро таҳия кардаанд.

*1. Раванди тайёрии умумии кормандон бояд ҳаддалимкон барои ҷомеа кушод бошад*

**Шарҳу эзоҳ**

Принсипи кушодагӣ ва шаффофии ташкилоти полис бояд дар омодагии касбии кормандони вай инъикос гардад. Полис, ки ба сӯи иҷро намудани вазифаҳои худ бо кӯмаки аҳолӣ нигаронида шудааст,бояд назорат кунад, ки омодагии касбии кормандони вай дар

наздикии зич бо воқеияти иҷтимоӣ – ҳам аз ҷиҳати моддӣ (ҷой ва таҷҳизот) ва ҳам дар ҷанбаи омодагии зеҳнӣ амалӣ гардад.

Омодагии полис дар ҷойҳои пӯшида ё ҷудокардашуда, аз ҷумла дар шароити казармавӣ зиндагӣ кардани курсантон ва ғ. Бо вуҷуди он, омодагии умумии кормандони полис бояд ба андозае ар шароитҳои мусоид гузаронида шавад. Ба истисноии имконияти низоми хусусӣ, барои омодагии умумӣ ҷалб шудани захираҳои дигар муассиса ва ташкилотҳо кушодагиро дар назар дорад.

Барои ҷомеа кушод будани полис ба омодагии касбии пӯё мусоидат менамояд. Аз ҷумла, дар назар дошта мешавад, ки ҳангоми омода намудани мутахассисони гуногун айнан нишон додани вазъиятҳои воқеии иҷтимоӣ омӯзишро пурсамар мегардонад.

*2. Хуб мешуд, ки пас аз омодакунии умуми аввалӣ, давраҳои мунтазами такмили ихтисос ва дар сурати зарурат – омӯзиши махсуси ҳайати роҳбарият гузаронида шавад.*

**Шарҳу эзоҳ**

Кормандони полис бояд, маъмулан, аз омодагии умумии касбӣ гузашта, сипас, дар сурати зарурат, омодагии касбии махсусгардонидашударо низ гузаранд. Аз омодагии ибтидоии умумӣ гузаштани полис зарурати аз омодагии махсусгардонидан бо супоришоти махсус ва вазифаҳои кормандон вобастабударо истисно наменаҳояд. Моддаи мазкур инчунин ба василаи мунтазам такмил додани ихтисос пурра намудани омодагии ибтидоиро таъкид мекунад.

Омодакунии кормандони полис бо нмзоми интихобкунӣ алоқаи зич дорад. Дар баъзе давлатҳо кормандон одатан ба рутбаҳои паст ба кор кабул намуданд, ҳоло он ки, дар дигар давлатҳо ҳайати кормандони рутбаҳои паст ва ҳайати фармондеҳонро мутобиқи дигар принсипҳо интихоб карда метавонанд (Аврупои континенталӣ). Дар ҳолати дуввум аксар дипломи дар бораи маълумоти олӣ талаб карда мешавад. Муқаррoти моддаи мазкур нисбати ҳарду намуди низомҳо ба кор бурда мешавад.

*3. Дастуроти амалиявӣ нисбати ҳолатҳои талабкунандаи истифодаи қувва ва ҳудудҳои истифодаи он, бо назардошти зарурати риоя намудани принсипҳои дар соҳаи ҳуқуқи инсон маъмулбуда, чунончи дар КАҲИ ва амалияи ҳуқуқии татбиқшавандаи дахлдор дарҷгардида, бояд ҷузъи ҷудонопазири омодагии касбии ҳамаи сатҳҳои полис бошад*

**Шарҳу эзоҳ**

Дар ҷомеаи қонун волоиятдошта ҷанбаҳои аниқи аз ҷониби полис нисбати шахси аллоҳида ё гурӯҳи шахсон истифода шудани қувва чунон аҳамияти зиёд дорад, ки он дар моддаи алоҳида баён гаштааст. Омодагии амалиявӣ бояд то ҳадди ниҳоӣ ба шароити воқеӣ наздик карда шудаанд.

*1. Ба омодагии касбии полис бояд омӯзиши ҳаматарафаи малакаи муқовимат ба наҷодпарастӣ ва тарсу ваҳм ва бадбинӣ нисбат ба ашхоси қавму наҷоди бегона (ксенофобия) низ дохил карда шавад.*

**Шарҳу эзоҳ**

Моддаи мазкур ба мушкилоти наҷодпарастӣ ва ксенофобия, ки дар аксари давлатҳои Аврупо вуҷуд дошта, омили асосии носуботии шаҳрҳо мегарданд, эътибор додаст. Ҳангоми омодасозии кормандони полис бояд ба ҳама гуна ҳолатҳои наҷодпарастӣ ва ксенофобия дар хадамот падидоянда эътибор дода, аҳамияти амалҳои самараноки полисро дар мубориза бо ҷиноятҳои дар заминаи нафрат, ки объекти асосии он аққалияти этникӣ мебошанд, бояд таъкид карда шавад.

**Г. Ҳуқуқҳои кормандони полис**

*1. Маъмулан, кормандони полис бояд аз ҳамон ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсие, ки нисбати дигар шаҳрвандон ба кор бурда мешаванд, истифода намоянд. Маҳдудияти ҳуқуқҳои мазкур танҳо дар он ҳолат имконпазир аст, ки онҳо тибқи қонун ва бо назардошти талаботи КАҲИ барои амалигашти вазифаи полис дар ҷомеаи демократӣ зарур мебошанд.*

**Шарҳу эзоҳ**

Моддаҳои боби мазкур дар принсипи умумии дар ҷомеаи демократӣ бо дараҷаи ҳадди ниҳоӣ аз ҳуқуқҳои шаҳрвандони боқимонда ба кор баранда истифода намудани полис, асос ёфтааст. Ин ҷузъи муҳими принсипи волоияти қонун буда, полисро як ҷузъи ҷомеаи ба вай хизматрасонанда гардонад.

Ҳуқуқҳои граҷданӣ ва шаҳрвандӣ, ки дар давлатҳоии узв КАҲИ кафолат медиҳад, нсбати ҳамаи шаҳрвандон, аз он ҷумла нисбати полис низ ба кор бурда мешавад. Баъзе аз ҳуқуқҳи мазкур дорои хусусияти «мутлақ» мебошанд, ҳол он ки дар ҳолатҳои махсус дигар ҳуқуқҳо метавонанд дучори маҳдудият гарданд. Аз ин ҷиҳат ба таҷрибаи фарохи Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон бояд истинод намуд.

Дар моддаи мазкур таъкид карда мешавад, ки давлатҳои узв набояд кормандони полисро аз ягон ҳуқуқҳои граҷданӣ ё сиёсӣ маҳрум

созанд, ба истисnoи мавҷуд будани сабабҳои қонунии бевосита бо амалҳои дар ҷомеаи демократӣ иҷронамудаи полис вобастабуда.

*1. Кормандони полис ҳамчун хизматчиёни давлатӣ бояд аз маҷмӯи фарохи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ истифода намоянд. Чунончи, онҳо ҳуқуқ доранд дар ташкилотҳои манфиатҳои касбии онҳоро муаррификунанда иштирок намояд, ё чунин ташкилотҳоро таъсис диҳанд, ҳуқуқ ба гирифтани мукофоти муносиб, ҳуқуқ ба ҳимояи иҷтимоӣ ва, бо назардошти хусусиятҳои кори полис, чораҳои махсус оид ба ҳифзи саломатӣ ва ғ.*

**Шарҳу эзоҳ**

Моддаи мазкур ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки аз ҷониби хартияи иҷтимоии Аврупо, воситаи ҳуқуқии аз ин ҷиҳат КАҲИ-ро мукаммалкунанда, кафолат дода мешавад, бахшида шудааст.

Дар як қатор давлатҳои узв кормандони полис мақоми хизматчии давлатиро доранд. Азбаски падидаи мазкур на дар ҳама давлатҳо мушоҳида мешавад, дар ин сурат қайд карда мешавад, ки кормандони полис, бояд ба андозаи имконпазир аз ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии барои хизматчиёни давлатӣ муқарраргардида истифода намоянд. Бо сабабҳои бо хусусияти кори полис вобастабуда чунин ҳуқуқҳо маҳдуд шуда метавонанд. Дар моддаи мазкур як зумра ҳуқуқҳои муҳимтарини иҷтимоиву иқтисодӣ зикр гардидаанд, аммо номгӯи онҳо мукаммал нестанд.

Моддаи панҷуми хартияи иҷтимоии Аврупо ҳуқуқи кормандони полисро ҷиҳати дохилшавӣ ба иттифоқи касаба ба таври махсус тафсир намуда, ба давлат низ миқдори муайяни озодии интихоб ҷудо намудааст. Аммо дар асоси Хартияи мазкур амалияи истифодаи ҳуқуқ тасдиқ менамояд, ки чӣ тавре ба кормандони полис ҳуқуқи бемаҳдудият ба иттифоқҳои касаба воридшавӣ дода нашавад, ҳамин тавр ташкил намудани ассотсиатсияҳои намояндагикунии хусусиро манъ кардан мумкин нест. Чӣ тавре ки дар баъзе давлатҳои узв маъмул аст, қонунгузории миллӣ метавонад барои созмон додани ташкилоти танҳо аз кормандони полис иборатбуда иҷозат диҳад. Ҳамзамон ба полис пурра манъ кардани корпартоӣ бо Хартия ва амалияи истифодаи ҳуқуқҳои бо он вобастабуда ихтилоф наменамоядяномаи мазкур дигар маҳдудиятҳоро пешбинӣ наменамояд.

Тавсиянома ба ҳуқуқи хизматчиёни полис ба мукофотпулии мувофиқ ва ба ҳимояи иҷтимоӣ, инчунин, бо назардошти хусусиятҳои кори полис, ба чораҳои махсус оид ба ҳифзи саломатӣ ва амният

(чунончӣ, ҳолат, хавфу хатарҳои ногаҳонӣ, вақти кории аз меъёр зиёд) диққати махсус медиҳад. Илова бар он, пешниҳод намудани чунин ҳуқуқҳо барои ҷолибтар намудани касби полис лозим мебошанд. Ҷанбаи мазкур ҳангоми ҳаллу фасли масоили ба хадамоти полис ҷалб намудани кадрҳои баландихтисос ва нигоҳ доштани онҳо ниҳоят муҳим аст. Бояд дар назар дошт, ки кормандони полиси маоши хуб гиранда барои содир намудани амалҳои номатлуб, чунончӣ фасод, камтар майл доранд.

*1. Ҳама гуна чораи интизомӣ нисбати корманди полис ба назорат аз ҷониби мақомоти мустақил ё суд оид мебошад.*

Чораҳои интизомӣ нисбати кормандони полис, маъмулан, дар доираи худи полис қабул гардида, аксаран ба оқибатҳои ҷиддӣ оварда намерасонанд. Бо вуҷуди ин, онҳо метавонанд ниҳояд ҷиддӣ буда, баъзан ҷудо намудани ҳудуди ҷанбаҳои ҷиноӣ ва интизомӣ мушкил аст. Зиёда аз он, тартибот ва муҷозоти ҷиноиро бо чораҳои интизомӣ пурра намудан мумкин.

Имконияти бобати қарори интизомӣ дар мақомоти мустақил баён намудани эътироз (хуб мешуд дар суд баррасӣ гардад) ду ҷиҳати мусбат дорад. Аз як тараф вай барои кормандони полис аз худсарӣ кафолат медиҳад; аз тарафи дигар, вай барои ҷомеа кушод будани полис оварда мерасонад (шаффофият), алалхусус шунидани парвандаҳо ва эълон намудани ҳукми суд, одатан, кушод мебошанд.

Боз яке аз ҷанбаҳои ҳуқуқии муносибати мазкур дар он аст, ки агар чораҳои интизомӣ аз ҷониби суд назорат шавад, он ҳуқуқи мурофиаи беғаразонаро, ки дар моддаи 6-уми КАҲИ дарҷ гардида, дар ҳолатҳои муайян ба корҳои интизомӣ низ истифода мешаванд, таъмин менамояд.

*2. Мақомоти ҳокимиятӣ, дар сурати беасос айбдоркунии полис, бояд онҳоро дастгирӣ намоянд.*

**Шарҳу эзоҳ**

Кормандони полис, бо сабаби фаъолияти махсуси худ ва робитаи зич бо аҳолӣ, баъзан аз ҷониби аҳолӣ ба содир намудани амалҳои ғайриқонунӣ ҳангоми иҷро намудани ӯҳдадориҳои хизматии худ айбдор карда мешаванд. Агар дар натиҷаи тафтишоти беғаразона беасос будани айбдоркунӣ ошкор карда шавад, бояд роҳбарият кормандони худро, аз ҷумла ҷиҳати кӯмаки шахсӣ, дастгирӣ намояд (тартиби пешкаш намудани шикоят дар бобби VI баррасӣ мегардад). Моддаи мазкур дар дигар ҳолатҳо, чунончӣ ҳангоми тафтишоти

дохилӣ, ба кормандони полис лозим шудани дастгириро истисно наменамояд.

**V. Принсипҳои роҳбарикунанда/мудохилаи полис**

Ин ҷузъи Тавсиянома аз принсипҳо барои кормандони қисми фаврӣ ҷиҳати фаъолияти ҳаррӯзаи онҳо иборат мебошад. Дар рафти таҳиясозии ҳуҷҷати мазкур, баъзан дар бораи «этикаи дохилӣ» дар муқоиса бо «этикаи умумии полис», ки ба бобҳои ба сохтори полис дар ҷомеаи демократӣ (мақоми вай дар низоми адлияи ҷиноӣ, ташкили сохтории вай ва ғ.) мувофиқат менамояд, ном гирифта шуда буд.

Принсипҳои роҳбарикунанда ба ду қисм ҷудо карда шудаанд. Қисми аввал оид ба принсипҳои умумии кори полис дар ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад, ки қариб дар ҳама ҳолатҳо мавриди исифода қарор мегиранд, ва қисми дуюм бошад ба принсипҳои кор дар ҳолатҳои махсус, ки ҳангоми амалигашти он мушкилоти махсус бобати риоя намудани меъёрҳои этикӣ ва ҳуқуқи инсон дар ҳама давлатҳои узв падид меоянд, бахшида шудааст.

А. Принсипҳои роҳбарикунанда/мудохилаи полис: принсипҳои умумӣ

*35. Ҳангоми гузаронидани ҳамаи амалиётҳои худ, полис бояд ҳуқуқи инсонро ба ҳаёт эҳтиром намояд.*

**Шарҳу эзоҳ**

Моддаи мазкур, ки дар моддаи 2-и КАҲИ асос ёфтааст, дар назар дорад, ки ҳангоми гузаронидани ҳама гуна амалиёт полис наметавонад қасдан касеро аз ҳаёт маҳрум созад. Дар партави Протоколи №6 –и Созишнома оид ба бекор намудани ҳукми қатл моддаи 2-и КАҲИ-ро баррасӣ намуда, бояд инчунин барои иҷро намудани ҳукми қатл истифода бурдани полис бекор карда шавад.

Дар натиҷаи истифодаи қувва мудохилаи полис метавонад ба марг оварда расонад, ки он дар сурати иҷро намудани шртҳои муайян, бо эҳтироми ҳуқуқ ба ҳаёт ихтилоф наменамояд.

Моддаи 2-и КАҲИ, ки қасдан аз ҳаёт маҳрумсозиро манъ кардааст, аз ҷониби қонун ҳимоя шудани ҳуқуқи ҳар як шахсро ба ҳаёт талаб менамояд. Банди 2-юми модда изҳор менамояд:

*«Вақте ки аз ҳаёт маҳрумсозӣ натиҷаи мутлақо зарур будани истифодаи қувва мебошад, он ҳамчун вайронкунии моддаи мазкур баррасӣ намегардад:*

а) барои аз зӯроварии ғайриҳуқуқӣ ҳимоя намудани ҳар як шахс;

б) барои амалигашти ҳабси қонунӣ ё пешгирии фирори шахси дар асоси қонун дастгиршуда;

в) барои тибқи қонун пахш кардани исёну балво».

Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон (ниг. ба «Кори Маккэн» силсилаи А, №324-А) ба хулосае омад, ки истисноҳои мазкур ба ҳолатҳои дар натиҷаи истифодаи қувваи иҷозатшуда аз ҳаёт маҳрумсозӣ, оқибати тасодуфии амалиёти гузаронидашаванда буда, дахл доранд. Истифодаи қувва набояд аз ҳадди барои амалигашти яке аз ҳадафҳои дар зербандҳои а, б, в мутлақо зарурбуда афзун бошад. Ба ақидаи Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон, таҳти воҷаи «мутлақо зарур» муқаррароти зер фаҳмида шавад: қувва бояд бо амалигашти ҳадафҳои номбурда (а, б, в) қатъиян баробарандоза бошад.

Ҳангоми омода намудани кормандони полис ба масъалаи мазкур бояд диққати махсус дода шавад.

*36. Полис набояд дар ягон ҳолат ҳама гуна шиканҷа ва ҳодисаҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона ё таҳқиркунандаи шаъни инсонро истифода барад ё ба он ҳавасманд намояд, ё ба он роҳ диҳад.*

**Шарҳу эзоҳ**

Дар моддаи мазкур манъ карда шудани шиканҷа ва муомила ё ҷазои бераҳмона ё таҳқиркунандаи шаъни инсон дар асоси моддаи 3-и КАҲИ пешбинӣ шудааст. Суди Аврупо оид ба ҳуқуқ инсон ба таври возеҳ ва такроран таъкид менамояд, ки дар моддаи 3-и КАҲИ яке аз арзишҳои бунёдии ҷомеаи демократӣ дарҷ гардида, манъикунии мазкур қатъӣ ва мутлақ мебошад. Шартҳои мазкур, дар ҳеҷ гуна ҳолат, бо ҳеҷ як сабаб барои истифодабарӣ, ҳавасмандкунӣ ё роҳдиҳӣ ба ягон намуди шиканҷа ҳуқуқ надоштани полисро ифода менамоянд. Истифодаи воҷаи «роҳдиҳӣ» дар назар дорад, ки полис барои мамониат ба чунин муносибат бояд ҳамаи чораҳои заруриро андешад; ӯҳдадории мазкур аз ҳадафҳои умумии полис бармеояд (ниг. ба моддаҳои 1 ва 38).

Ба ғайр аз он, ки шиканҷа ва муомила ё ҷазои бераҳмона ё таҳқиркунандаи шаъни инсон таҳқири вазнини шаъни инсон ва вайрон намудани ҳуқуқҳои инсон мебошад, ин чораҳо, агар онҳо барои бар дӯш гирифтани гуноҳ ё дигар маълумоти ба он монанд истифода шаванд – ба шаҳодати бардурӯғ додани шахсони ба шиканҷа ё усулҳои ба он монанд гирифторшуда оварда мерасонад. Бинобар он, барои дар давлати қонун волоиятдошта истифода бурдани чунин усулҳо ҳеҷ як далели оқилонае мавҷуд буда наметавонад.

Маълум аст, ки расонидани уқубати ҷисмонӣ ё маънавӣ низ тахти манъкунии мазкур қарор доранд. Барои муфассалтар таҳлил намудани амалҳое, ки ҳамчун ҳодисаҳои шиканҷа ва муомила ё ҷазои бераҳмона ё таҳқиркунандаи шаъни инсон тасниф шуда метавонанд, бояд ба амалияи ҳуқуқии Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон ва принсипҳои таҳиянамудаи КПШ истинод овард. Ҳуҷҷатҳои мақомотҳои мазкур барои полис сарчашмаи фарохи дастуру тавсияҳо мебошанд, ки бояд онҳо фаъолияти хадамоти ҳифзи тартиботро ба танзим оварда ҳангоми омодасозии кормандон мавриди истифода қарор диҳанд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки хадамоти полисе, ки аз шиканҷа ва муомила ё ҷазои бераҳмона ё таҳқиркунандаи шаъни инсон истифода мебарад, барои ба даст овардани эҳтиром ва эътимоди аҳолӣ имконияти хурдтаринро надорад.

*37. Полис танҳо дар ҳолатҳои бениҳоят зарур ва танҳо барои ноилшавӣ ба ҳадафҳои қонунӣ метавонад қувваро истифода барад.*

*Шарҳу эзоҳ*

Моддаи мазкур, тибқи моддаи 2-и КАҲИ, амалияи ҳуқуқии Суди Аврупоро оид ба ҳуқуқҳои инсон эътироф менамояд (ниг. ба эзоҳоти моддаи 34), лекин бояд тазаккур дод, ки он ба ҳамаи шакли ҳолатҳои барои истифодаи қувва ба полис иҷозатшаванда мувофиқ меояд.

Барои ҳамаи амалиёти полис, аз ҷумла бо истифодаи қувва гузаронидашаванда, пеш аз ҳама доштани асоси қонунӣ зарур аст (моддаи 3). Дар ҳеҷ ваҷҳ ба худсарона истифода бурдани қувва роҳ дода намешавад. Зиёда аз он, дар моддаи мазкур оварда шудааст, ки истифодаи қувва аз ҷониби полис бояд ҳамеша чун чораи ниҳоӣ баррасӣ гардида, вай набояд аз доираи зарурӣ берун бароядд. Шарти мазкур бо ҳадафҳои қонунӣ баробарандоза будани қувваро ифода менамояд. Бояд байни истифодаи қувва ва ҳолате, ки он амалӣ мегардад қарори одилонаро дарёфт намуд. Дар амал бошад, қувваи ҷисмониро танҳо дар ҳолатҳои ниҳоят зарурӣ истифода бурда, аз яроқ танҳо дар ҳолатҳои мутлақо зарурӣ истифода намудан лозим, дар сурати зарур ҳисобида шудани истифодаи аслиҳаи марговар, он бояд дар ҳудуди қатъиян маҳдуд истифода бурда шавад(пеш аз барои маҳвнамоӣ парронидан, бояд аввал ба таври огоҳӣ тир холӣ карда шавад, дар баробари ин, набояд аз зарурати қатъӣ беш захмдор намуд).

Маъмулан қонунгузории миллӣ бояд дар бораи истифодаи қувва, ки дар принсипи зарурат ва таносуб асос ёфтааст, муқаррарот дошта

бошанд. Аммо муайян кардани рафтор дар ин ё он ҳолат мушкил аст, азбаски бо риояи принсипҳои дар боло тазакккургардида истифода бурдани қувва ба зиммаи полис масъулияти вазнине мегузорад, кормандони полис бояд нафақат дорои қувваи ҷисмонии мувофиқ ва хуб муҷаҳҳаз гардида бошанд, инчунин онҳо бояд соҳиби маълумоти зиёди равоншиносӣ низ бошанд. Бинобар он аҳамиятнокии интихоби номзадони мувофиқ ва омодакунии кормандони полисро арзёбӣ намудан ғайриимкон мебошад (ниг.ба моддаи 23 ва 29).

*38. Полис бояд ҳамеша қонунӣ будани амалиёти банақшагирифтаи худро санҷад.*

**Шарҳу эзоҳ**

Дар ҷомеаи қонун волоиятдошта фақат амалиёти қонунӣ гузаронидани полис ниҳоят муҳим аст. Аз моддаи 3 бармеояд, ки қонунӣ будани амалиёти полис натанҳо аз нуқтаи назари қонунгузории миллӣ, балки аз нуқтаи назари меъёрҳои байналхалқии соҳаи ҳуқуқи инсон арзёбӣ карда мешавад. Дар асоси моддаи мазкур полис ӯҳдадор аст, ки мувофиқи ваколатҳои худ то ва ҳангоми гузаонидани амалиёт қонунияти онҳоро назорат намояд. Принсипи мазкур ҳам нисбати тамоми ташкилоти полис ва ҳам нисбати ҳар як корманди алоҳидаи полис ба кор бурда мешавад. Барои ба меъёр табдил додани чунин санҷиш, таҳия намудани низоми назорати мувофиқ ва омодагии даркории ҳайати кормандонон лозим аст.

39. Кормандони полис бояд фармонҳои аз рӯи қонун амрнамудаи сардорони худро иҷро намуда, ҳамзамон аз иҷроиши фармонҳои ғайриқонунӣ худдорӣ карда, аз эҳтимолияти ягон намуди муҷозот наҳаросида бояд дар бораи он имкони гузоришдиҳӣ дошта бошанд.

**Шарҳу эзоҳ**

Бо назардошти он ки моддаи 16 масъулияти шахсии хизматчиёни полисро барои амалҳояшон пешбинӣ менамояд, бояд имконият фароҳам оварад, ки онҳо аз иҷрои фармонҳои ғайриқонунӣ (фармонҳое ки ба қонун мухолифат мекунанд) саркашӣ карда тавонанд. Тасвияи (формулировка) «бешубҳа ғариқонунӣ» барои он ҳолатҳое оварда шудааст, ки хавфи саркашӣ аз иҷрои фармон аз миён бардошта шавад, агар ғайриқонӣнӣ будани фармон яқин нест.

Бе таҷовуз ба мартабот (субординатсия), ки он дар полис ҳатмист, муқаррароти моддаи мазкур ба он равона карда шудааст, то ба ҳолаҳтое роҳ дода нашавад, ки дар он сохторҳои мазкур ҷавобгарии шахсии хизматчии полисро дар робита бо амалҳои яқин ғайриқонунӣ ва нақзи

ҳуқуқи инсон «рӯпӯш» намоянд. Мустақилияти фаврии полис нисбат ба дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ (моддаи 15) айнан ҳамин тавр амал мекунад. Дар бораи фармонҳои ғайриқонунӣ бояд хабар дод, аммо он набояд ба ягон оқибатҳои нохуш ё муҷозот нисбати корманди хабардода оварда расонад.

*40. Полис бояд вазифаҳои худро одилона, дар асоси ростқавлӣ, принсипҳои беғаразона ва муносибати бетабъизӣ иҷро намояд.*

**Шарҳу эзоҳ**

Талаботи инсофу адолат талаботи мутлақ буда, ба ҳеҷ ваҷҳ маҳдуд намегардад. Дар радифи дигар талабот, он бардошти беғаразӣ, холисӣ ва муомилаи бидуни табъизро дарбар мегирад. Полис он гоҳ боадолатона вазифаи худро иҷро намуда маҳсуб меёбад, ки он мақом ва ҳуқуқи ҳар як фарде, ки бо он сарукор дорад пурра эҳтиром менамояд. Ҳамаи ҷанбаҳои фаъолияти полис бояд саропо майл ба сӯи адолат дошта бошанд, гарчанд ҳангоми дар робита бо ҷомеа амал намудан он мазмуни хосеро касб менамояд.

Талаботи беғаразӣ, масалан, полисро водор менамояд, ки холисона амал намуда, дар баҳсе, ки оид ба он тафтишот бурда мешавад, тарафи ягонтоашро нагирад. Дар ҳолатҳои қонуншиканӣ, полис набояд фикри худро нисбати айбдоркнунӣ дошта бошад (инчунин ниг. ба моддаи 47). Илова бар ин, беғаразӣ тақозо менамояд, ки полис аз ҳама гуна фаъолияте, ки аз доираи салоҳияти полис мебарояд худдорӣ намояд, аз корҳое ки полисро ба пурра холисона ва беғаразона иҷро кардани вазифааш халалдор менамояд ё дар чашми аҳли ҷомеа беғаразии ӯро зери шубҳа мегузорад канора ҷӯяд.

Принсипи умумии роҳ надодан ба табъйиз ва баробарӣ ин низомномаи амалкунандаи ҳуқуқи байналхалқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон мебошад. Пас аз маъқул донистани Протоколи №12 ба КАҲИ абзори ҳуқуқии мазкур манъи умумӣ ба табъизро дарбар мегирад. Доираи ҳимоя аз табъйиз ҳуқуқҳое, ки КАҲИ кафолат медиҳад, ҳуқуқҳои шахс, ки бевосита қонунгузории миллӣ кафолат медиҳад ё худ ӯҳдадориҳо ё санадҳои мақомоти давлатӣ дар робита бо амалкарди салоҳияташон, ё ҳама гуна санадҳои шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, масалан полисро дарбар мегирад.

Моддаи мазкур ваҷҳҳои асосии табъизро номбар намекунад, аммо тавсияҳои мазкур аз Тависяномаи КАҲИ, ки ваҷҳҳои асосии табъизро

номбар мекунад дур намеравад, чунончӣ: ҷинс, наҷод, ранги пӯст, забон, дин, ақидаҳои сиёсӣ ва дигар ақидаҳо, аслу насаби иҷтимоӣ ё миллӣ, мансубият ба аққалияти этникӣ, вазъи соҳибмулкиву дороӣ, инкишофи сусти ҷисмонӣ ё ақлӣ, гироияти ҷинсӣ ё синну сол (гумон меравад, ки ин номгӯ пурра карда мешавад).

Билохир боиси қайд аст, ки дар баъзе мавридҳо мурочиати дигаргун, бо баёну фаҳмондадиҳии ҳақиқатбинонаву оқилона мувофиқи муқарраротӣ КАҲИ метавонад воқеаи табъизро ташкил надиҳад.

*41. Полис танҳо дар ҳолати барои ноилшавӣ ба ҳадафҳои қонунӣ зарурияти мутлақдошта метавонад ба ҳаёти шахсӣ мудохила намояд*

**Шарҳу эзоҳ**

Ҳуқуқи ҳар як одам ба дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ бо ба ҳуқуқҳое, ки моддаи 8 КАҲИ кафолат медиҳанд вусъат меёбад: эҳтироми ҳаёти шахсӣ ва оилавӣ, манзил ва мукотибот. Пеш аз ҳама, амалиёти полис, аз ҷумла эҳтимоли мудохала ба ҳаёти шахсӣ, бояд ҳамеша аз ҷиҳати ҳуқуқӣ асоснок бошанд (моддаи 3). Ҳеҷ гуна мудохалаи худсарона ҷоиз нест.

Қоидаи мазкур аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ҳама гуна мудохала ба ҳаёти шахсӣ ҳамеша ҳамчун чораи истисноӣ пиндошта шавад. Агар ҳатто мудохала асоснок бошад ҳам он набояд аз ҳадди зарур таҷовуз намояд.

*42. Ҷамъоврӣ, нигоҳдорӣ ва истифодаи маълумоти шахсӣ аз ҷониби полис бояд тибқи принсипҳои байналхалқии ҳифзи маълумоти шахсӣ гузаронида шавад, ва аз ҷумла, бо ҳудуди барои ноилшавӣ ба мақсадҳои аниқи қонунӣ ва одилона лозимбуда маҳдуд гардад*

**Шарҳу эзоҳ**

Истифодаи технологияҳои иттилоотии муосир кори полисро ҷиҳати мубориза алайҳи намудҳои гуногуни ҷинояткорӣ хеле осон мекунад. Аз ҷумла бақайдгирӣ ва таҳлили маълумоти инфиродӣ ба полис имкон медиҳад, ки иттилоотро баргашта тафтиш намояд ва робитаҳоеро муайян намояд, ки акси ҳол мавҷудияти он ноаён мемонданд. Аммо истифодаи номаҳдуди иттилооти шахсӣ метавонад ҳуқуқи шахсони мазкурро ба дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ вайрон намояд. Барои роҳ надодан ба ҳеҷ як сӯиистифода ҳангоми ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва истифодаи маълумоти шахсӣ ин амалиёти полис бояд тобеи принииспҳои танзимкунандаи ҳимояи иттилоот тобеъ бошад. Дар ин хусус принсипҳои дар моддаи мазкур дарҷ гардида бояд дар партави

Тавсияномаи (87) 15 Шӯрои Аврупо оиди батанзимории истифодаи маълумоти шахсӣ аз ҷониби полис баррасӣ гардад.

*43. Ҳангоми иҷро намудани вазифаҳои худ полис бояд ҳуқуқҳои бунёдии ҳар як инсон, ба монанди, озодии афкор, виҷдон, мазҳаб, ҷамъомадҳои осоишта ва ҳуқуқ ба моликиятро дар хотир дошта бошад*

**Шарҳу эзоҳ**

Муқаррароти моддаи мазкур ба ҳуқуқҳое, ки КАҲИ кафолат медиҳад (моддаи 9, 10 ва 11Конвесия, моддаи 1 Протоколи №1 ва моддаи 2 Протоколи №4 ба Конвенсияи мазкур) мувофиқат мекунанд ва риояи онҳо барои фаъолияти ҷомеаи кушоди демократӣ ниҳоят муҳим мебошад, лекин дар дигар ҳеҷ ҷои Тавсиянома дар ин хусус чизе дарҷ нагардидааст.

Дар ҳимояи ҳуқуқҳои мазкур полис нақши муҳимеро мебозад ё худ бунёди демократии ҷомеаро мустақиман ё бавосита ба туфайли масъулияти худ волоияти қонунро таъмин менамояд, ки бидуни ин демократия ҷуз як мафҳуми орӣ аз ҳама гуна мӯҳтавоҳо мемонад.

*44. Кормандони полис уҳдадоранд нисбати аҳолӣ, бахусус дар сурати ҳамкорӣ намудан бо намояндагони гурӯҳҳои бештар осебпазир, боэҳтиром ва ростқавлона амал намоянд*

**Шарҳу эзоҳ**

Мардум хизмати полисро асосан аз рӯи рафтору кирдори хизматчиёни он баҳо медиҳанд. Барои тақвият бахшидани боварии мардум ба полис, рафтори дурусти ҳар як хизматчии полис аҳамияти бузургеро касб менамояд. Барои сазовори эҳтироми мардум шудан, ба полис танҳо дар «чаҳорчӯбаи қонун» амал кардан кифоя нест, инчунин бояд беғаразона, холисона, бо ҳисси эҳтиром нисбат ба мардум ва ақли солим амал намуда ҳамзамон рисолати «ба мардум хизмат карданро» дар хотир дошт, зеро ин як рукни ногузири кори полис мебошад.

Агар хизматчиёни полис маҳорати баланди касбӣ, беғаразӣ, бошарафӣ, бовиҷдонӣ, ҳалимии худро дар амал нишон диҳанд, бетарафии сиёсӣ зоҳир намоянд пас онҳо бо эҳтиром нисбат ба мардум амал намуда маҳсуб меёбанд. Инчунин полис бояд дарк намояд, ки мардум аз одамони алоҳида иборат буда, бархе эҳтиёҷот ва талаботи хоса доранд. Диққати махсуси полис бояд ба ашхоси намояндагони гурӯҳҳои осебпазир нигаронида шуда бошад.

*45. Кормандони полис, ҳангоми гузаронидани амалиётҳои худ, бояд ба полис мансуб будан ва мақоми касбии хешро тасдиқ намоянд.*

**Шарҳу эзоҳ**

Моддаи мазкур бо моддаи 14 алоқамандии зич дошта, ду ҳадафи асосӣ дорад. Пеш аз ҳама, ҳангоми мудохала кардан ба полис мансуб будан ва мақоми касбии хешро тасдиқ карда, худро шахсан ҳамчун корманди полис муаррифӣ намоянд. Талаботи дар хусуси он ки корманди полис худро муаррифӣ намуда, мақоми худро тасдиқ намоянд бо масъулияти шахсии полис ба амали худ (беамалии худ) алоқамандии зич дорад (моддаи 16). Аз нуқтаи назари ҷамоатчигӣ, бе имкони муайян сохтани шахсияти хизматчии мушаххаси полис мафҳуми ҷавобгарии шахсӣ суханҳои пучу холӣ мемонанд. Ба ҳамагон маълум аст, ки ҳангоми корбарии ин меъёр бояд тавозуни байни манфиати ҷомеа ва амнияти хизматчиёни полис таъмин карда шавад. Бояд тазаккур дод, ки муайян сохтани шахсият ё мушаххасоти ин ё он корманди полис ҳатман маънои ошкор намудани ному насаби ӯро дар назар надорад.

*46. Кормандони полис бояд бо ҳама гуна зуҳуроти фасод дар полис муқовимат намоянд. Онҳо бояд дар бораи ҳама гуна ҳодисаи фасод дар полис ба сардорони болоӣ ва мақомоти салоҳиятнок иттилоъ диҳанд.*

**Шарҳу эзоҳ**

Моддаи мазкур, ки рафтору кирдори полисро алоқаманд аст, моддаи 21, ки дар он сухан оид ба сохторҳои ташкилӣ дар мубориза алайҳи фасод меравад пурра менамояд. Ин модда кормандони полисро ӯҳдадор менамояд, ки аз ҳама гуна зуҳуроти фасод худро боздоранд ва ҳамкорони худро низ аз ин кор манъ намоянд. Алалхусус хизматчиёни полис вазифадоранд ки вазифаҳои худро дар мутобиқат бо қонун амалӣ намоянд ва роҳ надиҳанд, ки манфиатҳои шахсии онҳо ба вазифаҳои хизматиашон бархуранд. Аз ин рӯ онҳо бояд ба ҳама гуна падидаҳои бархӯрди манфиатҳо диққати махсус ҷалб намоянд ва ҳаддал имкон кӯшанд, то ба чунин ҳолатҳо роҳ надиҳанд. Онҳо бояд дар бораи ҳама гуна ҳодисаи фасод дар полис ба сардорони болоӣ ва мақомоти салоҳиятнок иттилоъ диҳанд.

Боиси қайд аст, ки Тавсияномаи (2000)10 Шӯрои Аврупо оид ба кодекси рафтори хизматчийни давлатӣ (аз ҷониби Гурӯҳи бисёрҷанбаи мубориза алайҳи фасод таҳия шудааст) нисбат ба полис ва хизматчиёни он боиси корбарист.

**Б. Принсипҳои роҳбарикунанда/мудохилаи полис: вазъиятҳои махсус**

1. Тафтишоти полис

*47. Тафтишоти полис бояд ақаллан дар шубҳаи асоснок оид ба ҳуқуқвайронкунии амалигашта ё эҳтимолӣ асос ёфта бошад.*

**Шарҳу эзоҳ**

Барои аз ҳудуди ваколати хизматии худ таҷовуз накардан бояд талаботи ҳадди ақал, ки барои гузаронидани равандаи тафтишот полис пешбинӣ шудааст, иҷро намуд. Бояд аққалан шубҳаи асоснок (ва қонунӣ) оид ба ҳуқуқвайронкуни мавҷуд бошад, ки он бо иддае аз далелҳои мутлақ асоснок гардида бошад.

*48. Полис бояд мувофиқи принсипе, ки тибқи он ҳар як шахси дар ҳуқуқвайронкунии ҷиноӣ айбдоршуда, то аз ҷониби суд гунаҳкор эътироф шудани вай, бояд бегуноҳ ҳисобида шуда соҳиби ҳуқуқҳои муайян бошад (аз ҷумла, ҳуқуқ дорад дар муҳлати кӯтоҳтарин дар бораи айби ба он маҳкумшуда бохабар намоянд), инчунин ҳуқуқ ба ҳимоя, бо интихоби худ, чӣ шахсан ва ҳамчунин бо кӯмаки ҳимоятгар.*

**Шарҳу эзоҳ**

Эҳтимолияти бегоноҳӣ, ки он бо моддаи 6 КАҲИ пешбинӣ шудааст, дар мурофиаи судии ҷиноӣ яке аз муҳимтарин ҳуқуқҳои шахс ба ҳисоб меравад. Одатан, полис дар чунин мавридҳо, шабеҳи «ҳалқаи аввал дар занҷир» буда дар вазъияти махсусан душвор қарор дорад, зеро ӯ бояд парвандаро беғаразона тафтиш намояд ва дар ҳолатҳое, ки ҳатто далелҳои ҷамъ намуда хеле ҷиддианду муқобили гумонбаршуда бурҳони қотеъ пеш меоранд, бояд принсипи эҳтимолияти бегуноҳиро риоя намояд. Агар муносибати полисро бо ҷомеа ва хусусан бо ВАО ба назар гирем, ин маъсала боз ҳам мушкилтар мегардад. (инчунин ниг. ба моддаи 19).

Дар хотир доштани дигар ҳуқуқҳои ҳадди ақали шахси дар қонунвайронкунии ҷиноятӣ гумонбаршуда, ки онҳо низ дар моддаи 6 КАҲИ пешбинӣ шудаанд аз ҷониби полис хеле муҳим аст. Ин ҳуқуқҳо бояд аз оғози мурофиаи ҷиноятӣ таъмин карда шаванд, яъне аксари вақт аз лаҳзаи бурдани тафтишоти полис.

<u>Банди 3 моддаи 6 КАҲИ изҳор медорад:</u>

«Ҳар як инсон, ки дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор дониста шудааст, ҳеҷ набошад ҳуқуқҳои зеринро дорад:

–фавран ва муфассал бо забони фаҳмо дар бораи хусусият ва асоснокии пешниҳод намудани гуноҳ хабардор карда шавад:

–барои омода намудани ҳимояи худ вақт ва имкониятҳои кофӣ дошта бошад;

худро шахсан ҳимоя ё бо роҳи интихоби ҳимоягар ҳимоя намояд ё агар маблағи кофӣ барои таъин кардани ҳимоягарро надошта бошад, ҳимоягари ройгон дошта бошад, агар инро манфиати адлия талаб кунад;

–ба шоҳидоне, ки бар зидди вай шоҳидӣ медиҳанд, савол диҳад ё ҳуқуқ дошта бошад, ки ин шоҳидон пурсида шаванд, ҳуқук ба даъват ва пурсиши шоҳидон барои дастгирии ӯ аз рӯи шартҳое, ки ба шоҳидони бар зидди ӯ шоҳидӣ медиҳанд, дода мешавад, ҳуқуқ дорад;

–ройгон аз хизмати тарҷумон истифода барад, агар вай забонеро, ки дар суд истифода мешавад, надонад ё бо он забон гап назанад.

*49. Тафтишоти полис бояд воқеъбинона ва одилона буда, бо назардошти эҳтиёҷоти махсуси одам, ба амсоли кӯдакон, наврасон, занҳо, аққалият, аз ҷумла аққалияти этникӣ ва намояндагони гурӯҳҳои осебпазир гузаронида шаванд.*

**Шарҳу эзоҳ**

Полис бояд ҳама вақт воқеъбин, беғараз ва адолатнок бошад, хусусан ҳангоми тафтишот. Воқеъбинӣ маънои онро дорад, ки полис тафтишотро беғаразона гузаронида ҳамаи далелҳо, ҳолатҳои кор ва бурҳонҳое, ки гумонбариро тасдиқ ё инкор менамоянд бетарафона меомӯзад. Воқеъбинӣ инчунин маҳаки адолатнокӣ мебошад, ки он гузаронидани тафтишот ва усулҳои ташкили тафтишотро дар фазои мусоид барои «тафтишоти боадолат», ки дар ҷараёни он ҳуқуқҳои бунёдии инсон риоя мешаванд дар назар дорад.

Ҳангоми гузаронидани тафтишоти полис талаботи боадолатӣ ҳуқуқи ҳар як инсонро ба таври пурра дар ҷараёни тафтишот иштирок карданро пешбинӣ менамояд. Масалан, ин ҷараён бояд ба қобилияти ҷизмонӣ, зеҳнии шахс, хусусиятҳои хоси мадании шахси ба тафтишот ҷалбгардида мутобиқ гардонида шуда бошад. Ин талабот, ба виҷа ба парвандаҳои марбут ба тафтишоти корҳои кӯдакон, наврасон, занҳо ва ашхоси ба гурӯҳҳои аққалият шомил, минҷумла аққалиятҳои миллӣ нисбати хос дорад. Чунин тафтишот бояд бағоят дақиқкорона гузаронида шавад, то ин ки ба ашхоси зери тафтишот қарор дошта зараре расонида нашавад. Чунин тадбирҳо «адои беғаразонаи вазифаҳои полисро» метавонанд кафолат диҳанд, ки он худ пойдевори «тафтишоти беғаразона» мебошад.

*50. Бо назардошти моддаи 48-ум бояд қоидаҳои асосии муносиб ва беғаразонаи гузаронидани бозпурсӣ дар полис муқаррар*

*карда шаванд. Бахусус полис бояд риоя шудани ҳуқуқҳои шахси бозпурсишавандаро таъмин намояд, то ин ки бозпурсиҳо дар асоси адолат гузаронида шуда, шахсони бозпурсишаванда аз сабабҳои бозпурсӣ бохабар ва дигар иттилооти барои онҳо муҳимбударо гирифта тавонанд.*

**Шарҳу эзоҳ**

Моддаи мазкур, ки асосан ҳангоми пурсиши полис мавриди истифода қарор мегирад дар эъломияи КПШ, ки он дар Ҳисоботи Умумии 2-юм дар бораи фаъолияти КПШ (с. 1992) ҷой дода шудааст, асос ёфтааст.

*«... КПШ баро он аст, ки меъёрҳо ва дастурҳои аниқу возеҳ оид ба гузаронидания бозпурсии полис таҳия карда шаванд. Меъёрҳои мазкур, дар қатори талаботи дигар бояд масоили зайлро дарбар гиранд: иттилоъ додан ба шахси боздоштшуда дар бораи шахсе (ашхосе), ки дар бозпурсӣ иштирок мекунанд; ҳадди ниҳоии давомнокии пурсиш, ки иҷозат дода шудааст; танаффусҳо барои истироҳат байни бозпурсиҳои алоҳида ва таваққуфҳо дар рафти як бозпурсӣ; ҳуҷраҳое, ки дар он бозпурсӣ гузаронидан мумкин; қонунияти талаб кардан аз бозпурсишаванда, ки ӯ дар рафти бозпурсӣ рост истад; бозпурсии ашхосе, ки зери таъсири маводи мухаддир, алкоҳол ва г. қарор доранд. Талаб карда шавад, ки вақти оғоз ва анҷоми бозпурсӣ, дархостҳои бозпурсишаванда, ки дар рафти пурсиш ба миён омад, ва маълумот дар бораи ашхоси дар ҳар як пурсиш иштирок дошта сабт шавад.*

*Кумита инчунин бар он аст, ки сабти электронии бозпурсии полис – боз як кафолати эмин будан аз муомилаи бераҳмона нисбат ба боздоштшудагон мебошад; илова бар он ин ба худи полис афзалиятҳои зиёд фароҳам меорад.*

Муқаррароти боби мазкур натанҳо дар бозпурсиҳои ашхоси боздоштшуда, балки дар ҳамаи сатҳҳои бозпурсии полис бояд мавриди истифода қарор гирад.

*51. Полис бояд талаботи махсуси шоҳидонро дарк намуда, дар рафти тафтишот, хусусан агар хавфи тарсонидани шоҳидон вуҷуд дошта бошад, қоидаҳои ба ҳимоя ва кӯмак ба шоҳидон нисбатдоштаро риоя намояд.*

**Шарҳу эзоҳ**

Дар марҳилаҳои аввали тафтишот полис бояд бо салоҳияти кофӣ амал намояд, хусусан дар ҳамбастагӣ бо шахсоне, ки аз ҷинояти

содиршуда зарар дидаанд. Барои бехатарии шоҳидон чораҳои воқеъӣ бояд андешид – аз иҷрои ин тадбрҳо, гувоҳии шоҳидон медода вобаста мебошад ва дар натиҷа натиҷаи тафтишот низ. Агар шоҳидон аз оқибатҳои гувоҳии медодаашон дар ташвиш бошанд, пас усули гузаронидани тафтишот бояд хеле мулоҳзакорона буда, чунин ҳолати кор бояд ба назар гирифта шавад. Масъалаи тарсонидани шоҳидон ҳангоми додани шаҳодат оид ба зуҳуроти терроризм, ҷиноятҳои муташаккилона, қонуншиканиҳо марбут ба маводи мухаддир, зӯроварӣ дар хона хеле вазнин мегардад. Дар ҳолатҳое, ки шоҳид дар айни замон шахси ҷабрдида аз рӯи ҳамон парвандаи тафтишшаванда мебошад, кор кардан боз ҳам вазнинтар мегардад.

Моддаи мазкур таъкид менамояд, ки донистани талаботи хоси шоҳидон дар ҳолатҳои мухталиф барои полис то чӣ андоза муҳим мебошад, то ин ки ҳимоя ва бехатарии онҳоро таъмин намояд. Ин кор натанҳо омодагии махсуси кормандони полисро тақозо менамояд, балки инчунин зарурати дастурҳои мушаххас барои полис дар кор бо шоҳидонро талаб менамояд. Дар ин бобат бояд ба кори назаррасе, ки алъон аз ҷониби Шӯрои Аврупо дар робита бо ҳимояи шоҳидон ва ҷабрдидагон анҷом дода шудааст рӯ овард, чунончӣ:

–Тавсияномаи (85) 4 оид ба зӯроварӣ дар оила;

–Тавсияномаи (85) 11 оид ба мақоми ҷабрдида дар доираи ҳуқуқи ҷиноӣ ва мурофиаи ҷиноятӣ;

–Тавсияномаи (87) 21 оид ба кӯмак ба ҷабрдидагон ва пешгирии таъқиби ҷабрдидагон;

–Тавсияномаи (91) 11 оид ба истисмори шаҳвонӣ, фисқу фуҷур, фоҳишагӣ ва инчунин одамфурушии кӯдакон ва ҷавонон;

– Тавсияномаи (96) 8 ба мубориза алайҳи ҷинояткорӣ дар Аврупои навин;

–Тавсияномаи (97) 13 оид ба таҳдид ба шоҳидон ва ҳуқуқҳои ҳимоя;

*52. Полис бояд бе ягон намуди табъиз шахсони дар натиҷаи ҷиноят ҷабрдидаро бо дастгирии зарурӣ, мусоидат ва иттилоот таъмин намояд.*

**Шарҳу эзоҳ**

Моддаи мазкур вазифаҳои полисро оид ба расонидани кӯмак ва фароҳам овардани маълумот ба ҷабрдидангони ҷиноят тибқи муқаррароти Тавсияномаи (85)11 оид ба мақоми ҷабрдида дар доираи ҳуқуқи ҷиноӣ ва мурофиаи ҷиноятӣ ҷамъбаст менамояд. Илова бар ин,

моддаи мазкур полисро муваззаф менамояд, ки ба ҷабрдидагон дастгирии заруриро фароҳам орад, яъне дар назар дошта шудааст, ки полис бояд ирода, хоҳиш ва восита барои таъмини чунин кӯмак, бевоиста аз истифодаи манбаъҳои худ ё тавассути ёрии идора ва ташкилотҳои дигар амалӣ намояд.

*53. Дар сурати зарурат, полис бояд дар рафти тафтишот тарҷумаи шифоҳӣ ё хаттиро таъмин намояд.*

**Шарҳу эзоҳ**

Ин модда, моддаи 5.2. КАҲИ, ки ба ҳар як ҳабсшуда ҳуқуқи фавран ва муфассал бо забони фаҳмо дар бораи хусусият ва асоснокии пешниҳод намудани гуноҳ хабардор карда шавадро пурра менамояд.

2. <u>Ҳабс \ боздошт аз ҷониби полис</u>

*54. Аз озодӣ маҳрумнамоӣ бояд то ҳадди ақал маҳдуд буда, ҳамзамон бояд зарурати эҳтиром намудани шаъну шарафи инсон, мутааллиқ будан ба гурӯҳҳои иҷтимоии осебпазир ва талаботи шахсии ҳар як шахси аз озодӣ маҳрумшаванда ба мадди назар гирифта шаванд. Номи ҳар як шахси боздоштшуда бояд дар феҳрасти махсус сабт гардад.*

**Шарҳу эзоҳ**

Аз озодӣ маҳрум намудан бояд ҳамчун чораи фавқулодда пиндошта шуда, танҳо дар ҳолати ҷой надоштани чораҳои дигари пешгирӣ истифода шавад ва айни замон мӯҳлати ҳабс бояд маҳдуд гардонида шуда бошад. Ҳаммонанди дигар амлиёти полис, ин тадбир низ бояд ҳамеша дар доираи қонун амалӣ гардад. Дар моддаи мазкур таъкид карда мешавад, ки ҳангоми ҳама гуна ҳабс\боздошт талаботи шахсии маҳбус ба инобат гирифта шавад.

Мувофиқи муқаррароти эъломияи КПШ, ки он дар Ҳисоботи Умумии 2-юм дар бораи фаъолияти КПШ омадааст, маълумоти пурра дар бораи ҳар як шахси ҳабс\боздошт шуда бояд ба ферасти махсус сабт карда шавад:

«Кумита чунин мешуморад, ки кафолатҳои асосӣ, ки ба ашхоси ба ҳабсгирифташуда дода мешавад он гоҳ тақвият меёфтанд (ва эҳтимол кори хизматчиёни полис бошад осон мешуд) агар ба ҳар як шахси ҳабс\боздошт шуда феҳристи ягона ва пурра тартиб дода мешуд, ки ба он ҳамаи ҷузъиёти баҳабсгирии ӯ ва чораҳои нисбати ӯ андешидашуда ворид карда мешуданд, чунончӣ: таърихи баҳабсгирӣ ва сабаби он; лаҳзаи додани иттилоот оид ба ҳуқуқҳои ӯ; нишонаҳои захмдорӣ ё бемориҳои рӯҳӣ ва ҳоказо.; таърихи хабар додан ба касе аз хешовандон

\ сафорат ва адвокати ҳабсшуда, таърихи ташрифи онҳо; вақти хӯрдани хӯрок; таърихи пурсиш; таърихи аз ҷое ба ҷое гузаронидан ё озод кардан ва ҳ. Дар баъзе мавридҳо (масалан дар робита бо чизҳои шахсӣ, шинос намудан бо ҳуқуқҳо, далелҳо, вақте чунин шахс ба ҳуқуқҳои худ истинод овард ва ё аз онҳо даст кашид) имзои шахси ҳабсшударо бояд гирифт ва дар ҳолати набудани имзо, сабаби набудани он имзо баён карда шавад. Илова бар ин, адвкати маҳбус бояд дастрасӣ ба ин феҳрист дошта бошад.»

*55. Полис бояд дар муддати кӯтоҳтарини пешбининамудаи қонунгузории миллӣ ба ин ё он шахси аз озодӣ маҳрумшаванда дар бораи сабабҳои дастгиршавӣ ва оиди ҳама гуна айбдоркуниҳои нисбати вай пешоранда иттилоъ диҳад; инчунин полис бояд фавран ба шахси дастгиршуда дар бораи ҳуқуқҳои вай ва амалҳои мурофиавии нисбати вай гузаронидашаванда иттилоъ диҳад.*

**Шарҳу эзоҳ**

Ин модда, ба кафолатҳои моддаи 5.2. КАҲИ дода оид ба он, ки ба ҳар як ҳабсшуда ҳуқуқи фавран ва муфассал бо забони фаҳмо дар бораи хусусият ва асоснокии пешниҳод намудани гуноҳ хабардор карда шудан ва муқаррароти эъломияи КПШ, ки он дар Ҳисоботи Умумии 2-юмаш ҷой дода шудааст тақозо менамояд, ки «шахсони ба ҳабсгирифташуда бояд ба таври расмӣ оид ба ҳамаи ҳуқуқҳояшон хабардор карда шаванд» (аз ҷумла оид ба ҳуқуқҳои бо моддаи 56 пешбинӣ шуда). Моддаи мазкур илова менамояд, ки ашхоси аз озодӣ маҳрум шуда бояд оид ба мурофиае, ки ба парвандаи онҳо мавриди корбарӣ қарор дода мешавад иттилоъ дода шаванд. Ибораи «То ҳадди ниҳоӣ …тибқи қонунгузории миллӣ» бо назардошти он истифода шудааст, ки баъзан маълумот аз ҷониби дигар мақомоти давлатӣ, масалан прократура дода мешавад.

*56. Полис бояд амнияти шахсони баҳабсгирифтаро кафолат дода, саломатии онҳоро таҳти назорат гирифта, бо шароитҳои қаноатбахши гигиенӣ ва хуроки дуруст таъмин намояд. Дар полис мавқуфгоҳҳои барои таҳти ҳабс нигоҳдорӣ бояд андозаи муносиб дошта, дорои рӯшноӣ ва вентилятсияи дуруст буда, чунон муҷаҳҳаз гардонида шуда бошанд, ки барои истироҳат имконият фароҳам оранд.*

**Шарҳу эзоҳ**

Тибқи муқаррароти моддаи мазкур полис барои шароитҳои моддие, ки дар он маҳбусон дар бинои полис нигоҳ дошта мешаванд

ҷавобгарии пурраро ба зимма дорад. Ин чунин маънӣ дорад, ки полис бояд пайваста аз амнияти шахсони ба ҳабс гирифта шуда огаҳ бошад. Полис барои таъмини амнияти маҳбусон аз ҳама гуна зуҳороти хатар (чӣ дохилӣ ва чӣ беруна) пурра ҷавобгар мебошад, минҷумла аз фалокатҳое, ки маҳбусон метавонанд худро шахсан гирифтор намоянд (чунончӣ маҳбусони хатарнокро бояд аз дигарон ҷудо намуд). Илова бар ин, полис бояд ҳаддал имкон кӯшад то ба саломатии маҳбусон зараре нарасад, чӣ зарари ҷисмонӣ ва чӣ рӯҳӣ, ва дар ҳолати лозим шудани ёрии тиббӣ таъмин намояд. Вазифаи мазкур инчунин метавонад дар иҷрои дастурҳои пизишкон ва дигар кормандони салоҳиятдори тиббӣ таҷассум ёбад. Полис бояд инчунин вазъи солими санитарӣ-гигиениро, аз ҷумла нуқтаҳои санитариро, таъмин намояд ва ашхоси ҳабсшударо бо хӯроки муносиб таъмин намояд.

Ҳуҷраҳои тавқифгоҳи полис бояд масоҳат ва андозае дошта бошанд, ки ба шумораи тавқифшудагони дар он ҷой карда мешуда комилан мувофиқ бошад. Илова бар ин, чунин ҳуҷраҳо бояд «равшании қобили қабул» дошта бошанд ва бар замми равшании фурузонакҳои барқӣ, то ҷое, ки имконпазир аст, равшании табиӣ низ бояд бошад. Манзур аз «вентилятсияи дуруст» ин ҷойдоштани шароити гардишу ивазшавии ҳавои бино дар ҳарорати муайян мебошад. Шароити кофӣ барои истироҳат, яъне ҳар як шахси ба ҳабсгирифташуда бояд бо рахти хоб ва стул таъмин бошад (ин ҷо бояд ба меъёрҳои иловагӣ, ки аз ҷониби КПШ муқаррар шудаанд рӯ овард).

*57. Шахсони полис дастгирнамуда мувофиқи интихобашон оид ба дастгиршавашон огоҳ намудани шахси сеюм, барои дастрасӣ ба ҳимоячӣ ва муоинаи тиббӣ – аз рӯи имкон, пизишки интихобнаммудаи онҳо, бояд ҳуқуқ дошта бошанд.*

**Шарҳу эзоҳ**

Кумита ба се зумра ҳуқуқи шахсони боздошт ва ҳабсшуда таваҷҷӯҳи хос зоҳир менамояд: ҳуқуқи онҳо марбут ба хабар додан ба шахси сеюми дилхоҳашон дар бораи ҳабс шудан (ба аъзои оила, дӯст, консулгарӣ); ҳуқуқи дастрасӣ ба адвокат ва ҳуқуқи талаб намудани муоинаи тиббӣ (ба ғайр аз муоинаи тиббие, ки пизишки полис даъватнамуда гузаронида). Бино бар ақидаи Кумита ин се ҳуқуқ кафолатҳои асосӣ аз пешгирии муносибати бераҳмона бо боздоштшудагон буда, ин принсипҳо бояд аз лаҳзаи аввалини боздошт шудан татбиқ карда шаванд, новобаста аз он ки он дар низоми ҳуқуқии

давлати он чӣ гуна тасниф мегардад (боздошт, ҳабс ва ҳ.) (2-юмин Гузориши Умумии КПШ).

*58. Полис аз рӯи имкон бояд шахсони бо гумони содир намудани ҳуқуқвайронкунии ҷиноӣ дастгиршударо аз касони бо дигар сабабҳо дастгиршуда ҷудо нигоҳ дорад. Бояд занҳоро аз мардон ва шахсони ноболиғро аз болиғон алоҳида нигоҳ дошт.*

**Шарҳу эзоҳ**

Шаъну шараф ва дахолатнопазирии ҷисмонии шахсони ба ҳабсгирифтаро эҳтиром намуда, то ҷое ки имконпазир аст, полис набояд шахсони ба содир намудани ҷиноят гумонбар шударо бо дигар зумра боздоштшудагон якҷоя нигоҳ дорад. Қоидаи мазкур ба принсипҳои КПШ муқаррар намуда рост меояд. Сабабҳои дигари алоҳида нигоҳ доштан ба чунин омилҳо аз қабили мансубияти ҷинсӣ, синну сол алоқамандӣ дорад, гарчанд талаботи инфиродии шахс ва меъёрҳои одобу ахлоқро низ метавон ба назар гирифт.

## V. Масъулияти полис ва назорат аз болои фаъолияти он

*59. Полис бояд дар тобеияти давлат буда, дар назди шаҳрвандон ва намояндагони он масъул бошад. Он бояд объекти назорати самараноки беруна (чӣ аз ҷониби шохаҳои дигари ҳокимият, чӣ аз ҷониби аҳолӣ) бошад.*

**Шарҳу эзоҳ**

Полис бояд (тавассути мақомоти ҳокимияти давлатии марказӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ) ба давлат ҳисобот диҳад ва давлат бошад доираи салоҳият ва вазифаҳои онро муайян менамояд. Мақомоти назоратӣ дар ҳамаи давлатҳои узв таъсис дода шудаанд. Сарфи назар аз ин, дар ҷомеаи демокративу шаффоф назорат аз болои полис, ки онро давлат таъмин менамояд, бояд бо назорат аз ҷониби аҳолӣ, яъне худи мардум ва намояндагони он пурра карда шавад. Ҳисоботдиҳандагии полис ба мардум дар густариши муносибати дутарафа байни аҳолӣ ва полис аҳамияти ниҳоят калон дорад.

Якчанд роҳҳои таъмини ҳисоботдиҳандагии полис ба аҳолӣ мавҷуд аст, ки он метавонад бевосита бошад ва ё ба воситаи ташкилотҳое, ки ҷомеаро намояндагӣ мекунанд. Одатан барои назорати самаранок «шаффофияти» ташкилотҳои полис лозим аст. Тартиботи шикоят кардан, усулҳои муколима ва ҳамкорӣ ҳамчун воситаҳои амалӣ намудани ҳисоботдиҳандагӣ дар моддаҳои 59-62 баррасӣ мегардад.

*60. Назорати давлат аз болои полис бояд байни шохаҳои ҳокимияти қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ тақсим карда шавад.*

**Шарҳу эзоҳ**

Барои таъмини назорати самаранок аз болои полис он бояд ба мақомоти мухталифи мустақили ҳокимияти давлатӣ ҳисобот диҳад, маҳз ба ҳокимияти қонунгузорӣ, судӣ ва иҷроия.

Ҳокимияти қонунгузорӣ (Парлумон) бо қабул намудани қонунҳои фаъолияти полисро батанзиморанда ва муқаррар намудани доираи салоҳияти он назорати бевоситаро амалӣ месозад. Баъзан шохаи ҳокимияти қонунгузорӣ *назоратро* тавассути «комиссия оид ба корҳои судӣ ва дохилӣ» ё «ваколатдорони парлумонӣ оид ба ҳуқуқи инсон» амалӣ месозад. Ин ду ниҳод метавонанд бо ташаббуси худ ё дар натиҷаи арзу шикоҳятҳои мардум аз болои вайрон кардани вазифаҳои мансабӣ тафтишот оғоз намоянд.

Ҳокимияти иҷроия – ҳокимият (марказӣ, минтақавӣ, маҳаллӣ), ки дар назди он дар ҳама давлатҳо полис ҳисобот медиҳад, ин шохаи ҳокимият аз болои фаъолияти полис назорати бевосита мебарад, зеро полис як ҷузъи таркибии он мебошад. Полис маблағҳоро аз буҷаи давлат мегирад, ки ҳаҷми маблағгузорири ҳукумат муайян менамояд (баъзан бошад аз ҷониби Парлумон тасдиқ карда мешавад). Илова бар ин, полис марбут ба самтҳои асосии фаъолияти худ аз ҳукумат дастур мегирад, инчунин ҳукумат қоидаҳои муфассали батанзимурандаи фаъолияти полисро муайян месозад. Бояд тазаккур дод, ки барои адои вазифаҳои махсуси худ, полис бояд ҳуқуқи аз ҳокимияти иҷроия мустақилона гузаронидани амалиётро дошта бошад инчунин ниг. Моддаи 15.

*Ҳокимияти* судӣ (дар ин ҳолат манзур аз прокуратура ва судҳо) бояд полисро пайваста назорат намояд, ки он як ҷузъи низоми адлияи ҷиноӣ мебошад.

*Ҳокимияти* судӣ (дар ин ҳолат манзур аз судҳои зинаи якум бояд полисро тавассути корҳои граҷданӣ ва ҷиноятӣ, ки дигар мақомоти давлатӣ ва инчунин шаҳрвандон оғоз менамоянд назорат намояд.

Назорати муназзам ва дуруст ба роҳ монда шудаи ин се шохаи ҳокимият аз болои полис ниҳоят муҳим мебошад.

*61. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ бояд тартиботи самаранок ва беғаразонаи шикоят аз болои амалҳои полисро таҳия намоянд.*

**Шарҳу эзоҳ**

Ҳама гуна шикоят аз болои полис бояд холисона ва беғаразона баррасӣ гардад. «Полисе, ки корҳои полисро баррасӣ менамояд» - ин вазъияте, мебошад, ки одатан одам нисбат ба холисӣ ва беғаразии

қарорҳои қабулмешуда шубҳа пайдо мекунад. Бинобар ин барои ба даст овардани боварӣ ва эътимоди аҳли ҷомеа, давлат бояд чунин низоми тафтишотеро барпо намояд, ки холису беғараз будани он ба ҳамагон аёну равшан мебошад. Хулоса бояд имконияти ба судҳо додани чунин шикоҳятҳо фароҳам оварда шавад.

*62 Механизмҳои таъминоти ҳисоботдиҳӣ, ки дар робита ва ҳусни тафоҳум бо ҷомеа асос меёбанд, бояд тақвият дода шаванд*

Моддаи мазкур ба имконияти густариши муносибот байни полис ва ҷомеа тавассути механизмҳои ҳисоботдиҳӣ, ки он полис ва ҷомеаро метваноад наздиктар намуда, ҳамдигарфаҳмии онҳоро тақвият бахшид, таваҷҷӯҳ менамояд. Аз ин рӯ тавсия дода мешавад, то механизмҳое фароҳам оварда шаванд, ки он ихтилофоти байни ҷомеа ва полис бударо батанзим орад. Ин як сохтори миёнаравие метавон буд, ки ба мардум ва полис дар доираи мулоқотҳои ғайрирасмии тарафҳо имкони ба эътидол овардани ин зумра ихтилофотро диҳад. Аз полис новобаста будани чунин механизмҳо мувофиқи мақсад мебошад.

Давлатҳои узвиятдошта бояд чораҳои пурзӯр намудани чунин механизмҳо ё таъсиси воситаҳои навро барои таъмини ҳисоботдиҳандагии полис дар ҳолатҳои махсус пешбинӣ намоянд. Чунин ҳолатҳои махсус ин ҳолатҳое, мебошад ки ба полис салоҳияти калон оид ба андешидани чораҳо нисбати шахс дода мешавад чунончӣ дар ҳолатҳои истифодаи қувва, боздошт ё ҳабс намудан, ҳангоми бозпурсӣ намудани гумонбаршудагон, адои бархе аз чорабиниҳои тафтишотӣ аз ҷониби полис. Шаффофияти чунин ҳолатҳо ва назорати он аз ҷониби ҷомеа (дастрасӣ ба тавқифгоҳҳои полис намунаи чунин тадбирҳо мебошанд) ҳам ба ҷомеа ва ҳам ба полис лозиманд зеро ин имкон медиҳад, ки аз шароити нигоҳдошти маҳбусон полисро аз муттаҳамкунии беасос эмин медорад.

*63. Кодекси этикаи полис, ки дар принсипҳои дар Тавсияномаи мазкур баёнгашта асос ёфтааст, бояд аз ҷониби давлатҳои узв қабул гардида, мақомоти дахлдор аз раванди риоя шудани онҳо назорат намоянд.*

Давлатҳои узв бояд кодексҳои этики таҳия намоянд, ки онҳо дар принисипҳои дарбаргирифтаи Тавсияномаи мазкур асос ёбанд. Баъзан тафовут кардан байни кодекси этикӣ ва кодекси ахлоқ мушкилот пеш меорад, аммо фарқи асосӣ дар он аст, ки кодекси этикӣ абзори муҷозотӣ нест. Кодекси ахлоқ, асосан ба муайян намудани номгӯи рафторе, ки вайронкунии меъёрҳои рафтору кирдори касбии

хизматчиён сарукор дорад ва оқибатҳои чунин вайронкориҳоро, ки худи полис назорат мекунад муқаррар менамояд.

Назорат аз болои риояи кодекси этикӣ ба зиммаи ташкилотҳои дигар бояд гузошта шавад. Давлатҳои узв метавонанд ин вазифаро ба сохторҳои мавҷуда ва ё навтаъсис вогузоранд. Ин гуна мақомот бояд аз полис новобаста бошанд, барои ҷомеа ҳаддалимкон шаффоф буда, айни замон кормандони он аз моҳияти кори полис маълумот дошта бошанд. Идораи ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон намунаи чунин ниҳод шуда метавонад.

**VII. Таҳқиқот ва ҳамкорӣ дар сатҳи байналхалқӣ**

*64. Давлатҳои узвиятдошта бояд ба таҳқиқоти фаъолияти полис, ҳам аз ҷониби худи полис ва ҳам аз ҷониби дигар муассисаҳо гузаронидашаванда мусоидат намоянд.*

**Шарҳу эзоҳ**

Полис ин як ниҳоди муҳими давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд мебошад. Он ҷузъи таркибию ҳаётан муҳими низоми адолати судии ҷиноӣ буда, масъул ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ мебошад. Полис ташкилотест, ки ба он салоҳиятҳои махсус дода шудаасту айни замон он бояд бо ҷомеае, ки ба он хизматаш мекунад, зич алоқаманд бошад.

Як мақомоти хеле бисёрҷабҳа, бешак месазад, ки мавзӯи паҷуҳиши хоса гардад. Таҳқиқоте, ки полис мегузаронад бояд бо паҷуҳиш ва таҳқиқоти аз ҷониби дигар ниҳодҳо мегузаронида пурра карда шаванд. Мисоли чунин тадбирҳо ин алоқаи зич байни омодасозии касбии полис ва барномаҳои таълимии донишгоҳҳо шуда метавонад.

*65. Бояд ҳамкории байналхалқиро ҷиҳати масоили этикаи полис ва аз ҷониби полис риоя шудани ҳуқуқҳои инсон густариш дод.*

Арзишҳо ва принсипҳое, ки дар Тавсиянома таҷассум ёфтаанд, бояд тавассути қонунгузорӣ, санадҳои мақомоти иҷроия ва тайёрии касбӣ ба таври мушаххас дар амал татбиқ гарданд. Гузашта аз ин худи полис бояд ин арзишҳоро эътироф ва эҳтиром намояд. Бинобар ин бояд ҳамкории байналмилалиро байни низомҳои полиси давлатҳои аврупо тақвият бахшид, чӣ дар сатҳи байнидавлатӣ, чӣ дар сатҳи чунин ташкилотҳои байналхалқӣ аз қабили Интерпол (ICPO – Ташкилоти байналхалқии полиси ҷиноятӣ, Европол (Ташкилоти аврупоии полис) ва Кепол (Коллеҷи полиси Аврупоӣ). Дар такя ба таҷрибаи худ оид ба ҷорӣ намудани арзишҳои демократия, этика, ҳуқуқи башар дар давлати

ҳуқуқбунёд Шӯрои Аврупо дар тақвияти чунин ҳамкорӣ нақши муҳимро иҷро менамояд.

*66. Воситаҳои рушди принсипҳои дар Тавсияномаи мазкур баёнгашта ва истифодаи он бояд таҳти диққати дақиқ ва ҳамешагии Шӯрои Аврупо қарор гирад.*

**Шарҳу эзоҳ**

Ба тасвиб расидани Кодекси аврупоии этикаи полис ин худ як қадами муҳим дар рушди принсипҳои Шӯрои Аврупо оид ба ташкили кори полис дар давлатҳои узв мебошад. Инчунин, пешбарӣ ва собитқадамона ҳавасмандкунии татбиқи принсипҳои дар Кодекси мазкур дарҷ гардида, пас аз ба тасвиб расидани он, хеле муҳим мебошад.

Кодекс пеш аз ҳама як ҳуҷҷати базавӣ мебошад, ки он бояд бо дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқии Шӯрои Аврупо, ки бархе аз муқарароти мушаххасро такмил медиҳанд, пурра карда шавад.

Сохтори байнидавлатии Шӯрои Аврупо дар оянда метавонад чун як пойгоҳи муҳим дар пайгирии инкишофи сохторҳои полис дар давлатҳои узвиятдошта гардад. Бинобар он, ки дар ҳамаи давлатҳои узв полис дар алоқамандии зич бо низоми адолати судии ҷиноӣ амал менамояду фаъолияти он бо қонун ва таъмини тартибот, пешгирӣ ва мубориза алайҳи ҷинояткорӣ тавъам аст, корҳои минбаъда маҳз дар ҳамин қарина бояд мавриди баррасӣ қарор гиранд. Ҳамин тавр маҳорату малакаи дар соҳаи этика полис, адлияи ҷиноӣ, ҳуқуқҳои бунёдии инсон ва волоияти қонун ба даст омада, метавонанд байни ҳамаи давлатҳои узви Иттиҳоди Аврупо паҳн гарданд.

Барои гирифтани ҳама гуна маълумоти иловагӣ метавонед муроҷиат намоед:

Идораи Масоили Ҷинояткорӣ
Директорати генералӣ оид ба корҳои ҳуқуқӣ
Шӯрои Аврупо
F-67075 Страссбург, Седе, Фаронса

НАШРИ МАВОДИ МАЗКУР БО ДАСТГИРИИ МОЛИЯВИИ МУДИРИЯТИ СИЁСАТИ БЕХАТАРӢ (SIPOL), ДЕПАРТАМЕНТИ ФЕДЕРАЛИИ ШВЕЙТСАРИЯ ОИД БА МУДОФИА, МУДОФИАИ ШАҲРВАНДӢ ВА ВАРЗИШ АМАЛӢ ШУДААСТ.
THE PUBLICATION OF THIS BOOK HAS BEEN FUNDED BY THE DIRECTORATE FOR SECURITY POLICY (SIPOL) - SWISS FEDERAL DEPARTMENT OF DEFENSE, CIVIL PROTECTION AND SPORTS.

НДҚМ (DCAF)

МАРКАЗИ ЖЕНЕВАГИИ НАЗОРАТИ ДЕМОКРАТӢ АЗ БОЛОИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲ (НДҚМ) ФОНДИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ БУДА, СОЛИ 2000 БО ТАШАББУСИ ҲУКУМАТИ ШВЕЙТСАРИЯ ТАЪСИС ДОДА ШУДААСТ. ДАР ФАЪОЛИЯТИ ХУД НДҚМ ДИҚҚАТИ АВВАЛИНДАРАҶАРО БА СОҲАҲОИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ СОХТОРИ БЕХАТАРӢ ВА ИСЛОҲОТИ СОХТОРИ БЕХАТАРӢ МЕДИҲАД. ФАЪОЛИЯТИ МАРКАЗ БА ДАСТГИРИИ ТАЪСИСИ ОН СОХТОРҲОИ БОСАМАР ВА БЕСАРФАИ БЕХАТАРӢ, КИ БА ДАВЛАТ ВА ШАҲРВАНДОН ҲИСОБОТДИҲАНДААНД, АСОС ЁФТА, ДАРК МЕКУНАД, КИ БЕХАТАРӢ, ПЕШРАВӢ ВА ВОЛОИЯТИ ҲУҚУҚ ИН ЗАМИНАИ ҶУДОНОПАЗИРИ СУЛҲИ УСТУВОР БА ҲИСОБ МЕРАВАНД.

НДҚМ БО ПРИНСИПҲОИ БЕДАХОЛАТӢ, БЕҒАРАЗӢ, ИДРОКИ ГЕНДЕРӢ ТАКЯ КАРДА ҶАВОБГАРИИ ҲАМКОРОН ДАР ҶОЙҲО ҲАМЧУН  АСОС БАРОИ ДАСТГИРИИ ҚОНУНӢ ВА МАҚСАДНОКИ РАВАНДҲОИ ИСЛОҲОТӢ БАРОМАД МЕКУНАНД.

ДАФТАРИ АСОСИИ НДҚМ ДАР ЖЕНЕВА, ШВЕЙТСАРИЯ ҚАРОР ДОРАД. МАРКАЗ ДОРОИ НАМОЯНДАГИҲОИ ДОИМӢ МЕБОШАД, КИ ОНҲО ДАР БЕЙРУТ, БОЮССЕЛ, ЛЮБЛЯНА, РАМАЛЛА, ТРИПОЛИ ВА ТУНИС ҚАРОР ДОРАНД. АЙНИ ЗАМОН АЪЗОЁНИ ФОНДИ НДҚМ 61 ДАВЛАТ ВА 6 МУШОҲИД АЗ ТАМОМИ ДУНЁ МЕБОШАНД.

ДКВС

ЖЕНЕВСКИЙ ЦЕНТР ДЕМОКРАТИЧЕСКОГО КОНТРОЛЯ НАД ВООРУЖЕННЫМИ СИЛАМИ (ДКВС) ЯВЛЯЕТСЯ МЕЖДУНАРОДНЫМ ФОНДОМ, СОЗДАННЫМ В 2000 Г. ПО ИНИЦИАТИВЕ ШВЕЙЦАРСКОГО ПРАВИТЕЛЬСТВА. В СВОЕЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ДКВС УДЕЛЯЕТ ПЕРВОСТЕПЕННОЕ ВНИМАНИЕ СФЕРАМ ГОСУДАРСТВЕННОГО УПРАВЛЕНИЯ СЕКТОРОМ БЕЗОПАСНОСТИ И РЕФОРМИРОВАНИЯ СЕКТОРА БЕЗОПАСНОСТИ. РАБОТА ЦЕНТРА В ПОДДЕРЖКУ СОЗДАНИЯ ЭФФЕКТИВНЫХ И НЕЗАТРАТНЫХ СЕКТОРОВ БЕЗОПАСНОСТИ, ПОДОТЧЁТНЫХ ГОСУДАРСТВУ И ЕГО ГРАЖДАНАМ, ОСНОВЫВАЕТСЯ НА ОСОЗНАНИИ ТОГО, ЧТО БЕЗОПАСНОСТЬ, РАЗВИТИЕ И ВЕРХОВЕНСТВО ПРАВА ЯВЛЯЮТСЯ НЕОТЪЕМЛЕМЫМИ ПРЕДПОСЫЛКАМИ ПРОЧНОГО МИРА.

ДКВС РУКОВОДСТВУЕТСЯ ПРИНЦИПАМИ НЕЙТРАЛИТЕТА, НЕПРЕДВЗЯТОСТИ, ГЕНДЕРНОЙ ВОСПРИИМЧИВОСТИ И ОТВЕТСТВЕННОСТИ ПАРТНЕРОВ НА МЕСТАХ В КАЧЕСТВЕ ОСНОВАНИЯ ДЛЯ ПОДДЕРЖКИ ЛЕГИТИМНЫХ И ЦЕЛЕНАПРАВЛЕННЫХ ПРОЦЕССОВ РЕФОРМ.

ГЛАВНЫЙ ОФИС ДКВС РАСПОЛОЖЕН В ЖЕНЕВЕ, ШВЕЙЦАРИЯ. У ЦЕНТРА ЕСТЬ ПОСТОЯННЫЕ ПРЕДСТАВИТЕЛЬСТВА В БЕЙРУТЕ, БРЮССЕЛЕ, ЛЮБЛЯНЕ, РАМАЛЛЕ, ТРИПОЛИ И ТУНИСЕ. В НАСТОЯЩЕЕ ВРЕМЯ ЧЛЕНАМИ ФОНДА ДКВС ЯВЛЯЮТСЯ 61 ГОСУДАРСТВО И 6 ПОСТОЯННЫХ НАБЛЮДАТЕЛЕЙ СО ВСЕГО МИРА.